ЗИНАТИ ИНСОН СЕ ЧИЗ АСТ: ИЛМ, МУҲАББАТ ВА ОЗОДӢ

# АНВОРИ ДОНИШ



E-mail: anvor.donish@kgu.tj Нашрияи Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ*
www.anvor.tj №3 (339) 15-уми апрели соли 2023, шанбе (оғози нашр: соли 1994)




Ҳадафи пешниҳоди эълони Соли ҳифзи пиряхҳо ҷалби таваҷҷуҳи ҷомеаи ҷаҳонӣ ба ин масъалаи мубрам ва муттаҳид сохтани талошҳо барои андешидани чораҳои қатъӣ ҷиҳати коҳиши ин раванд, устувор сохтани ҷомеа ва иқтисоди кишварҳо ба таъсири он мебошад.

Мо интизор дорем, ки қатъномаи Маҷмаи Умумии Созмони Милали Муттаҳид оид ба ин масъала барои пешбурди ин раванд заминаи мусоид фароҳам хоҳад овард.

Мавриди зикр аст, ки қатъномаи мазкур санаи 21 мартро ҳамчун "Рӯзи ҷаҳонии пиряхҳо" муайян намуд.

Бо дарназардошти ин, шурӯъ аз соли 2025 ҷаҳон се рӯз пайи ҳам аз 21 то 23 март ҷашнҳои марбут ба об, яъне Рӯзи пиряхҳо, Рӯзи захираҳои об ва Рӯзи обуҳавошиносиро таҷлил хоҳад кард.

Эмомалӣ РАҲМОН

## ТОБИШИ ФАРРУ ШУКӮҲИ КАЁНӢ ЗИ МИНБАРҲОИ БОНУФУЗИ ҶАҲОНӢ




## ТОҶИКИСТОН КИШВАРИ ҶАВОН АСТ




## ТАҶЛИЛИ БОШУКУҲИ НАВРӮЗИ БАЙНАЛМИЛАЛӢ




## НАМУНАИ ДАВРОН




## ТААССУРОТ АЗ ҚАДАМҶОИ УСТОД АЙНӢ




## ХУШХАБАРҲОИ ИЛМӢ




## ХИЁНАТ АМАЛИ НОБАХШИДАНИСТ!



*Бирав, бо халқ хушгӯ бошу хушхӯ,*
*Ки хун аз тарбият шуд мушки хушбӯ.* Носири Хусрав

Анвори дониш
№3 (339), ШАНБЕ, 15.04.2023

# ТОБИШИ ФАРРУ ШУКӮҲИ КАЁНӢ ЗИ МИНБАРҲОИ БОНУФУЗИ ҶАҲОНӢ

**(Мулоҳизоте чанд перомуни ташаббуси ҷаҳонии Пешвои миллат оид ба ҳифзи пиряхҳо)**



*Раҳмон Дилшод Сафарбек, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор, ректори Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ*

Ташаббусҳои муваффақонаи байналмилалӣ, суханрониву масъалагузориҳо, раёсату роҳнамоиҳои Пешвои муаззами миллати тоҷик, ворисикамаддуни оламшумули ориёӣ, меросбари фарҳанги деринбунёди давлатдорӣ, ҳомили руҳияи адолатгустар ва маниши бузургу фаромиллии ниёгони хирадсолор, таҷаллии воқеии ғояҳои пиндору гуфтору рафтори нек, пешоҳанги ҳалли масоили марбут ба обу иқлим ва таъмини рушди устувори кишварҳои олам, Асосгузори дипломатияи об дар ҷаҳон, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз минбарҳои бонуфузи ҷаҳонӣ бо забони нобу шевои тоҷикӣ тобишу дурахши фарру шукӯҳи каёниро мемонад, ки аз нурпошии он таърихи деринаи миллат, сиёсати сулҳҷӯёнаи имрӯзаи давлат ва ҳам ояндаи амну босуботи аҳли башар равшан мегардад.

Раёсати Сарвари тоҷикони ҷаҳон дар Конфронси беназиру таърихии Созмони Милали Муттаҳид оид ба шарҳи фарогири миёнамуҳлати ҳадафҳои Даҳсолаи байналмилалии амал "Об барои рушди устувор, солҳои 2018-2028", ки санаҳои 22-24 марти соли 2023 дар шаҳри Ню-Йорки Иёлоти Муттаҳидаи Амрико доир шуда, бузургтарин ҳамоиш дар 50 соли охири фаъолияти ин созмони бонуфузтарини ҷаҳон ба ҳисоб меравад, натиҷаи сиёсати хориҷии муваффақонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва истиқболи ҷомеаи ҷаҳонӣ аз ташаббусҳои байналмилалии дархӯри манфиатҳои умуми Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон буда, мояи ифтихору сурур ва таҳрикбахши ҳар як тоҷику тоҷикистонӣ, инчунин ҳар як сокини худогоҳи сайёра баҳри татбиқи иқдомҳои наҷибу созанда, муносибати огоҳонаву оқилона нисбат ба сарватҳои табиат, саъю талоши муштарак ҷиҳати расидан ба Ҳадафҳои рушди устувор, ҳифз ва боқӣ гузоштани сайёраи аз ҷиҳати экологӣ муносиб барои наслҳои оянда арзёбӣ мегардад.

Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зимни суханрониҳои хеш дар конфронси мазкур ва чорабиниҳои канории он - "Об ва Наврӯз - ду сарчашмаи ҳаёти башар", "Об моро муттаҳид месозад", "Харитаи роҳ барои соли 2025: Соли байналмилалии ҳифзи пиряхҳо" ва инчунин, дар мусоҳиба бо хабарнигори телевизиони СММ бори дигар зарурати таваҷҷуҳ зоҳир намудан ба масъалаҳои об, идора ва истифодаи об, талаботи рӯзафзуни аҳолӣ ба оби ошомиданӣ ва полезӣ, обшавии пиряхҳо, офатҳои табиии ба гармшавии ҳарорати ҳаво ва обшавии пиряхҳо алоқаманд, ҳамкории минтақавӣ дар ҳалли мушкилоти об ва дигар масъалаҳои ба об алоқамандро таъкид намуданд.

Пешвои муаззами миллат бо ибтикороти ҷаҳонии хеш тавонистанд, ки миллату халқиятҳои гуногун, давлатҳову иқтидорҳои ҷаҳон, ниҳодҳои минтақавию байналмилалиро баҳри ҳалли мушкилоти ҷойдоштаи сайёра, хоса масоили обу иқлим муттаҳид намуда, аз тарафи дигар, арзишҳои фарҳанги экологии халқи соҳибтамаддуни тоҷик, аҳли ҳавзаи Наврӯзи хуҷастаойинро дар сатҳи байналмилалӣ муаррифӣ ва тарғиб намоянд. Чунончи дар суханронии зебову пурмуҳтаво ва шукӯҳманди хеш зимни чорабинии канории Конфронс - "Об ва Наврӯз - ду сарчашмаи ҳаёти башар" иброз намуданд:

"Бино ба таълимоти Авасто, дар айёми Наврӯз эҳёи ҳаёт ва табиат дар шаш унсур, яъне: осмон, замин, об, наботот, ҳайвонот ва инсон зоҳир мегардад. Аз ҷумлаи онҳо, хусусан об - манбаи барқарории ҳаёт ва идомаи он, рамзи покизагиву ободӣ, файзу баракат ва саодату нишот мебошад.

Аз ин сабаб одамон дар замонҳои қадим дар арафа ва рӯзҳои Наврӯз ҷӯю наҳрҳоро тоза мекарданд, обҳоро меполиданд ва дар зарфҳои азим оби ошомиданӣ захира намуда, мутобиқ ба захираҳои об нақшаҳои кишоварзӣ ва дигар корҳои хоҷагидориро тарҳрезӣ менамуданд".

Мувофиқи арзёбии директори Институти масъалаҳои об, гидроэнергетика ва экологияи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, доктори илмҳои техникӣ Амирзода О., қариб 60% экосистемаи табиии ҷаҳонӣ, ки ба ин ё он тарз бо захираҳои об алоқаманд аст, бар асари шиддати равандҳои таъсироти ногувори антропогению тағйирёбии иқлим харобгардида ҳисобида мешавад. Вазъи мазкур ба ҳаҷм, ҳолат ва самаранокии захираи обҳои истифодашаванда, пеш аз ҳама, оби нӯшокӣ таъсири ногувор мерасонад. Аз ҷониби дигар, ҳамбастагии зичи об, муҳити зист ва иқлим зудтағйирёбанда гардида, ба афзоиши офатҳои гидрометеорологӣ мусоидат менамояд ва ба ин восита ба тамоми соҳаҳои фаъолияти хоҷагии халқ таъсири манфӣ меорад. Махсусан, тағйирёбии иқлим, ки пеш аз ҳама, аз ҳисоби таъсиррасонӣ ба захираҳои об ба ҳаёти ҳаррӯзаи одамон дигаргунӣ ворид менамояд, ҷомеаи ҷаҳониро ба мушкилоти бузург - обшавии босуръати пиряхҳо рӯ ба рӯ гардонидааст.

Захираи асосии обҳои тозаи сайёра пиряхҳо ба ҳисоб рафта, аз ҷумла захираҳои оби Тоҷикистон, ки манбаи асосии обҳои ҳавзаи баҳри Арал мебошанд, аз пиряхҳо ва барфҳои доимӣ ғизо мегиранд. Пиряхҳо захираҳои обро дар давраи гарми сол, ки барои обёрикунонӣ зарур аст, таъмин менамоянд. Аммо солҳои охир суръати обшавии пиряхҳо афзуда, ба соҳаҳои таъмини оби нӯшокӣ, тағйироти иқлим, ирригатсия ва гидроэнергетика, ки манбаи "энергияи сабз" мебошанд, таъсири манфӣ расонида истодааст. Зери таъсири тағйирёбии иқлим андоза ва ҳаҷми пиряхҳо, махсусан пиряхҳои ноҳияҳои кӯҳсор коҳиш меёбад. Барои мисол, дар Тоҷикистон танҳо дар 50 соли охир беш аз ҳазор пирях пурра об шуда, ҳаҷми умумии пиряхҳои ҷумҳурӣ ба андозаи тақрибан сеяк баробар кам гардидааст.

Аз нишондиҳандаҳои созмонҳои минтақавию байналмилалӣ бармеояд, ки дар ҷаҳон зиёда аз 750 млн нафар ба оби нӯшокии безарар дастрасӣ надошта, интизор меравад, ки бо назардошти афзоиши тадриҷии аҳолӣ, то соли 2030 қариб 40 дарсади аҳолии ҷаҳон ба мушкилоти норасоии об дучор мегардад. Ҳоло беш аз 3 млрд сокини сайёра аз норосоии оби тоза танқисӣ мекашад ва пешгӯйӣ мешавад, ки ин теъдод то соли 2025 ба 4 млрд мерасад.

Таҳлилҳои Бунёди СММ оид ба кӯдакон (UNICEF) нишон медиҳад, ки танҳо дар 10 мамлакати африқоӣ дар натиҷаи омӯзиши се таҳдиди марбут ба об - норасоии об, санитария, беҳдошту бемориҳои вобаста ба он ва инчунин, хатари тағйирёбии иқлим 190 млн кӯдак таҳти хатари нигаронкунанда қарор доранд. Мувофиқи арзёбии мазкур, минтақаҳои Африқои Ғарбӣ ва Марказӣ аз таъсири тағйирёбии иқлим бештар аз ҳама бо масъалаи норасоии об даргиранд.

Мувофиқи таҳлилҳои Ёрдамчии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои рушди иҷтимоӣ ва робита бо ҷомеа, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ Насриддинзода Эмомалӣ, мубрамияти масъалаҳои мазкур дар он низ зоҳир мегардад, ки мушкилоти мавҷуда дар масъалаи тақсимоти захираҳои об дар байни давлатҳои олам, ки ҳавзаҳои ягонаи обӣ доранд, таҳдид ба сар задани муноқиша ва тазодҳои манфӣ дорад. Дар миқёси ҷаҳон беш аз 240 рӯди фаромарзӣ ва байнидавлатӣ мавҷуд аст, ки беш аз 170 мамлакати гуногуни дунё аз онҳо истифода мекунад ва ин раванд ҳалли мусолиҳатомез ва дурнамосозро тақозо менамояд.

Дарки ҳамин воқеияти табиии сайёра аст, ки масоили тағйирёбии иқлим, норасоии оби ошомиданӣ, обшавии пиряхҳо ва таъмини амнияти экологии инсоният, зарфи бист соли охир дар меҳвари ташаббусҳои байналмилалии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор доранд.



Чунончи Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зимни мусоҳибаи хеш ба хабарнигори телевизиони СММ дар доираи Конфронси СММ-2023 иброз намуданд: "Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки вазъи захираҳои об дар сайёра, махсусан оби тоза зери таъсири амиқи таҳдидҳои гуногун, аз ҷумла тағйирёбии иқлим, афзоиши аҳолӣ, тамоюли шаҳрнишинӣ ва саноатикунонӣ сол то сол муташанниҷ гардида истодааст. Барои ноилшавӣ ба Ҳадафҳои рушди устувор, аз ҷумла ҳадафи 6-ум ва дигар ҳадафҳои ҳамоҳангшудаи байналмилалии марбут ба об моро зарур аст, ки талошу амалҳои худро дар ин самт афзоиш диҳем".

Ҳукумати мамлакат ҷиҳати татбиқи сиёсати экологӣ дар даврони соҳибистиқлолии кишвар дар заминаи ташаббусҳои байналмилалии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ислоҳоти соҳаи об, гузариш ба шаклҳои нави идоракунӣ, таъсиси институтҳои нав ва такмили қонунгузории соҳаро ба амал баровардааст.

Санадҳои меъёрию ҳуқуқии соҳа, бо назардошти ташаббусҳои байналмилалии Президенти кишвар таҷдид шуда, Кодекси оби Ҷумҳурии Тоҷикистон (№1688, аз 02.04.2020) ва қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи таъмини оби нӯшокӣ ва рафъи обҳои партов" (№1633, аз 19.07.2019), "Дар бораи ассотсиатсияи истифодабарандагони об" (№1668, аз 02.01.2020) дар таҳрири нав, "Барномаи ислоҳоти соҳаи оби Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2016-2025", "Барномаи беҳсозии таъминоти аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо оби тозаи нушокӣ барои солҳои 2008-2020", Барномаи давлатии азхудкунии заминҳои нави обёришаванда ва барқарорсозии заминҳои аз гардиши кишоварзӣ берунмонда дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2022-2027, Барномаи давлатии экологии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2009-2019, Барномаи давлатии комплексии рушди тарбия ва маърифати экологии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи то соли 2020, Барномаи давлатӣ оид ба омӯзиш ва нигаҳдории пиряхҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2010-2030, Консепсияи ҳифзи муҳити зист дар Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул карда шудаанд.

Дар Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон (моддаи 13) об ҳамчун моликияти истисноии давлат эътироф шуда, давлат истифодаи самараноки онро ба манфиати халқ кафолат медиҳад. Мақсад аз қабули Кодекси оби Ҷумҳурии Тоҷикистон "ҳифзи об аз ифлосшавӣ, олудашавӣ, камшавӣ, пешгирӣ ва бартараф намудани таъсири зараровари обҳо" арзёбӣ мегардад. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, дар баробари муайян намудани мақсад ва вазифаҳои истифодаи об, ҳамзамон, тадбирҳои татбиқи ҷазо барои риоя накардани талаботи санадҳои марбутаи захираҳои обӣ пешбинӣ шудааст. Мутобиқи моддаи 226 Кодекси ҷиноятӣ ва моддаи 173 Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ, нисбат ба шаҳрвандон, шахсони воқеӣ, мансабдор ва ҳуқуқӣ, барои ифлос ё олуда кардани обҳои рӯйизаминӣ ва манбаъҳои оби нӯшиданӣ, худсарона тасарруф кардани объектҳои об ва истифодаву тақсим намудани об, мутаносибан, тадбирҳои қонунии ҷазо ва ҷарима татбиқ карда мешавад.

Тоҷикистон ба 10 конвенсияи байналмилалии соҳаи муҳити зист шомил буда, ҳамчун кишвари соҳибистиқлол ва узви фаъоли созмонҳои минтақавию байналмилалӣ, рисолати хешро дар ҳалли масъалаҳои глобалӣ амалӣ менамояд.

Сарвари давлат, Пешвои тоҷикони ҷаҳон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон Конфронси оби СММ-2023-ро оид ба баррасии миёнамуҳлати фарогири татбиқи Даҳсолаи байналмилалии амал "Об барои рушди устувор, солҳои 2018-2028" дар сатҳи баланд роҳбарӣ ва назорат намуда, дар баробари суханрониҳои асоснок ва пешниҳодоти мушаххас дар маросими пӯшидашавии Конфронс аз уҳдадориҳои ба Рӯзномаи амалиёти об воридгардида истиқбол ва пайгирии татбиқи васеи онҳоро зарур арзёбӣ карданд:

"Рӯзномаи амал оид ба об бояд дар се ҳамоиши калидии дарпешистодаи Созмони Милали Муттаҳид, яъне Саммити ҳадафҳои рушди устувор-2023, Саммити оянда-2024 ва Саммити ҷаҳонӣ оид ба масоили иҷтимоӣ-2025 ва тавассути форумҳои солонаи сиёсии сатҳи баланд оид ба ҳадафҳои рушди устувор, конфронсҳои ҷонибҳои манфиатдор оид ба масоили иқлим, гуногунии биологӣ, инчунин дигар равандҳои Созмони Милали Муттаҳид ва албатта, Раванди оби Душанбе ба таври мушаххас пайгирӣ карда шавад".

Муътақид сохтани ҷомеаи ҷаҳонӣ, водор намудани созмонҳои байналмилалӣ ҷиҳати пазироии пешниҳоду ғояҳои мавриди назари хеш, сарҷамъ ва муттаҳид сохтани миллату халқиятҳои гуногун, давлатҳову иқтидорҳои ҷаҳон, ниҳодҳои минтақавию байналмилалӣ, бевосита ба уҳда гирифтани раёсати Конфронси беназиру васеъмиқёси таърихӣ ва назорату пайгирии уҳдадориҳои гирифтаи давлатҳо кори саҳлу осон набуда, силсилаи тадбирҳову масъалагузориҳои муназзаму мушаххас, аз ҷиҳати ҳуқуқиву дипломатӣ асосноку нозукбинона тарҳрезишударо тақозо менамояд. Истиқболи панҷ ташаббуси ҷаҳонии ҷониби Тоҷикистон оид ба масоили об ва қабули 9 қатъномаи марбут ба онҳо, раёсат дар Конфронси оби СММ-2023 гӯёи азми росих, иродаи матин, эътимоди қавӣ, завқи волои созандагиву беҳбудбахшӣ, пайгирии устуворонаи Пешвои муаззами миллат аз пешниҳодҳои манзуршуда то татбиқи амаливу борварии онҳост.

Мо ҷомеаи мадании кишвари озоду соҳибистиқлол, аҳли зиё, вакилони халқӣ, масъулони муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ва пажӯҳишгоҳҳои илмии мамлакат, омӯзгорону муҳаққиқон, олимону коршиносонро зарур аст, ки ташаббусҳои ҷаҳонии Пешвои муаззаму маҳбуби миллат, Президенти кишвар, Асосгузори дипломатияи об дар ҷаҳон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмонро, ки бо фарру шукӯҳи каёнӣ, чеҳраи тобноки ориёнӣ, лафзи ширини тоҷикона, қалби бузургу ғояҳои некманишона нигини минбарҳои бонуфузи олам гаштаанд, васеъ ташвиқу тарғиб намуда, баҳри татбиқи бемайлони онҳо, сафарбарсозии олимону муҳаққиқон баҳри омӯзишу пажӯҳиши масоили марбут ба обу иқлим ва обшавии пиряхҳо, огаҳии бештар, саҳмгузории назаррас, ангезаи афзуни шаҳрвандон ҷиҳати ҳиссагузорӣ дар таъмини муҳити зисти солим, рушди устувори Ватани азизу маҳбуб пайваста талош ва иқдомҳои судмандро рӯйи кор оварем.

# НАМУНАИ ДАВРОН

**Ғановатмандии олами ботинӣ ва маънавии устод аз сиришти поки асолати аҷдодӣ, ҷавонмардӣ, хоксорию фурутанӣ, меҳнатдӯстию меҳнаткаринӣ ва рисолати шоистаи омӯзгорӣ бунёд ёфтааст.**

***Ҳиммат баланд дор, ки***
***мардони рӯзгор,***
***Аз ҳиммати баланд***
***ба ҷойе расидаанд.***

Қадру қимат ва манзалати ҳар як шахс дар ҷомеа ба рафтору гуфтор ва муносибати ӯ вобаста аст, зеро шахсият ва қадршиносияшро атрофиён баҳо дода, мувофиқ ба мавқеъ ва хизматҳояш ӯро эътироф мекунанд ва меписанданд. Барои ба атрофиён мақбул гардидан инсон мекӯшад, то роҳи росту ҳақро пайдо ва дар ҷодаи ҳақиқату адолат талош кунад ва то ба охир содиқ монад. Нафарони соҳибхиради дарёдил дар ин ҷода мекӯшанд, ба андозаи маърифати хеш тавассути хираду дониш муваффақ бошанд. Ва чунин шахсиятҳои фарҳангӣ ҷомеаро метавонанд бо илму хиради нофеи худ бобаракат гардонанд. Онҳо дар умри босамари хеш фақат як рисолат доранд, яъне мехоҳанд, ки ҷомеаро бомаърифату босавод кунанд, зеро ба гуфти Саъдии бузургвор:

***Шарафи мард ба илм асту***
***каромат ба суҷуд,***
***Ҳар ки ин ҳар ду надорад,***
***адамаш беҳ зи вуҷуд.***

Аз ҷумлаи чунин шахсиятҳои фарҳангӣ устод Куган Изатуллоев мебошад, ки умри азизи хешро сарфи илм ва таълиму тарбия карда, дар ин ҷода ба дастовардҳои воло ноил гардидааст.

Камина, шогирди устоди хирадманду бозаковат, фурутану хоксор, омӯзгори асилу донишманд, дотсент Куган Изатуллоев ва ҳар сари чанд вақт ба аёдаташ рафта, аз ҳолу аҳволашон бохабар мегардам ва муҳим аз ҳама он аст, ки бо ҳамин васила аз суҳбати пурмӯҳтавою ниҳоят мароқовари он кас, ки ҳар як каломашон ҷанбаи панду насиҳат доранд, баҳраманд мегардам.

Бо амри тақдир дар айёми таҳсил, тадрис ва пажӯҳиш аз як қатор донишмандон ва омӯзгорони мумтозу арҷманд, ки аз қабили Раҳматулло Акбаров, Самариддин Каримов, Шарифзода Ҷумъа Шариф, Фариддун Шарипов, Ислом Ғуломов, Ҷумъахон Алимӣ, Мансур Нӯъмонов, Раҷабов Тағаймурод, Нуров Абдулбоқӣ, Саторов Э., Туйчӣ Маҳмудов, Абдулло Табаров, Абдуллоев Маҳмуд Холович, Абдулҳаким Абдулазизов, Неъматов А., Исроилов С., Сайдалиев Азиз, Арабова З., Қурбонбӣ Даминова, Ҳамидов Маҳмадалӣ, Маҳмадулло Ибодов, Абдулвоҳидов Абдусаттор, Ҷурахон Ғуломов, Кенҷамо Маҷидова, Дилором Исоева, Тағоймурод Назаров, Муродалӣ Набиев, Худойдодова Шарофат, Давлатов Толқун, Табарова Зарторбӣ, Изатова Муҳаббат, Садбарг Шералиева ва чанде дигар сабақи пурсуд бардоштаам ва ҳамчун шогирд аз раҳнамоӣ ва дастурҳои эшон ҳамеша шукргузорӣ дорам. Шукр аз он дорам, ки тақдир маро ба ин омӯзгорони донишманд рӯ ба рӯ сохт ва дар қатори онҳо устоди гиромиқадри ман Куган Изатуллоев низ буданд.

Дафтари хотираҳоро варақ мезанаму пеши назар симои ин устодони муътабарам, аз ҷумла, Куган Изатуллоев, шахсияти фарҳехтаю наҷиб, донишманду ҳунаромӯз ҷилвагар мегардад. Ин устоди хирадманд ва инсони наҷиб баъди хатми факултети математика ва физикаи Институти давлатии педагогии ба номи Т.Г.Шевченкои шаҳри Душанбе (ҳозира Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ) муддате дар мактаби миёнаи "Комсомол" ба ҳайси муаллими фани математика фаъолият намудааст.



Соли 1966 дар озмуне, ки Институти давлатии педагогии Кӯлоб (феълан Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ) барои ишғоли вазифаи муаллими кафедраи математикаи элементарӣ ва методикаи таълими он эълон карда буд, иштирок намуда, аз озмун бомуваффақият мегузаранд.

Хонандагони синфи 8 "б", ки устод Изатуллоев роҳбари синфашон буданд ва хотирае менамоем, ки Президентиояндаи мамлакат Эмомалӣ Раҳмонови наврасу қобилиятнок низ дар ҳамин синф таҳсил мекард, аз ин огоҳӣ ёфта, ба наздашон омада аз устод хоҳиш намуданд, ки мо мактабро хатм накунем, Шумо ба ҳеҷ куҷо намеравед. Хонандагони фаъоли синф Кенҷаев Қосим ва Эмомалӣ Раҳмонов аз номи гурӯҳ эҳтиромона хоҳиш намуданд: "Муаллими азиз, то моро ба ҳаёти мустақилона гусел нанамоед, розӣ нестем моро тарк намоед. Вақте ки мактабро хатм намудем, баъд бароятон иҷозати рафтанро медиҳем. Илтимоси аҳли синф ҳамин аст ва дастаҷамъона мепурсем, ки моро дар нимароҳ намонед..." Ва ҳамин тавр ҳам шуд.

Соли 1970 баъд аз он, ки хонандагони синфашро ба ҳаёти мустақилона гусел намуданд, дар озмун иштирок намуда, аз озмун бомуваффақият гузаштанд ва аз 2-юми сентябри соли фавқ дар Институти давлатии педагогии Кӯлоб (ҳозира Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ) ба ҳайси омӯзгор дар кафедраи дар боло номбаршуда ба фаъолият оғоз бахшиданд.

Устод дар давоми фаъолияти педагогии худ дар баробари ба таълиму тарбияи донишҷӯён шуғл варзидан, ҳамчунин дар вазифаҳои муаллими калон, дотсенти кафедраи методикаи таълими ибтидоӣ, мудири кафедраи методикаи таълими ибтидоӣ, ҷонишини декани факултети педагогика, декани факултети математика, профессори кафедраи фанҳои табиию риёзӣ ва методикаи таълими факултети омӯзгорӣ ва фарҳанг ва айни замон, ба ҳайси мушовири ректори Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуадбдуллоҳи Рӯдакӣ фаъолият намуда истодаанд. Ин устоди варзида дар ҳама вазифаҳои хидматиаш баҳри рушду нумуи соҳаи маориф, фаъолияти Донишгоҳ, тарбия ва тайёр намудани мутахассисон ҳамеша ғамхорӣ зоҳир намуда, дар тайёр намудани олимони соҳаи математика саҳми арзанда доранд.

Ғановатмандии олами ботинӣ ва маънавии устод аз сиришти поки асолати аҷдодӣ, ҷавонмардӣ, хоксорию фурутанӣ, меҳнатдӯстию меҳнаткаринӣ ва рисолати шоистаи омӯзгорӣ бунёд ёфтааст. Устод олими дақиқназар, инсони шарифу нармгуфтор, омӯзгори навовар буда, байни аҳли маорифи ҷумҳурӣ ба кору амали неки созанда, фидокорӣ, ҳақбинию ҳақталошӣ ва поктинатии хеш соҳибмақом аст. Шогирдонро ҳамеша ба донишандӯзию ҳунаромӯзӣ, хизмати содиқона ба мардум ва маърифатгароӣ даъват менамоянд. Шахсияти устод барои ҳар яке аз мо кормандон намунаи ибрат ва шоистаи пайравӣ мебошад.

Айни замон устод Куган Изатуллоев бо иродатмандӣ ҷодаи пуршарафи хешро идома мебахшанд ва хушбахтона, ҳамоно чобуку фаъол, боғайрату пешсаф аст, рӯҳи тавонову устувор доранд ва пайваста дар тарбияву камолоти мутахассисони соҳавӣ нақши шоиста мегузоранд.

Беш аз 22 сол мешавад, ки бо устоди гиромиқадр пайванди маънавӣ дорам. Аз файзу хираду суҳбатҳояшон бархӯрдорам. Аз зиндагии шоиста ва ибратомӯзи чунин устодон бармеояд, ки дар ҳақиқат тухмӣ дар дили марзи пок пошиданд ва бо нияти нек обёрӣ карданд ва дар сояи амният ва адолат ба самар расониданд.

Кас агар дар суҳбати устод бошад, гумон мекунад, ки ӯ адабиётшинос аст, на риёзидон. Аз эҷоди шоирони классик ва муосир ашъори зиёде медонанд ва аксар вақт афкори хешро бо порчаи шеърие ва ё байте аз шоирони шинохтаву забардасти ниёгону муосир ҷамъбаст ва хулосабарорӣ менамоянд.

Агар дар бораи хислатҳои неки устод достон нависем, кам аст ва дар як мақолаи кӯтоҳакак мо ҳар он чӣ гуфтание дорем, гуфта наметавонем, зеро кору фаъолияти устод хеле васеъ ва доманадору ибратомӯз аст ва танҳо ҳаминро гуфтанием, ки устоди мо намунаи даврон аст.

Фоли нек аст, ки устод имсол ба синни муборики 85 медароянд. Дар ин арафа устоди донишманд Куган Изатуллоевро сидқан таҳният мегӯем, ба устод саломатӣ ва давлати пирӣ таманно дорам. Ҳамеша устод дар ҳалқаи шогирдон ва хешону пайвандон осудаҳол ва сарбаланд бошанд.

***Маҳрамбӣ АКБАРОВА,***
***номзади илмҳои педагогӣ,***
***мудири кафедраи фанҳои***
***табиию риёзӣ ва методикаи***
***таълими онҳо***

## • Шеъри рӯз




*Масъуди Сипанд*

### МАН ОРИЁИЯМ!

*Аз насли офтоб*
*Аз шаҳди моҳтоб*
*Аз авҷи қалъаҳои сарафроз*
*Аз қаъри дарраҳои дилафрӯз*
*Хоки вуҷуди ман*
*Анбӯҳе аз ғубори тамомии қарнҳост*
*К-аз гирдбоди ҳодисаҳо ҷон гирифта аст*
*Гармои дасти ман*
*Аз ҳурми даштҳои таболӯд монда аст*
*Барқи нигоҳи ман*
*Ойини меҳрро*
*Аз чашми чашмаҳои сафобахш хонда аст*
*Ман ориёиям*
*Дар боғи фикри ман*
*Зарду сиёҳу сурх ҳама гулҳои ҳастианд*
*Сар доштан агар чи гоҳ нишоне зи сарварист*
*Аммо ...*
*Дар фикру зикри ман*
*Инсоният иёри бузургиву бартарист*
*Шерозаи китоби дилам ишқу зиндагист*
*Ман душманам ба ҳар чи ғуломиву бандагист*
*Ман ориёиям*
*Аз насли офтоб*
*Хуршед нурро*
*Дар чорсӯи синаи ман ҷор мезанад*
*Ҳар кас ба вусъи хеш*
*Меҳр аз сафову содагиям бор мезанад*
*Ман ориёиям*
*Тӯсу Хуҷанду Кобулу Шерозу Қуния*
*Ҳастанд ҳар кадом яке ҷонпаноҳи ман*
*Зардушт бо се панд шуда қиблагоҳи ман*
*Ман ориёиям*
*"Қуръон"-и ман китоби ғазалҳои Ҳофиз аст*
*"Шоҳнома" авҷи пуштувонайи фарҳангии ман аст*
*Исломи ман ба Каъбаи дил мебарад намоз*
*Имони ман ба дори аналҳаққ дар эҳтизоз*
*Ман ориёиям*
*Дар ҳар куҷо зи меҳани ман ном мебаранд*
*Бе ихтиёр бар рухи ман ашк меравад*
*Орому гарму нарм*
*Чун оҳӯвони гумшуда дар паҳнаи Кавир*
*Дар ашки ман ҳамеша шафақ мавҷ мезанад*
*Ман солҳост*
*Бо ин шароби куҳнаи худ хӯ гирифтаам*
*Пайванди ман ба меҳани ман ногусастанист*
*Ман ... ориёиям*

# ДУРДОНАҲОИ БУЗУРГОН

Барои сартарош муҳим нест, ки сари доноро метарошад, ё нодонро…

XXXX

Дар муаррифии китоби "нависандае" ҳафт нафар суханронӣ карданд: онҳое, ки якбобӣ навишта буданд…

XXXX

Онҳое, ки кӯмак доданашонро намоиш медиҳанд, гирифтанашонро пинҳон кардан мехоҳанд…

XXXX

Да[redacted] ҳамаи замонҳо ашрофзодаҳо[redacted] ашрофзодаҳо месозанд…

XXXX

За[redacted]мона китобҳоро аз рӯи ғаф[redacted]машон баҳо медиҳад, маъ[redacted]иҳоро аз рӯи борикиашон[redacted]

XXXX

Д[redacted]рӯз пул, мол, хона, мошин надошту менолид: "Чизе надорам!"

Имрӯз пул, мол, хона, мошин дораду … чизе надорад…

XXXX

Маймуне, ки аз Одам меҳаросад, худро хушбахт ҳисоб мекунад.

XXXX

Дарди сару дандону пойҳо монананд, давояшон фарқ мекунад.

XXXX

Пирӣ хотираҳоро ба фардо, умедҳоро ба дирӯз мебарад ва бехабар имрӯзро аз даст медиҳад…

XXXX

Мӯяшро сиёҳ намуду ришашро не. Рӯяшро эҳтиёт кард…

*Забоне, ки андар сараш магз нест,*
*Агар дур бибора, ҳамон нагз нест. Абулқосим Фирдавсӣ*



# ХУШХАБАРҲОИ ИЛМӢ

**Моҳҳои феврал ва март барои ҳайати профессорону омӯзгорони Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ бобаракаттарин моҳҳо ба шумор мерафт, зеро дар ин моҳҳо унвонҷӯёни зиёде рисолаҳои номзади худро дифоъ намуданд. Ин дастоварди бузург ба шумор меравад.**



Таърихи 22.02.2023 Раҳимов Абдулқосим, саромӯзгори кафедраи забоншиносӣ ва таърихи забони Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ дар мавзуи "Таҳқиқи муқоисавии унсурҳои луғавии мовароуннаҳрии "Ғиёс-ул-луғот" бо шеваи ҷанубиву шимолии муосири тоҷикӣ" барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯи ихтисоси 10.02.20 - Забоншиносии муқоисавӣ - таърихӣ зери роҳбарии доктори илми филология, профессор Ҳасанзода Абдуҷамол Ашраф дар Шӯрои диссертатсионии Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров бомуваффақият дифоъ намуд.

XXXX



Рӯзи 22.02.2023 Суфиев Садриддин, мудири кафедраи таърихи халқи тоҷики Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ дар мавзуи "Ҳамкориҳои илмӣ-адабӣ ва фарҳангии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Ҷумҳурии Ҳиндустон ва Ҷумҳурии Покистон (охири асри XX ибтидои асри XXI) " барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯи ихтисоси 07.00.15-Таърихи муносибатҳои байналмилалӣ ва сиёсати хориҷӣ (илмҳои таърих) зери роҳбарии доктор илмҳои таърих, профессор Олимов Музаффар Абдуваққосович дар Шурои диссертатсионӣ 6D.КОА-030 дар назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон бомуваффақият дифоъ намуд.

XXXX



Санаи 24.02.2023 Яқубзода Фируз Нурмат, саромӯзгори кафедраи сиёсатшиносии Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ рисолаи номзади худро дар мавзуи "Давлати дунявӣ ва хусусиятҳои муҳими он дар замони тағйирпазирии ҷомеа (дар мисоли Ҷумҳурии Тоҷикистон)" барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои сиёсӣ аз рӯйи ихтисоси 23.00.02 - Ниҳодҳо, равандҳо ва технологияҳои сиёсӣ, зери роҳбарии доктори илмҳои сиёсӣ, профессор, ноиби президенти Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон Муҳаммад Абдураҳмон Наврӯз дар нази ҷаласаи Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-001 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон бомуваффақият дифоъ намуд.

XXXX

Санаи 25.02.2023 Гулматов Маҳмадалӣ, саромӯзгори кафедраи фанҳои табиию риёзӣ ва методикаи таълими



Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ рисолаи номзади худро дар мавзуи "Маҷмаъ-ул-арқом"-и Мирзо Бадеи Девон чун манбаи таърихи математикаи Аморати Бухорои асри XIX - аввали асри XX" зери роҳбарии номзади илмҳои физика ва математика, дотсент, ходими пешбари шуъбаи таҳқиқоти назариявӣ, таърихи иқтисод ва афкори иқтисодии Институти иқтисод ва демографияи АМИ Тоҷикистон, узви вобастаи Академияи муҳандисии Ҷумҳурии Тоҷикистон Холов Маҳмудҷон Шарипович ҳимояи рисолаи номзадиашро дар ҷаласаи Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА.061 назди Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав, аз рӯи ихтисоси 07.00.10 - Таърихи илм ва техника (таърихи математика) бомуваффақият дифоъ намуд.

XXXX



Таърихи 16.03.2023 Ҷалилова Анварбӣ, саромӯзгори кафедраи умумидонишгоҳии забони тоҷикии Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ дар мавзуи "Унсурҳои забони омиёна дар ашъори Ашӯр Сафар" рисолаи номзадиашро барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филология аз рӯйи ихтисоси 10.02.01 - Забони тоҷикӣ зери роҳбари доктори илмҳои филологӣ, профессор Шаҳбоз Кабиров дар ҷаласаи Шӯрои диссертатсиони 6D.КОА-022 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон муваффақона дифоъ намуд.

XXXX



Рӯзи 16.03.2023 Кенҷаева Озодамо, саромӯзгори кафедраи забоншиносӣ ва таърихи забони Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ рисолаи номзадии худро дар мавзуи "Вижагиҳои луғавӣ ва лексикию маъноии феълҳои таркибии номӣ дар насри бадеии Сотим Улуғзода" рисолаи номзадиашро барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.01 - Забони тоҷикӣ зери роҳбарии доктори илмҳои филологӣ, профессор, Корманди шоистаи Тоҷикистон Ҷумъахон Алимӣ дар назди ҷаласаи Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-022 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон бомуваффақият дифоъ намуд.

XXXX

Санаи 17.03.2023 Тешаев Мирзошариф, саромӯзгори кафедраи молия ва қарзи факултети моливию иқтисоди рисолаи номзадияшро дар мавзуи "Механизми ташкилӣ - иқтисодии истифодаи самараноки захираҳои замин дар минтақа (дар мисоли заминҳои обёришавандаи минтақаи Кӯлоби вилояти Хатлон)" зери роҳбарии номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент Шералиев Эмомалӣ Нуралиевич барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯи ихтисоси 08.00.03- Иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ дар Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-014-и назди Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон муваффақона дифоъ намуд.



XXXX



Рӯзи 28.03.2023 Саидова Нилуфар, саромӯзгори кафедраи забоншиносӣ ва типологияи муқоисавии Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ рисолаи номзадии худро дар мавзуи "Таҳлили луғавӣ - грамматикии зарф дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ (дар асоси маводи "Ёддоштҳо"-и Садриддин Айнӣ)" барои дарёфи дараҷаи илмии номзади илми филология, аз рӯи ихтисоси 10.02.20 - забоншиносии муқоисавии таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ зери роҳбарии доктори илми филология, профессори Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ Ҷаматов Саймиддин дар ҷаласаи Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-21 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон бомуваффақият дифоъ намуд.

XXXX



Таърихи 30.03.2023 Қаюмова Мубина, унвонҷӯйи кафедраи забоншиносӣ ва таърихи забони Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ дар мавзуи "Антропонимияи Кӯлоб ва атрофи он (таҳқиқи забоншиносӣ)" рисолаи номзадиашро барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филология аз рӯйи ихтисоси 10.02.01 - забони тоҷикӣ зери роҳбарии доктори илми филология, профессор, Корманди Шоистаи Тоҷикистон Ҷумъахон Алимӣ дар ҷаласаи Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-021 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон муваффақона дифоъ намуд.

XXXX



Таърихи 31.03.2023 Сафаров Зулфиқор, саромӯзгори кафедраи молия ва қарзи Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ дар мавзуи "Ташаккулёбӣ ва рушди иқтидори инноватсионии муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ (дар мисоли муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон)" барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯи ихтисоси 08.00.06.02 - Идоракунии инноватсияҳо ва рақамикунонии равандҳои иҷтимоӣ - иқтисодӣ зери роҳбарии доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Файзулло Машраб Қурбоналӣ дар ҷаласаи Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-062 назди Донишгоҳи Славянии Россия ва Тоҷикистон муваффақона дифоъ намуд.

XXXX



Рӯзи 04.04.2023 Қурбонов Маҳмадӣ, саромӯзгори кафедраи психология, мутахассиси раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ дар мавзуи "Шароитҳои педагогии такмилёбии шуурнокии миллии донишҷӯён дар муҳити бисёрфарҳангии таҳсилоти донишгоҳӣ" зери роҳбарии доктори илмҳои педагогӣ Гулмадов Файз ҳимояи рисолаи номзадиашро дар ҷаласаи Шурои диссертатсионии 6D.КОА-022 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ва Академияи таҳсилоти Тоҷикистон аз рӯи ихтисоси 13.00.01-Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот (илмҳои педагогӣ), бомуваффақият дифоъ намуд.

XXXX



Таърихи 06.04.2023 Исупов Шердил, саромӯзгори кафедраи таърихи халқи тоҷики Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ дар мавзуи "Хоҷагии қишлоқи вилояти Кулоби ҶШС Тоҷикистон дар солҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ (солҳои 1941-1945)" зери роҳбарии номзади илмҳои таърих, дотсент Сайнаков Сайнак Парпишоевич дар Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-035 дар Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи Аҳмади Дониши Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон рисолаи илмии худро барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020301 - Таърихи ватанӣ (таърихи халқи тоҷик) бомуваффақият дифоъ намуд.

### ЭЪТИБОР НАДОРАД

Дафтарчаи имтиҳонотие, ки соли 2019 Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ ба донишҷӯи соли 4-уми факултети физика ва математика (таҳсилоти фосилавӣ) Раҳимов Рамазон додааст, бинобар сабаби гум шуданаш аз эътибор соқит дониста шавад.

XXXX

Дафтарчаи имтиҳонотие, ки соли 2020 Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ ба донишҷӯи соли 2-юми факултети филологияи хориҷӣ Ҷамолиддини Бахтиёр додааст, бинобар сабаби гум шуданаш аз эътибор соқит дониста шавад.

XXXX

Дафтарчаи имтиҳонотие, ки соли 2017 Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ ба донишҷӯи соли 4-уми факултети иқтисод ва идора (таҳсилоти фосилавӣ) Раҷабов Акмал Назруллоевич додааст, бинобар сабаби гум шуданаш аз эътибор соқит дониста шавад.

XXXX

Дафтарчаи имтиҳонотӣ ва блети донишҷӯие, ки соли 2021 Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ ба донишҷӯи соли 1-уми факултети филологияи хориҷӣ ба Одинаев Олимҷон (таҳсилоти рӯзона) додааст, бинобар сабаби гум шуданаш аз эътибор соқит дониста шавад.

*Сухан гарчи бошад чу оби зулол,*
*Зи такрор хезад ғубори малол.* *Абдурраҳмони Ҷомӣ*



# САМАРҚАНД. ТААССУРОТ АЗ ҚАДАМҶОИ УСТОД АЙНӢ



Рӯзҳои 22-26-уми март мо ба Ҷумҳурии Ӯзбекистон сафар доштем ва дар ин 4 рӯз аксари ҷойҳои таърихиро тамошо карда, гузоришҳои видеоӣ омода намудем. Барномаи видеоии моро, ки дар бораи Хона-музейи устод Айнӣ буд, то имрӯз дар фесбуку ютуб зиёда аз 150 000 маротиба мардум тамошо карданд.

Дар ин сафар тақрибан 20 барномаи видеоӣ омода намудем. Сафари мо ба шаҳрҳои Самарқанд, Бухоро ва Тошкент сурат гирифт. Дар ин сафар моро Ҷомӣ Бахтзода, мудири Шуъбаи электронии Китобхонаи шаҳри Душанбе ба номи Абулқосим Лоҳутӣ ҳамроҳӣ мекарданд.

Замоне ки нахуст ба шаҳри Самарқанд ворид шудем, аввалин гузоришамон аз Хона-музейи устод Садриддин Айнӣ буд. Мо аз тамошову маълумоти гирифтаамон аз хонаи устод Айнӣ ҷаҳон-ҷаҳон маънӣ бардоштем. Пеш аз ба он ҷо рафтан бо адиб ва рӯзноманигор, донишманди фарҳехтаи мо, ки дар Самарқанд ба сар мебаранд ва дар корҳои ин хона-музей кӯмак мерасонанд устод Адаш Истад дар тамос шуда, хоҳиш кардем, то ба мо кӯмак намоянд ва маълумоти бештареро аз он ҷо дастрас кунем. Устод ҳама корашонро як сӯ гузошта, тақрибан 1,5 соат моро ҳамроҳӣ карданд. Сипос, ба устоди бузургвор Адаш Истад!

Бидуни шак ягона шоире, ки дар заминаи фаъолиятҳои маорифпарварии хеш адабиёти навини тоҷикро то нимаи аввали солҳои 50-уми асри XX инкишоф додааст, устод Садриддин Айнӣ мебошад. Яъне, ҷараёни ҳаёти ӯ дар ду давра - тоинқилобӣ ва замони шӯравӣ гузаштааст. Беш аз 30 соли ҳаёти ӯ ба давраи нави инкишофи адабиёту фарҳанги тоҷик иртибот мегирад. Ба ҳамин далел, 45 соли ҳаёти Садриддин Айнӣ, аз соли 1875 то соли 1920, ки сохтори амирсолорӣ аз байн бурда мешаваду Ҷумҳурии халқии Бухоро таъсис меёбад, ба давраи аввали рӯзгору фаъолияти донишандӯзиву маорифпарварӣ ва ҷадидии ӯ иртибот мегирад.

Дар Хона-музейи устод Садриддин Айнӣ нахуст апаи Назира моро ҳамроҳӣ карда, маълумоти ҷолиброро пешниҳод намуданд. Гуфтанд, ки: "Дар ин ҳавлӣ устод Айнӣ дуру дароз зиндагӣ кардаанд ва тамоми асарҳое, ки дар дунё машҳуранд, дар ҳамин ҷо навиштаанд. Дар утоқи кориашон, ки дар ин хона аст, устод китобҳои "Мактаби кӯҳна", "Одина", "Марги судхӯр", "Ҷаллодони Бухоро"-ро навиштаанд. Инчунин, романи "Дохунда" ва "Ғуломон"-ро низ дар ин ҷо навиштааст. Ин даргоҳро мо даргоҳи муқаддас меномем, чунки дар ин ҷо вақти дар ҳаёт будани устод Айнӣ бисёр шоиронy олимону нависандагони тоҷик, ӯзбек ва рус омада, ҳамсуҳбати Айнӣ шудаанд. Ин вохӯриҳо дар аксҳое, ки дар ин ҷо аст, нишон дода шудаанд. Мирзо Турсунзода, Раҳим Ҳошим, Абулқосим Лоҳутӣ, Николай Тихонов, Сотим Улуғзода ва дигарон ба ин ҷо омада, бо устод Айнӣ суҳбатҳо анҷом додаанд. Садриддин Айнӣ дар Самарқанд дар синни 40-солагӣ хонадор мешаванд ва дар ҳамин ҳавлӣ 3 фарзанди устод ба дунё омада, ба камол мерасанд: Холида, Камол ва Лутфия. Бо ҳамсарашон Салоҳат Айнӣ дар ин ҷо зиндагии ширин кардаанд."

Китобдону ҷолину чароғу ҳар чизе, ки дар ин ҷо ҳаст, аслӣ буда, рақамгузорӣ шудаанд, мӯҳр доранд ва дар муҳофизати давлат ҳастанд. Ин хона-музей давлатӣ буда, барои нигоҳ доштани ин экспонатҳо ҳар як корманди ин ҷо ҷавобгар мебошад. Ин экспонатҳо чун гавҳараки чашм нигоҳдорӣ мешаванд. Ин хона дар асри 19 сохта шудааст.

Апаи Назира гуфт: "Дар гузашта ин ҳавлӣ аз як самарқандии бойи миёнаҳол буда, устод Айнӣ аввал дар ин ҷо ҳамчун иҷоранишин зиндагӣ мекунанд ва баъдан онро харидорӣ менамоянд."

**Чӯбдорон бо чӯби якунимметрӣ ба тахтапушти бараҳнаи устод мезаданд. Бадани ӯ аввал сурх шуд, баъд нилӣ гардид ва сипас дар зери зарбаи чӯб парчаҳои гӯшти бадани устод ба ҳар тараф пош хӯрдан гирифтанд. Баъзе ҷоҳилони ҳайвонтабиат барои он ки садоқати хешро ба амир нишон диҳанд, бо дасту мушти худ Айниро мезаданд. Аммо дар ҳангомаи хунин одамоне низ буданд, ки дарун-дарун сӯхта, дуд аз димоғ бароварда, чакраҳои хуни ҷигар аз дидаҳо шашқатор мерехтанд.**

Сохтмони хона аҷоиб аст. Онҷунон мустаҳкам аст, ки ҳатто дар 10 балл заминҷунбӣ ҳеҷ зараре намебинад. Деворҳо бо хишти хом ва чӯбкорӣ сохта шуда, аз ду қабат иборатанд. Тирезаҳои хонаҳо хеле наздик ба замин ҳастанд, ки сири инро ба мо устод Адаш Истад гуфтанд: "Тирезаи тоҷикӣ аз қадим аз сатҳи замин сар мешуд, барои он ки тирезаи тоҷикӣ инсонро аз табиат ҷудо намекунад. Дар мо аввал дарреза мегуфтанд ва баъд тиреза шудагӣ ҳаст. Ҳамаи хонаҳои тоҷикӣ даҳлез дошт. Дар мо мебел намуд, аммо дар токчаҳо ҳама чизро нигоҳ доштан мумкин буд. Мо ҳиҷ гоҳ хонаро танг намекунем, хона бояд барҳаво бошад."

Устод Адаш Истад ҳагоми муаррифии хонаи устод Айнӣ як чизи ҷолиббро ба мо гуфтанд. Инро аксарият то ҳол намедонистанд. Ӯ аз ҷоннисориҳои устод Айнӣ барои ҳифзи ин миллат қисса карданд: "Он замон НКВД тафтиш мекард ва агар аз хонае китобҳои диниро меёфт, соҳибаш ҳар касе мебуд, ҳамон дам гум шуда мерафт. Устод Айнӣ барои навиштани китоби "Намунаи адабиёти тоҷик" ҳазорҳо китобро рафта, аз Бухорову дигар ҷо ҷамъ карда овардаанд. Абдуқодир Муҳиддинов гуфтанд, ки то мо "Намунаи адабиёти тоҷик"-ро навишта, Москва бурда чоп карда, исбот накунем, ки ҳамин хел адабиёти бузург дорем, моро ҷумҳурӣ шудан намемонанд, моро ҳамчун миллат эътироф намекунанд ва ҳамин корро устод Айнӣ бо кӯмаки молии Абдуқодир Муҳиддинов кардаанд. Абдуқодир Муҳиддинов барои ҳамин ҳавлиро харидан як халтача тилло ба устод Айнӣ туҳфа кардагӣ ҳастанд. Боз барои навиштани китоби "Намунаи адабиёти тоҷик" як халтача тиллои дигар ҳаққи қалам додаанд. Муҳиддинов одами сарватманд буданд ва ҳамон замон вазири маорифи Тоҷикистон ҳам буданд. Барои он ки китобҳоро НКВД ғорат накунад, устод Айнӣ дар ин ҳавлӣ таххона сохтаанд. Ман ҳисоб кардам, ки барои сохтани ин таххона 25 000 доллар сарф шудагӣ ҳаст. Устод Айнӣ худашон пул надоштанд, ин ҳама пулҳое буданд, ки Абдуқодир Муҳиддинов дода буд. Миллат ҳамон вақт миллат мешавад, ки чунин пуштибон дошта бошад. Дар замини ин таххона қариб 1 метр реги хушк рехтаанд, то китобҳо нам накашанд."

Мо ба ин таххона ворид шудем ва ҳазор аҳсану офарину дуруд бар рӯҳи устод Айнӣ фиристодем. Устод Айнӣ ҷонашонро дар кафи даст гирифта, "Намунаи адабиёти тоҷик"-ро навиштаанд. Барои он китобҳоро харидан хеле пул сарф намудаанд. Ҳамаи ин хизматҳоро ба инобат гирифта, ба устод Айнӣ баландтарин унвон - Қаҳрамони Тоҷикистонро додаанд.

Дар дохили хона ҳайкали устод Айнӣ гузошта шудааст, ки бо санги мармари сафеди аҷлухт сохта шудааст. Ин бисёр асари нодир аст.

Як хусусияти ҷолиби дигари хона ин аст, ки меҳмонхона аз хонаҳои оилавӣ тамоман ҷудо мебошад. Меҳмонхонаи устод Айнӣ дар аввали ҳавлӣ буда, бо девор аз хонаҳои оилавӣ ҷудо карда шудааст, яъне як ҳавлича бо хонаҳояш дар ихтиёри меҳмон мебошад, аммо ҳамон деворе, ки ҳавлиро ба ду қисмат ҷудо мекард, бардоштаанд ва устод Адаш Истад ҳам аз ин кор изҳори норозигӣ карда гуфтанд, ки бояд он девор дар ҷояш меистод ва ин фарҳанги мо ба шумор меравад.

Хонаи устод бисёр зебо ва мунаққаш аст, ки кас аз диданаш дар ҳайрат мемонад. Бисёр хонаи зебо, озода ва муборак аст.

Хулоса, тамоми либосҳову ашёҳое, ки устод Айнӣ истифода мебурданд, дар ин хона маҳфуз мебошанд. Ёдгориҳои нодир дар ин ҷо нигоҳдорӣ мешаванд.

Саид Нафисӣ мегӯяд, ки: "Осори бузурги Садриддин Айнӣ, ки саросар зиндагиро вақфи хидмат ба одамизодзодагон кард ва партаве бар ҷаҳони маърифат тофт, ки ҳаргиз фурӯ нахоҳад нишаст, дар миён ҳаст ва хоҳад буд ва ҷовидон хоҳад монд."

**"Ёд дорам, - мегӯяд шодравон адабиётшинос Туракул Зеҳнӣ, - ки саҳни Регистон моломоли одам буд. Ман ҳам тамошо доштам. Як вақт садои ғул-ғул баланд шуд, ки мегуфтанд: "Айниро оварданд, Айниро оварданд!". Айниро оварда ба пушти як нафар шахсе, ки чун Деви Ғул истода буд, гузоштанд. Аз ду даст ва китфаш маҳкам медоштанд. Як банд чӯби зарангро оварда, ба наздаш гузоштанд. Агар чӯбе шиканад, дигарашро ба кор бурданӣ буданд. Фармондеҳи он девсиратон фармони "Як, ду"-ро медод. Чӯбдорон бо чӯби якунимметрӣ ба тахтапушти бараҳнаи устод мезаданд. Бадани ӯ аввал сурх шуд, баъд нилӣ гардид ва сипас дар зери зарбаи чӯб парчаҳои гӯшти бадани устод ба ҳар тараф пош хӯрдан гирифтанд. Баъзе ҷоҳилони ҳайвонтабиат барои он ки садоқати хешро ба амир нишон диҳанд, бо дасту мушти худ Айниро мезаданд. Аммо дар ҳангомаи хунин одамоне низ буданд, ки дарун-дарун сӯхта, дуд аз димоғ бароварда, чакраҳои хуни ҷигар аз дидаҳо шашқатор мерехтанд.**

**Айниро пас аз зарби ҷонгудозии 75 чӯб дар ҳолати мадҳушӣ ба зиндон андохтанд. Фардои он рӯз, яъне 8-уми апрели соли 1917 сарбозони рус аз Коғон ба Бухоро ворид гардида, зиндониён, аз он ҷумла устод Айниро озод карданд".**

Ҳамаи ин ранҷу озорҳо, зарбаҳои ҷонгудоз, ки насиби устод Айнӣ гардид, ба чӣ хотир буд? Чӣ гуноҳи азим содир кард? Гуноҳи ӯ он буд, ки мехост дар байни мардум чароғи илму ирфон, машъали маърифатро фурӯзон намояд, ба фарзандони халқ дониш омӯзонад, китобҳои дарсӣ иншо кунаду ҷавононро ба ростӣ, ба покӣ раҳнамо созад. Танҳо ҳамин "гуноҳаш" буд. Хушбахтона, толеъаш саъд омад, аз зиндони амирӣ раҳо ёфт, озод гардид ва ба халқи азизу кишвараш хизмати шоиста кард ва сазовори номи баланд - Асосгузори адабиёти навини тоҷик ва рутбаи олӣ - Қаҳрамони Тоҷикистон гардид.

*Ҷаҳонгиршоҳ Рустамшоҳ,*
*сармуҳаррири рӯзномаи "Анвори дониш", Кӯлоб-Душанбе-Панҷакент-Самарқанд-Бухоро-Тошкент*



# ТОҶИКИСТОН КИШВАРИ ҶАВОН АСТ



Паёми навбатии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба мақоми олии қонунбарори кишвар дар марҳалае ироа гардид, ки барои мардуми шарафманди кишвари азизамон Тоҷикистон, марҳалаи таърихӣ, яъне халқи саодатманди тоҷик бо ифтихор ва ҳисси баланди ватандӯстиву хештаншиносӣ ба таҷлили 35-умин солгарди истиқлолу озодии Ватанамон омодагӣ дида истодаанд.

Пешвои муаззами миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми имсолаи худ ба Маҷлиси Олӣ самтҳои асосии сиёсати дохилию хориҷии мамлакатро барои имрӯз ва давраҳои оянда муайян намуд. Паёми Пешвои миллат аз лиҳози фарогирии масъалаҳои муҳташами ҳаёти сиёсӣ-иқтисодӣ ва иҷтимоии мамлакат дар замони қувват гирифтани рақобатҳои глобалии давлатҳои абарқудрат ва дарёфти роҳҳои ҳалли мушкилоти башарӣ бо иқдомоти навин ҳуҷҷати арзишманд ва ҳидоятсози мардуми кишвар маҳсуб мешавад, ки оид ба пешбурди манфиатбори сиёсати хориҷӣ ва таъмини пешрафти соҳаҳои иқтисоду саноат, энергетика, роҳу нақлиёт, амнияту мудофиа, ҳифзи ҳуқуқу тартибот, тандурустӣ, фарҳанг, илму маориф, ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, ҷавонон, варзиш ва сайёҳӣ вазифаҳои мушаххасро ба миён гузошт.

Зимни ироаи Паём Пешвои миллат дар баробари масалаҳои болозикр, инчунин оид ба нақши ҷавонон дар рушду шукуфоии мамлакат ва масъулиятшиносиву кордонии онҳо бо ҳисси саршор аз меҳру садоқат ба боварии қотеона ба насли созандаву бунёдкор суҳбат намуда, таъкид бар он доштанд, ки ин қишри ҷомеа ҳамчун неруи созанда,ояндаи давлату миллат ва қувваи пешбарандаи ҷомеа эътирф гардиданд. Чунончи Сарвари маҳбуби кишвар таъкид доштанд: "Ҷавонони Тоҷикистони соҳибистиқлол неруи созандаи Ватан буда, нақши онҳо дар тараққиёти ҳамаи соҳаҳои ҳаёти давлат ва ҷомеа бисёр арзишманд ва назаррас мебошад.

Мо бо ҷавонони кишвари худ ифтихор дорем, зеро онҳо дар рушди давлат ва ободии Ватан фаъолона саҳм мегузоранд, марзу буми сарзамини аҷдодиро ҳимоя мекунанд, ватандӯсту ватанпараст, бонангу номусанд ва ба халқу давлати Тоҷикистон содиқ мебошанд".

Ба назар мерасад, ки Ҳукумати мамлакат ҳанӯз аз ибтидои давлатдорӣ дар марҳилаи нави таърихӣ тамоми тадбирҳоро барои дар амал татбиқ намудани сиёсати давлатии ҷавонон фароҳам сохта, то ба имрӯз нисбат ба ин масъала таваҷҷуҳи бештару амиқтар равона менамояд, то ин ки мо насли наврасу ҷавон ҳамчунин насли хирадманду бомаърифат ба воя расида, идомадиҳандаи кору пайкори неки ниёгонамон бошем. Зеро бақо ва ояндаи давлату миллат маҳз аз ҷавонони бонангу номус ва худогоҳу хештаншинос вобастагӣ дорад. Аз ин аст, ки Пешвои миллат Тоҷикистонро кишвари ҷавонон дониста, иброз медорад: "Бо дастгириву ғамхорӣ фаро гирифтани ҷавонон, ҳалли фасли мушкилоти ҳаёти онҳо ва истифодаи дурусту оқилона аз ин захираи стратегии миллӣ ба хотири ободиву пешрафти Ватан ва таъмини амнияту суботи ҷомеа аз ҷумлаи масъалаҳои муҳимтарине мебошанд, ки тахти таваҷҷуҳи хоссаи Ҳукумати мамлакат қарор доранд, зеро Тоҷикистон худ кишвари ҷавонон аст".

Ин нукот барои мо насли ҷавон боиси ифтихору сарфарозист ва гузашта аз ин аз мо масъулияти бузургро талаб менамояд, то ки мо ҷавонон нисбат ба ояндаи давлат ва миллати худ бетарафӣ зоҳир накарда, ҳамқадам бо қувваҳои солим ва созандаи ҷомеа дар ободӣ ва рушди он саҳмгузор бошем, ҳамсолон ва ҳамсафони худамонро аз гароиш ба гурӯҳҳои ифротӣ боз дошта, неруи онҳоро ба анҷоми корҳои судман, ба нафъи халқу Ватан равона созем.

Мусалам аст, ки тамоми тадбирҳои амалигардонидаи ҳукумати мамлакат, аз қабили ташкилу ба роҳ мондани озмунҳову маҳфилҳо ба монанди "Илм-фурӯғи маърифат", "Тоҷикистон-Ватани азизи ман", "Фурӯғи субҳи доноӣ китоб аст", "Тоҷикон" - оинаи таърихи миллат" ва олимпиадаву озмунҳои гуногун ба хотири боз ҳам тақвият бахшидани ҳувияти миллӣ, ҳисси ифтихор аз таъриху тамаддуни бостонӣ ва дар ин замина баланд бардоштани сатҳи саводнокиву маърифатнокии ҷавонон дар назар дошта мешавад.

Қабул гардидани "Барномаи миллии рушди иҷтимоии ҷавонон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2022 - 2026" ва "Барномаи давлатии тарбияи ватандӯстӣ ва таҳкими ҳувияти миллии ҷавонони Тоҷикистон барои солҳои 2023 - 2027" бозгӯи он аст, ки масоили марбут ба сиёсати давлатӣ яке аз самтҳои меҳварӣ дар фаъолияти ҳукумати мамлакат боқӣ мемонад ва дар ин росто тамоми тадбирҳо аз ҷониби мақомоти дахлдори соҳавӣ андешида мешавад.

Дар ҷавоб ба чунин ғамхории сатҳи баланд кӯшиш бар он менамоем, ки даст ба дасти ҳам дода, аз ҳарвақта бештар меҳнат кунем, кӯшиш намоем, ки донишҳои замонавӣ дошта бошем ва бо интихоби дурусти касб бахри ободиву пешрафти сарзамини аҷдодӣ ва ҳимояи Ватани азизамон саъю талош намоем.

***Некрӯз ҚУРБОНОВ, ҷонишини декан оид ба тарбияи факултети тарбияи ҷисмонӣ ва ОДҲ***

# ЭМОМАЛӢ РАҲМОН - ПОЯГУЗОРИ ТАШАББУСҲОИ БАЙНАЛМИЛАЛӢ ДАР СОҲАИ ОБ ВА ҲИФЗИ ПИРЯХҲО

Тайи чанд соли охир дар ҷаҳон бисёре аз низомҳои экологӣ (экосистемаҳо) зери хатар қарор гирифтаанд. Мувофиқи маълумот, дар сурати наандешидани тадбирҳои фаврӣ то соли 2030 қариб 5 миллиард одам - тахминан 67 дарсади аҳолии сайёра ба мушкилии танқисии оби тоза мувоҷеҳ мегардад. Чунин вазъ аз ҷомеаи ҷаҳонӣ тақозо мекунад, ки дар масъалаи таъмини об ва безараргардонии он ва ифлосшавӣ тадбирҳои ҷиддӣ андешанд.

Дар бартарафсозии ин мушкили фарогири олам аз ҷониби Асосгузори сулҳу Ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ташаббусҳои созандаи "Соли оби тоза" (соли 2003), Даҳсолаи амалиёти "Об барои ҳаёт" (солҳои 2005-2015), "Дипломатияи об ё риштаи ҳамкорӣ дар масоили об" (соли 2013) ва Даҳсолаи байналмилалии амал "Об барои рушди устувор, солҳои 2018-2028" пеш гирифта шуданд, ки торафт аҳамияти бештар касб менамоянд.

Ин нуқта мусаллам аст, ки Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар ҷаҳон ҳамчун роҳбари ташаббускор эътироф шудааст. Ӯ шахсиятест, ки дар айни дарки мушкилоти кишвари худ ва ёфтани роҳи ҳалли дуруст барои онҳо, ба ояндаи башарият низ таваҷҷуҳи махсус дорад. Зеро ҳамчун роҳбари оянданигар медонад, ки ҷаҳони имрӯза ҷаҳони ҳамгироист ва ҳеҷ кишваре дар алоҳидагӣ наметавонад рушди босубот ва амнияти пойдор дошта бошад. Бинобар ин, дар чандин маврид мушкилотеро, ки дар оянда мумкин аст домангири минтақаи Осиёи Марказӣ ва умуман, ҷаҳони муосир гарданд, пешбинӣ намуда, барояшон роҳи ҳалли муносиб ба миён мегузорад.

Шояд барои тасдиқи гуфтаҳои боло овардани сухане аз як мақоми СММ дар бораи Пешвои миллати мо ва ташаббусҳои ӯ кофӣ бошад. 20 сентябри соли 2010 дар Ню-Йорк дар Маҷлиси умумии сатҳи олии Маҷмаи Умумии Созмони Милали Муттаҳид бахшида ба масъалаҳои Ҳадафҳои Рушди Ҳазорсола, Муовини Дабири Кулли СММ Ша Тсу Кан изҳор дошт: "Президенти Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон чемпиони ҷаҳон дар ҳалли масоили глобалии вобаста ба об мебошад".



Ин баҳои як мақоми аршади ҷаҳонӣ, як мутахассиси соҳа ва гузашта аз он, баҳои холисонаи як фарди ғайриточик ва ғайриточикистонист. Воқеан, Президенти кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмонро дар сатҳи ҷаҳон бо ташаббусҳои оламгир ва созандааш мешиносанд ва таваситу ин шахсияти наҷиби таърихӣ номи Тоҷикистон ва миллати тоҷик низ шуҳратёр гардидааст. Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон муаллифи 4 ташаббуси бузург дар соҳаи об аст, ки дар сатҳи ҷаҳон аз тарафи СММ амалӣ шудаанд.

Ташаббуси нахустине, ки Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ироа намуданд, ҳанӯз дар солҳои соҳибистиқлолӣ, яъне октябри соли 1999 дар Иҷлосияи 54-уми Маҷмаи Умумии СММ садо дод. Ташаббуси мазкур доир ба эълон намудани соли 2003 ҳамчун "Соли байналмилалии "Оби тоза" хеле саривақтӣ буд, зеро дар ҳазорсолаи нав мушкилоти норасоии об бо дарназардошти тағйирёбии иқлим, яке аз мавзӯъҳои муҳимми ҷомеаи ҷаҳонӣ арзёбӣ мегардид. Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон набзи замонро дарк намуда, бо як ташаббуси наву созандаи муҳим ва арзишманд иқдом намуд, ки бо тарафдории 148 кишвари узви ин созмони бонуфузи ҷаҳон дар Иҷлосияи 55-уми Маҷмаи Умумии СММ бо қабул гаштани қатъномаи дахлдор (A/RES/55/196), аз 20 декабри соли 2000 оид ба эълон намудани соли 2003 ҳамчун "Соли байналмилалии "Оби тоза" пазируфта шавад.

Дар чаҳорчӯби марбут ба "Соли байналмилалии "Оби тоза" рӯзҳои 29 август - 1 сентябри соли 2003 дар шаҳри Душанбе Форуми байналмилалӣ оид ба оби тоза баргузор гардид. Дар Форум қариб 500 нафар вакил аз 53 кишвари ҷаҳон ва тақрибан, 100 созмони байналмилалӣ ширкат намуданд. Зимнан, ҳар иштирокчии дуюми Форум аз минбари он сухандронӣ кард. Метавон гуфт, ки дар давоми се рӯзи кори Форум Душанбе ба "пойтахти оби ҷаҳон" табдил ёфт.

Теъдоди зиёди ҳаммуалифони қатъномаи болозикр бори дигар аз он шаҳодат медиҳад, ки ҷомеаи ҷаҳонӣ ба ташаббусҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва саҳми он барои ҳаллу фасли чолишҳои ҷаҳонӣ эътимоди комил дорад.

***Ҳакимшо САФАРОВ, ассистенти кафедраи ҳуқуқ ва муносибатҳои байналмилалӣ***

# МАСЪУЛИЯТИ ПАДАРУ МОДАР ДАР ТАЪЛИМУ ТАРБИЯИ ФАРЗАНД

Мардуми соҳибтамаддуни мо ба таълиму тарбияи фарзанд аҳамияти махсус зоҳир карда, барои дар рӯҳияи ватандӯстиву хештаншиносӣ, донишандӯзиву маърифатпарварӣ, ҷавонмардиву ахлоқи ҳамида ва нангу номус ба воя расонидани фарзандони худ пайваста талош меварзанд. Маҳз таҳкими оила, таълиму тарбияи наслҳои солиму соҳибмаърифат яке аз воситаҳои рушду нумӯи ҷомеа, мустаҳкамии қудрати мамлакат ва побарҷоии арзишҳои миллиамон ба шумор меравад.

Мутаассифона, имрӯз баъзе падару модарон барои ба таълиму тарбия фаро гирифтани фарзандони худ монеъ мешаванд ва нисбат ба ҳаёту зиндагии онҳо беаҳамиятӣ зоҳир мекунанд. Ҳамин сабаб буд, ки дар ҷомеаи мо чанд сол қабл амалҳои номатлуби ҳуқуқвайронкунию ҷиноятӣ бештар аз ҷониби наврасону ҷавонон содир мегардид ва дар ин росто каммасъулиятии баъзе аз падару модар ба омӯзгорон низ ба назар мерасид. Барои несту нобуд сохтани мушкилиҳои дар ин самт ҷойдошта ва садди роҳи ин падидаи номатлубро гирифтан, инчунин ҷавонону наврасонро дар рӯҳияи ватандӯстию ватанпарастӣ тарбият намудан ва ба хотири боз ҳам баланд бардоштани масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд, худшиносиву худогоҳӣ, ватандӯстиву ватанпарастӣ, эҳтироми арзишҳои милливу умумибашарӣ, риояи меъёрҳои одобу ахлоқи ҳамида, омода намудани фарзандон ба ҳаёти мустақилона ва ба роҳи рост ҳидоят намудани фарзандонамон дар мамлакат Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд" қабул гардидааст.

Қонуни мазкур санаи 2-юми августи соли 2011 бо таклифу пешниҳоди зиёда аз 2 миллион нафар шаҳрвандон қабул ва мавриди амал қарор дода шудааст. Пешвои миллат ҳангоми пешниҳоди лоиҳаи Қонун ба муҳокимаи умум қайд намуданд, ки Қонуни мазкур ба наслҳои имрӯзу ояндаи кишвар нигаронида шудааст. Зеро масъулият барои сарнавишти Ватан ва ояндаи миллат дар навбати аввал маҳз ба ӯҳдаи насли ҷавон хоҳад гузашт. Биноан, вазифаи муқаддаси мо ба камол расонидани насли солиму соҳибмаълумот, бунёдкор, неруманд ва миллатдӯсту меҳанпараст мебошад.

Дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд" вазифаҳо ва ҳуқуқу ӯҳдадориҳои волидонро нисбат ба фарзандон мушаххас карда, татбиқу риояи қонуни мазкур барои тарбияи устувори ахлоқии ноболиғону наврасон ва омода кардани онҳо ба тарзи ҳаёти солими оилавӣ ва иҷтимоӣ мусоидат менамояд.

Бояд қайд намуд, ки ояндаи миллат вобаста ба таълими фарзанд аст, аз ин хотир волидони имрӯзаро мебояд зиракии сиёсиро аз даст надода, пайваста дар талош бошанд, ки бахри рӯҳияи насли наврас ба вуҷуд овардани ҳисси меҳандӯстиву худшиносии миллӣ асос гузорад. Дар амалӣ намудани меъёрҳои қонуни мазкур бетараф набуда, баръакс кӯшиш намоянд, ки дар чаҳорчӯбаи он амал намоянд, зеро ин Қонун тамоми масъалаҳои таълиму тарбияро дар бар мегирад ва як меъёри ёрирасон барои волидайн дар таълиму тарбияи фарзанд гаштааст. Бидуни таълиму тарбия тартиботи ҷомеаро наметавон пойдору устувор кард ва ба ояндаи дурахшони давлату миллат бо эътимод умед баст. Қонун "Дар бораи масъулияти падару модар дар тарбияи фарзанд" дар баланд бардоштани сатҳи маърифатнокии наврасону ҷавонон, ки неруи пуркудрат, такягоҳ ва боигарии давлат маҳсуб мебанд, нақши созандае гузошт.

***Шарафнисо УМАРОВА, ассистенти кафедраи забоншиносӣ ва типологияи муқоисавии факултети филологияи хориҷӣ***

# ГЛОБАЛИЗАТСИЯ ҲАМЧУН МАРҲИЛАИ НАВИ ИНКИШОФИ ҶАМЪИЯТ



Глобализатсия падидаи нави иҷтимоиест, ки инсоният аз охири асри XX ба он рӯ ба рӯ шуд. Дар ҳазораи нав инсоният ба пешорӯи раванди глобализатсия қарор гирифт, ки ин ҷараён оянддаи сайёраи моро муайян менамояд. Ҳамчун марҳилаи нави инкишофи ҷамъият ва самти тараққиёти он пас аз "ҷанги сард" пайдо шуда, дар минтақаи Осиёи Миёна, аз ҷумла Тоҷикистон пас аз барҳам хӯрдани собиқ СССР доман паҳн намуд. Ҳарчанд то ҳол ба ин зуҳурот бисёре аз давлатҳои ҷаҳон таваҷҷуҳ менамоянд, аммо он решаҳои объективии пайдоишу инкишоф дошта, ҳамчун тамоюли объективии пешрафти ҷамъият маҳсуб шуда, ногузир давлатҳои миллиро ба коми худ мекашад. Зеро заминаҳои иҷтимоию иқтисодии ҷамъият, мисли инқилоби илмӣ-техникӣ ва иттилоотӣ-хизматрасонӣ, пешрафти истеҳсолоти неъматҳои моддӣ ва воситаҳои истеҳсолот, баланд рафтани сатҳи маърифатию идеологии ҷомеа, ташкили ширкатҳои трансатсионалӣ (фаромиллӣ), бозори ягонаи иқтисодӣ, инчунин ба миён омадани проблемаҳои глобалии ҷаҳонӣ, мисли терроризм, экстремизм, нашъамандӣ, коррупсия, мушкилоти экологӣ, бехатарии миллӣ, паҳн шудани яроқи ядроӣ, низоъҳои нави иҷтимоӣ, беморӣҳои хатарнок инсониятро ба муттаҳидӣ ва ҳамкорӣ даъват менамояд.

Мафҳуми "глобализатсия" аз охири соли 1990 ба гардиши илмӣ ворид гардид. Аниқтараш, аввалин маротиба соли 1983 мафҳуми "глобализатсия" барои ифодаи равандҳои иҷтимоии характери умумиҷаҳонидошта истифода шудааст. Пайдоиши ин мафҳум ба калимаи лотинии "глобус" алоқамандии зич дошта, ба забони тоҷикӣ маънои "кураи замин" ё "ҷаҳонишавӣ"-ро дорад. Истилоҳи "глобализатсия" аз сабаби мазмуни васеъ доштан ва тамоми соҳаҳои ҳаёти ҷамъиятро фаро гирифтанаш дар доираҳои гуногуни илмӣ мавриди таҳлил қарор гирифтааст. Ҳатто илми "глобалистика" инкишоф ёфта истодааст. Глобалистика илм дар бораи глобализм ва антиглобализм, глобализастия ва муборизаҳои антиглобалистикӣ мебошад. Глобалистика аз калимаи лотинии globus - кура ва франсузии global - умумӣ, умум гирифта шуда, ҳамчун илм пайдоиш, мазмун ва динамикаи падидаҳоеро мавриди омӯзиш қарор медиҳад, ки ба категорияҳои умумиинсонӣ дохил мешаванд.

Аз ин ҷо метавон хулоса баровард, ки глобализатсия ҳамчун раванди муосири иҷтимоӣ ба офаридани "ҷаҳони ягона" равона шудааст, инкишофи босуръати иқтисодиёти ҷаҳон ба дараҷае омада расидааст, ки устуворӣ ва тараққиёти иқтисодиёти як давлат ба инкишоф ва устувории иқтисодиёти давлати дигар эҳтиёҷ дорад. Барои ҳамин давлатҳо аз таназзули иқтисодиёти якдигарӣ манфиатдор нестанд ва барои пешрафти якдигар кӯмак мерасонанд.

Глобализатсия тамоюли умумиҷаҳонӣ ва марҳилаи нави ҳаёти ҷамъиятӣ буда, тағйироти куллии ҷомеа барои пайдоиши он шароитҳои объективии рушдро муҳайё намуданд. Масалан, дар ибтидои асри XX кураи замин байни халқу давлатҳо тақсим гардид. Олам тақсим шуда, ҷомеа ба майдони мубориза табдил ёфт. Аз солҳои 60-ум сар карда, аҳолии кураи замин хешро ҳамчун организми том ва умумияти глобалӣ шинохтанд, зеро дар назди инсоният проблемаҳои глобалии ҷиддӣ пешорӯ омад, ки ҳал намудани онҳо бо нерӯи як ё гурӯҳи давлатҳо ғайриимкон буд. Кӯшиши якҷояи ҳамаи инсоният оқибатҳои ногувори ин мушкилоти глобалиро бартараф карда метавонист. Инқилоби итилоотӣ ва технологӣ, низоми нави хизматрасонӣ (авиатсияи реактивӣ, техникаи реактивӣ, телевизион, компютер, алоқаҳои спутникӣ, телефонҳои мобилӣ, интернет ва ғайра) дар охири асри XX тамоми нуқоти сайёраро ба ҳам пайваст гардонид. Инсон дорои қобилияте гашт, ки дар як вақт дар қисматҳои гуногуни сайёра ва манотиқи мухталифи олам ба ҳузури ҷисмонии хеш иштирок намояд. Инкишофи алоқаҳои телефонӣ ва компютерӣ (интернет) ҳамтаъсиррасонии одамонро нерӯманд гардонида, фаъолияти онҳоро садҳо маротиб зиёд намуд.

**Бар хилофи ақидаи гипербалистҳо, ки гӯё ҷаҳоншумулӣ мавқеи ҳокимиятҳои миллиро суст мекунад, аҳли шак (антиглобалистҳо) чунин мешуморанд, ки маҳз ҳокимиятҳои миллӣ мисли пештара фаъолияти иқтисодиро танзим мекунанд ва ҳамоҳанг месозанд.**

Глобализатсия дараҷаи паҳншавии маданиятҳои пешқадамро метезонад, махсусан, маданияти пешсафони глобализатсия (махсусан, маданияти ғарбиаврупоӣ) вобаста ба истеҳсоли технологияи муосир дар тамоми ҷаҳон паҳн шуда истодааст. Дар марҳилаи глобализатсия доираи молиявӣ афзуда, саноатикунонии кишварҳои рӯ ба инкишоф сурат мегирад. Айни замон 60% гардиши моли ҷаҳонӣ ба давлатҳои пешрафтаи саноатӣ рост меояд, ки дар ин давлатҳо ҳамагӣ 20% аҳолӣ зиндагӣ менамояд.

Вобаста ба ин шаклҳои гуногуни глобализатсияро аз ҳам ҷудо менамоянд:

- Глобализатсияи иқтисодӣ;
- Глобализатсияи сиёсӣ;
- Глобализатсияи фарҳангӣ;
- Глобализатсияи экологӣ.

Глобализатсияи иқтисодӣ маънои онро дорад, ки манфиатҳои миллӣ-хоҷагидории субъектҳо аз доираи миллӣ-давлатӣ берун баромада, доираи фаъолияташон дар сатҳи ҷаҳонӣ сурат мегирад. Баъдан, проблемаҳои иқтисодии "хусусӣ" дар сатҳи ҷаҳонӣ ва глобалӣ дида баромада мешавад, яъне глобализатсияи иқтисодӣ водор менамояд, ки ба ҷаҳон ҳамчун фазои ягонаи иқтисодӣ назар карда шавад. Глобализатсияи иқтисоди ҷаҳонӣ ба глобализатсияи сиёсӣ бурда мерасонад, яъне аз ин пас ҳодисаи сиёсии давлатҳо кори дохилию миллии онҳо набуда, балки аҳамияти глобалӣ дорад. Зеро вазъи сиёсии як кишвар ба устуворӣ ва ҳолати сиёсии кишвари дигар таъсири худро мерасонад.

Глобализатсия навъи сиёсат ё геополитикае мебошад, ки барои паҳнкунии таъсири маданияти худ аз ҷониби давлат ё гурӯҳи давлатҳо дар тамоми олам равона шудааст. Дар муқобили глобализатсия муборизаҳои антиглобалистӣ қарор доранд. Мақсади онҳо муқобилият кардан ба глобализатсия мебошад. Глобализм идеологияи глобализатсия ва антиглобализм идеологияи муборизаҳои антиглобалистикӣ мебошад.

Давлатҳое, ки рӯҳияи зиддиамрикоӣ доранд, глобализатсияро марҳилаи нави мустамликагардонии иқтисодии ҷаҳон арзёбӣ менамоянд, ки сарвати сарватмандонро ба маротиб афзуда, фақироӣ бенавоҳоро боз ҳам қашшоқу нодор мегардонад. Ба андешаи неокоммунистҳо глобализатсия стратегияи нави истисмори оммаи халқ аст. Ҳатто баъзе аз олимон глобализатсияро "америкоикунонии ҷомеаи ҷаҳонӣ" арзёбӣ менамоянд.

Аз рӯйи ақидаи гипербалистҳо глобализатсия зуҳуроти воқеиест, ки дар ҳама ҷо ба назар мерасад, сарҳад надорад ва тартиботи нави ҷаҳониро ҷорӣ мекунад. Онҳо глобализатсияро ҳамчун роҳ ба олами бемарз, ба оламе, ки дар он қуввваҳои бозорӣ нисбат ба ҳокимиятҳои миллӣ таъсири бештар дорад, арзёбӣ мекунанд. Гипербалистҳо таъкид мекунанд, ки ба сабаби зиёд шудани ҳаҷми савдои ҷаҳонӣ кишварҳои алоҳида аллакай қудрати назорат аз болои иқтисодиёти худро надоранд. Ҳокимиятҳои миллӣ назоратро аз болои зуҳуроти байналмиллалӣ, аз ҷумла бозори молиявӣ аз даст дода истодаанд.

Бар хилофи ақидаи гипербалистҳо, ки гӯё ҷаҳоншумулӣ мавқеи ҳокимиятҳои миллиро суст мекунад, аҳли шак (антиглобалистҳо) чунин мешуморанд, ки маҳз ҳокимиятҳои миллӣ мисли пештара фаъолияти иқтисодиро танзим мекунанд ва ҳамоҳанг месозанд.

Тарафдорони назарияи дигаргуниҳо мавқеи миёнаро ишғол мекунанд. Онҳо глобализатсияро қуввваи асосии ҳаракатдиҳандаи бисёре аз дигаргуниҳои ҷаҳони муосир мешуморанд. Аз рӯйи ақидаи онҳо тартиботи умумиҷаҳонӣ дигаргун шуда истодааст, ҳарчанд бисёре аз мероси вай ҳоло ҳам дар амал аст. Мисол, ҳукуматҳои миллӣ мисли пештара ҳаҷми калони ҳокимиятро дар худ нигоҳ доштааст.

Дар илми ҳозира равишҳои гуногуни таҳқиқи раванди глобализатсия арзи вуҷуд дорад. Масалан, равиши фарҳангӣ глобализатсияро аз нуқтаи назари ҷанбаи тамаддунӣ шарҳ медиҳад. Ҷонибдорони ин консепсия андеша доранд, ки фаҳмиши ягонаи глобализатсия вуҷуд надорад, зеро файласуфҳо, ҳуқуқшиносон, экологҳо, иқтисодшиносон, сиёсатшиносҳо, физикҳо ва намояндагони қишрҳои гуногуни ҷомеа ин мафҳумро вобаста ба манфиати мақсадҳо ва сатҳи ҷаҳонбинии хеш арзёбӣ менамоянд. Барои мисол, донишманди америкоӣ Ф. Чеймсон проблемаи мазкурро дар нуқтаи назари зерин таҳлили мантиқӣ намудааст:

- Зуҳуроти иҷтимоие мисли глобализатсия вуҷуд надорад ва ҷаҳон чун тақсимоти миллӣ-давлатӣ боқӣ мемонад;
- Глобализатсия зуҳурот не набуда, ҳамеша вуҷуд дошт, зеро одамон аз замонҳои қадим ба сарзаминҳои гуногун муҳоҷират намуда, ба тиҷорат машғул буданд;
- Глобализатсия ба ташкили бозори ҷаҳонӣ алоқамандии зич дошта, мақсади он ниҳоии ҷаҳони капиталистӣ ба шумор меравад;

*Шаҳбоз МУРОДОВ,*
*ассистенти кафедраи фалсафа*

# ПЕШВОИ МИЛЛАТ-МЕЪМОРИ ВАҲДАТУ ЯГОНАГӢ

Тавре ба ҳамагон маълум аст, солҳои 90-уми асри гузашта миллати мо санҷиши сангинеро, ки ҷанги беамони шаҳрвандӣ ном дошт, дучор гардид. Хавфи барҳам хӯрдани миллати тоҷик ба миён омад. Барои азнавсозии харобаҳо ва эҳёи миллат раҳнамои хирадманде лозим буд. Худованд ба ашки дидагони модарони тоҷик раҳмат карда, шахсеро аз миёни халқ ба роҳбарият барои ба ҳам овардани миллати пароканда ба сафи пеш равона сохт ва ӯ тавонист сулҳу ваҳдат ва ҳаёти орому осоиштаро баҳри миллати тоҷик барқарор намояд.

Албатта ҳар як давлату миллат замоне метавонад худро устувор нигоҳ дорад, ки дар фазои сулҳ ва ваҳдати миллиаш арзи ҳастӣ намояд. Хушбахтона, чунин фазо дар кишвари азизи мо бо хиради воло, ақлу заковати устувор ва талошҳои пайгиронаву сулҳҷӯёнаи Пешвои миллати тоҷик ва ҷавонони бо нангу номуси диёр муҳайё гардидааст. Бори дигар хиради азалии миллати тоҷик боло гирифт ва давлат аз нав эҳё шуд.

Дар ин марҳилаи тақдирсоз хизматҳои шоён ва бузурги Роҳбари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар он аст, ки оташи ҷанги шаҳрвандиро хомӯш намуда, фарҳанги сулҳофариро пеша кард ва бо бо ҳисси гарми ватандӯстиву ватандорӣ тақдири оянддаи бақои миллатро ба дасти худ гирифт. Натиҷаи чунин ҷонфидоиҳо ва қаҳрамониҳо буданд, ки имрӯз дар Ҷумҳурии Тоҷикистон амнияти сартосарӣ пойдор буда, корҳои ободониву бунёдкорӣ авҷ гирифтааст. Сулҳи тоҷикон қутбнамои роҳи оянддаи дурахшон ва шаҳодатномаи таърихии давлату миллат гардид. Бо мақсади пойдор нигоҳ доштани чунин дастоварди таърихӣ, яъне таҳкими Ваҳдати миллӣ ҳанӯз 18-уми июли соли 1997 "Ҳаракати ваҳдати миллӣ ва эҳёи Тоҷикистон" ташкил карда шуд. Президенти мамлакат Эмомалӣ Раҳмон раиси ин созмони ҷамъиятӣ интихоб гардида, то кунун барои мустаҳкам намудани асосҳои ваҳдати миллӣ хизматҳои босазо анҷом дода истодааст.

Пешниҳод ва ташаббуси навбатии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар арсаи ҷаҳон оид ба об ин қабули Қатъномаи СММ оид ба эълон намудани Даҳсолаи байналмилалии амал "Об барои рушди устувор", барои солҳои 2018-2028, инчунин ташаббуси байналмиллалии ҳадафмандонаи Пешвои миллат оид ба "Ҳифзи пиряхҳо" мебошад, ки обрӯю нуфузи миллати тоҷикро бо Пешвои худ дар арсаи ҷаҳон боз ҳам баланд бардошт. Амалӣ гардидани ҳамаи ин ниятҳои неки миллати тоҷик боиси боз ҳам шукуфон гардидани кишвари соҳибистиқлоли мо мегардад.

Ҳамаи ин азму талошҳои зиёди фарзандони шоистаи миллат буд, ки ваҳдати комили миллиро ба даст овардем, ки бешубҳа меъмори асосии он Сарвари давлат, Пешвои миллати тоҷикони ҷаҳон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон мебошад.

*Раънои НУРАЛӢ,*
*ассистенти кафедраи менеҷмент ва маркетинг*

### ЭЪТИБОР НАДОРАД

Дафтарчаи имтиҳонотие, ки соли 2019 Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ ба донишҷӯи соли 4-уми факултети иқтисод ва идора ба Бозоров Пайрав (таҳсилоти рӯзона) додааст, бинобар сабаби гум шуданаш аз эътибор соқит дониста шавад.

ХХХХ

Дафтарчаи имтиҳонотие, ки соли 2020 Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ ба донишҷӯи соли 5-уми факултети химия ва биология ба Мирзозода Марҳабо (таҳсилоти фосилавӣ) додааст, бинобар сабаби гум шуданаш аз эътибор соқит дониста шавад.

ХХХХ

Билети донишҷӯие, ки соли 2020 Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ ба донишҷӯи соли 3-юми факултети филологияи хориҷӣ ба Мирзохонов Алишер (таҳсилоти рӯзона) додааст, бинобар сабаби гум шуданаш аз эътибор соқит дониста шавад.

# ТАҶЛИЛИ БОШУКУҲИ НАВРӮЗИ БАЙНАЛМИЛАЛӢ

*Наврӯз яке аз идҳои қадимтарини тоҷикон ба шумор меравад. Тавре дар сарчашмаҳо омадааст, аввалин касе, ки ин идро ҷашн гирифт, подшоҳи форс бо номи Ҷамшед буд. Имрӯз Наврӯз бо қарори Маҷмааи умумии Созмони Милали Муттаҳид ба як иди ҷаҳонӣ табдил ёфтааст.*

*Санаи 16-уми март дар саҳни Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ чорабинии фарҳангӣ-фароғатӣ таҳти унвони "Наврӯз-унсурҳои ҷудоинопазирӣ фарҳанги миллӣ" бахшида ба ҷашни Наврӯзи байналмилалӣ баргузор гардид.*

*Дар саҳни донишгоҳ донишҷӯёни ҳар як факултет хони идона ороста, ҷашни Наврӯзро пайвандгари насли имрӯз бо расми арзишҳои миллӣ, меҳру садоқат ва анъанаи ниёгон маънидод намуданд. Ҳайати комиссияи тадорукотӣ аз дастоварду намоиши фарҳангии донишҷӯёни факултетҳо дидан карданд. Дар хони наврӯзии факултаҳо риояи расму оинҳо, густурдани хони ҳафтсину ҳафтшин, ташкили мусобиқаҳои варзишӣ, омода сохтани таомҳои миллӣ ба истиқболи Наврӯз яке аз рукнҳои асосии ин ҷашни ниёгон буд.*

*Баъд аз тамошои хони идона ва дастовардҳои факултетҳо қисмати расмии чорабинӣ оғоз гардид. Нахуст ректори Донишгоҳ, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор Раҳмон Дилшод Сафарбек суханронӣ намуда, ҳозиринро ба муносибати фарорасии ҷашни ҷаҳонии Наврӯз табрику таҳният гуфтанд. Аз ҷумла, зикр карданд: "Наврӯз, воқеан аз муборактарин ҷашнҳои миллии мо, тоҷикон ва дигар мардумони ҳавзаи Наврӯз ба ҳисоб рафта, аз замонҳои қадим то ба имрӯз бо ғояҳои олии башардӯстонаи хеш - дӯстиву рафоқат, ҳамкориву ҳамбастагӣ, созандагиву ободкорӣ, инсондӯстиву хайрхоҳӣ ва шукргузорӣ аз зебоиву неъматҳои фаровони табиат мардумро гирди ҳам ҷамъ меорад.*

*Наврӯз ҷашнест созандаву сулҳовар, муттаҳидкунандаи инсонҳо ва таблиғгари дӯстию рафоқат, баробарӣ, адолату додгустарӣ ва ахлоқи ҳамидаи инсонӣ. Маҳз ба ҳамин хотир, Маҷмаи Умумии Созмони Милали Муттаҳид 23-юми феврали соли 2010 дар Иҷлосияи 64-уми Ассамблеяи генералӣ ҳангоми ба рӯйхати мероси фарҳанги ғайримоддии башарӣ ворид намудани ҷашни Наврӯз қатъномаро таҳти унвони "Фарҳанги сулҳ" қабул намуд."*

*Ҳайати устодону донишҷӯёни муассиса ба хотири эҳтиром гузоштан ба суннатҳои қадимаи миллати тамаддунофари тоҷик ва амалӣ намудани рукнҳои Наврӯз бо ташкили маҳфилҳои идона ин ҷашнро бо рӯҳияи ифтихормандӣ аз сулҳу суботи Ватан пешвоз гирифтанд.*

*Зикр кардан ба маврид аст, бо қарори Шӯрои олимони Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ як қатор озмунҳо - "Олими сол", "Кафедраи сол", "Омӯзгори сол", "Куратори сол", "Донишҷӯи сол", "Варзишгари сол", "Китобхони сол" ба роҳ монда шуда буд ва дар Наврӯз ҷамъбаст гардида, ғолибон бо тӯҳфаҳо ва маблағҳои пулии таъсиснамудаи раёсати Донишгоҳ қадрдонӣ гардиданд.*

*Ҳадаф аз баргузории озмунҳо ин ҳавасмандгардонии сохторҳои донишгоҳ бо мақсади баланд бардоштани мақоми онҳо, ҳавасманд намудани онҳо дар рушди қобилияти илмию эҷодӣ, истифодаи техника ва технологияи иттилоотию иртиботии муосир, инчунин арҷ гузоштан ба арзишҳои миллию фарҳангӣ, тарбияи ҷавонон дар рӯҳияи худогоҳию худшиносӣ, дар тайёр намудани мутахассисони соҳибкасби рақобатпазир дар бозори меҳнат ва тайёр кардани кадрҳои илмӣ-педагогӣ ба шумор меравад.*

*"ОЛИМИ СОЛ-2022". Аз рӯйи ин номинатсия устодони зерин ғолиб шуда, бо сипоснома ва мукофотпулӣ дар ҳаҷми 2000 сомонӣ қадрдони гардиданд.*

*1. Абдуллоев Маҳмуд, доктори илмҳои таърих, профессори кафедраи таърихи халқи тоҷик;*
*2. Ғуломов Ислом, доктори илмҳои педагогӣ, профессори кафедраи математика ва методикаи таълими он;*
*3. Иззатова Муҳаббат, доктори илмҳои педагогӣ, профессори кафедраи таҳсилоти томактабӣ ва кори иҷтимоӣ.*

*"ФАКУЛТЕТИ СОЛ-2022". Аз рӯи ин номинатсия ду факултет ғолиб баромада, бо сипоснома ва мукофотпулӣ дар ҳаҷми 2500 сомонӣ қадрдонӣ гардиданд.*

*1. Факултети молиявию иқтисодӣ;*
*2. Факултети таърих, ҳуқуқ ва муносибатҳои байналмилалӣ.*

*"КАФЕДРАИ СОЛ-2022". Аз рӯйи ин номинатсия кафедраи адабиёти тоҷик ғолиб дониста шуда, бо сипоснома ва мукофотпулӣ дар ҳаҷми 2500 сомонӣ қадрдонӣ гардид.*

*"ОМӮЗГОРИ СОЛ-2022". Аз рӯйи ин номинатсия устодони зерин ғолиб гардида, бо сипоснома ва мукофотпулӣ дар ҳаҷми 1000 сомонӣ қадрдонӣ шуданд:*

*1. Шамшоди Ҷамшед, номзади илмҳои филологӣ, дотсенти кафедраи адабиёти тоҷик;*
*2. Саидов Муҳаммад, номзади илмҳои филологӣ, дотсенти кафедраи забонҳои хориҷӣ;*
*3. Сафарзода Мунир, номзади илмҳои педагогӣ, дотсент, мудири кафедраи менеҷмент ва маркетинг.*

*"КУРАТОРИ СОЛ-2022". Дар ин номинатсия се муаллим ғолиб дониста шуданд ва бо сипоснома ва мукофотпулӣ дар ҳаҷми 1000 сомонӣ сарфароз гардиданд.*

*1. Иброҳимова Рухшона, ассистенти кафедраи география ва сайёҳӣ;*
*2. Муродов Ҷамил, ассистенти кафедраи журналистика;*
*3. Саидова Малика, саромӯзгори кафедраи химия ва методикаи таълими он.*

*"ДОНИШҶӮИ СОЛ-2022". Ғолиби ин номинатсия донишҷӯи курси чоруми факултети филологияи тоҷик ва журналистика, ихтисоси рӯзноманигорӣ Тошматов Хусрав гардида, бо сипоснома ва мукофотпулӣ дар ҳаҷми 1000 сомонӣ қадрдонӣ шуд.*

*"ВАРЗИШГАРИ СОЛ". Ғолиби ин номинатсия Муродзода Абубакр, донишҷӯи курси сеюми факултети тарбияи ҷисмонӣ ва омодагии дифоӣ ҳарбӣ шуда, бо сипоснома ва мукофотпулӣ дар ҳаҷми 1000 сомонӣ қадрдонӣ гардид.*

*"КИТОБХОНИ СОЛ-2022". Ғолиби ин озмун се нафар донишҷӯёни зерин гардида, бо сипоснома ва мукофотпулӣ дар ҳаҷми 1000 сомонӣ қадрдонӣ шуданд:*

*1. Давронова Савсан, донишҷӯи курси сеюми факултети филологияи тоҷик ва журналистика;*
*2. Мадасани Азизмад, магистранти соли якуми факултети иқтисод ва идора;*
*3. Эмомов Сулаймон, донишҷӯи курси чоруми факултети филологияи рус.*

*Дар қисмати фарҳангии чорабинӣ аз ҷониби ҳунармандони Хонаи маданияти Донишгоҳ ва ҳамзамон бо иштироки ҳунармандони шинохтаи Тоҷикистон Зафар Аюбӣ, Раҳматулло Ҳошимов, Фирдавс Ҳошимов, Нурулло Холов, Усмони Ҳайдар ва Ёсамин Давлатова баҳри болидарӯҳии ҳозирин барномаи ҷолиби консертӣ иборат аз рақсу суруд, шеъру тарона пешкаш гардид.*












1000
сомонӣ










Сир
Ширинӣ
Сабза
Сумалак
Себ
Самбӯса
Сипанд
Шамъ


АБӮАБДУЛЛОҲИ
РӮДАКӢ

*Устухонам гашта сахт аз кӯдакӣ бо шири ту,*
*Растам озод андар ин оғӯши оламгири ту.* *Абдусалом Деҳотӣ*

Анвори дониш
№3 (339), ШАНБЕ, 15.04.2023

# ПЕШВОИ МИЛЛАТ - ПОЯГУЗОРИ ТАШАББУСУ ИҚДОМҲОИ БАЙНАЛМИЛАЛӢ ДАР СОҲАИ ОБ



Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зимни суханронӣ дар мулоқоти якуми Панели сатҳи баланд оид ба масъалаҳои об ва иқлим дар сиғаи видеоконференсия пешниҳод намуданд, ки соли 2025-ум "Соли байналмилалии ҳифзи пиряхҳо" эълон гардида, санаи рӯзи ҷаҳонии ҳифзи пиряхҳо муайян карда шавад.

Мусаллам аст, ки Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар арсаи олам ҳамчун роҳбари ташаббускор ва нақшгузор дар ҳалли мушкилоти глобалӣ эътироф гардидаанд. Дар ибтидои асри XXI муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон яке аз аввалин роҳбароне ҳаст, ки дар баррасӣ ва ҳалли мушкилоти кишвари худ ва ҳамчунин, инкишофи роҳи дурусти ташаккул бароиояндаи башарият таваҷҷуҳи хоса зоҳир намудаанд. Ин аст, ки дар арсаи ҷаҳон роҳбарони кишварҳои пешрафтаи олам ва намояндагони созмонҳои байналмилалӣ ташаббусҳои Пешвои миллатро хеле хуб истиқбол ва пуштибонӣ менамоянд.

Маҷмаи Умумии Созмони Милали Муттаҳид Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмонро ба ҳайси поягузори ҳама ташаббусу иқдомҳои байналмилалӣ дар соҳаи об эътироф кардааст. Ташаббусҳои ҷаҳонии Тоҷикистон дар соҳаи об ҳамеша мавриди дастгирии ҷомеаи байналмилалӣ қарор гирифтаанд, ки ин ташаббусҳо дар болоравӣ ва вусъати обрӯву эътибори Тоҷикистон дар сатҳи ҷаҳонӣ нақши муҳим мебозад.

Солҳои охир мушкилоти экологӣ характери глобалӣ пайдо карда, ба яке аз мавзӯъҳои асосии сиёсати байналмилалӣ табдил ёфтааст. Бо мақсади беҳтар шудани вазъи экологӣ, Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳалли мушкилиҳои бисёрҷабҳаи экологӣ фаъолона ширкат меварзад.

Боиси зикр аст, ки Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон борҳо андешаҳои худро доир ба мушкилоти минтақа ва ҷаҳон, аз ҷумла аз минбарҳои баланди ҷаҳонӣ ва чорабиниҳои сатҳи гуногун баён намуда, ҷомеаи ҷаҳониро ба кушишҳои дастаҷамъона барои истодагарӣ дар рӯ ба рӯи ин хатарҳои инсонӣ ва роҳҳои ҳаллу пешгирии он даъват намудаанд.

Ташаббусҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар сатҳи ҷаҳонӣ:

**Пешниҳоди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Иҷлосияи 54-уми Маҷмааи Умумии Созмони Милали Муттаҳид (МУ СММ, октябри 1999) - эълон намудани соли 2003 - "Соли оби тоза".** Дар асоси ин ташаббус 20 сентябри соли 2000 дар Иҷлосияи 55-уми Маҷмаи Умумии Созмони Милали Муттаҳид соли 2003 ҳамчун соли байналмилалии оби тоза эълон гардид. Аз 29-уми август то 1-уми сентябри соли 2003 дар шаҳри Душанбе Форуми байналмилалӣ оид ба оби тоза баргузор гардид.

**Пешниҳоди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба эълон намудани солҳои 2005-2015-ро ҳамчун Даҳсолаи байналмилалии амал: "Об барои ҳаёт".** 23 декабри соли 2003 Маҷмаи Умумии Созмони Милали Муттаҳид дар асоси Эъломияи Душанбе Қатъномаи дахлдорро қабул карда, солҳои 2005-2015-ро ҳамчун даҳсолаи байналмилалии амал: "Об барои ҳаёт" эълон кард.

**Ташаббуси эълон намудани соли 2013 ҳамчун соли байналмилалии ҳамкорӣ дар соҳаи об.** Соли 2013 ҷомеаи байналмилалӣ, бинобар қатъномаи Маҷмаи Умумии Созмони Милали Муттаҳид 67/204, ки муаллифаш Тоҷикистон аст, соли байналмилалии ҳамкорӣ дар соҳаи обро қайд намуд. Маросими оғози Соли байналмилалии ҳамкорӣ дар соҳаи об дар қароргоҳи ЮНЕСКО дар Париж 11 феврали соли 2013 баргузор гардид.

**Пешниҳоди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба эълон намудани солҳои 2018-2028 ҳамчун Даҳсолаи байналмилалии амал: "Об барои рушди устувор".** 21 декабри соли 2016 Маҷмаи Умумии Созмони Милали Муттаҳид Қатъномаи дахлдорро қабул карда, солҳои 2018-2028-ро ҳамчун Даҳсолаи байналмилалии амал: "Об барои рушди устувор" эълон кард.

Санаи 14 декабри соли 2022 Маҷмаи Умумии Созмони Милали Муттаҳид зимни иҷлосияи 77-уми худ қатъномаи "2025 - Соли байналмилалии ҳифзи пиряхҳо", ки аз ҷониби Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбарӣ шуда буд, якдилона онро қабул кард. Дар ин замина иштирокунандагони иҷлосия "Рӯзи 21 март - Рӯзи байналмилалии ҳифзи пиряхҳо" эълон намуда, таъсис додани Фонди бовари байналмилалӣ барои саҳмгузории ҳифзи пиряхҳо ва соли 2025 гузаронидани Конфронси байналмилалӣ оид ба ҳифзи пиряхҳо дар шаҳри Душанберо дастгирӣ намуданд. Он яке аз қатъномаҳои нодир ба ҳисоб меравад, зеро дар он ҳам эълони Рӯзи байналмилалӣ ва ҳам соли байналмилалӣ дарҷ гардидааст.

Иқдоми навбатии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо пуштибонии 153 кишвари узви Созмони Милали Муттаҳид пазируфта шуд.

Дар Панели сатҳи баланд Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон қайд намуданд, ки дар асри XX дар Тоҷикистон зиёда аз чордаҳ ҳазор пирях ба қайд гирифта шуда буд, ки майдонашон ба 8 фоизи масоҳати умумии кишвар баробар буд. Мутаассифона, бар асари тағйирёбии иқлим ин пиряхҳо бошиддат об шуда истодаанд. То имрӯз зиёда аз як ҳазор пиряхи Тоҷикистон комилан об шудааст. Ҳаҷми умумии пиряхҳои кишвар дар як муддати нисбатан кӯтоҳ ба андозаи тақрибан се як баробар кам гардид.

Албатта тағйирёбии глобалии иқлим ба сифати яке аз мушкилоти муосир, пеш аз ҳама, ба ҳолати пиряхҳо, захираҳои барф ва об таъсири манфӣ мерасонад.

Дар раванди тағйирёбии глобалии иқлим ҳифзи захираҳои генетикӣ ва пиряхҳои ҷаҳонӣ вазифаҳои муҳимтаринанд. Коста гаштани захираҳои обӣ хатари аз байн рафтани гуногунии биологиро пеш меорад. Бинобар ин, масъалаи нигоҳдории захираҳои пиряхҳо ва гуногунии биологӣ бо ҳам зич алоқаманд буда, мушкили нигоҳдории онҳо зарурати ба роҳ мондани тадқиқоти нави илмию амалиро пеш овардааст. Дар ҳақиқат, солҳои охир масъалаи глобалии тағйирёбии иқлим дар рӯи Замин ҷомеаи ҷаҳониро ба ташвиш овардааст, зеро он вайроншавии ҳолати кунунии экосистемаҳо, аз байн рафтани пиряхҳо ва гуногунии биологӣ, афзоиши бемориҳо ва зарррасонҳои зироатҳо, коҳиш ёфтани ҳосилнокии зироатҳои кишоварзӣ ва иқтисодиёти кишварҳоро дар пай дорад.

Мушкилоти экологии умумиҷаҳонӣ хеле зиёданд, сарфи назар аз ин, ҳадди ақал ҳар сокини саёра оид ба масъалаҳои экологӣ ва таъсири онҳо ба шароитҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ, иқлимӣ, гидроэнергетикӣ, географӣ, гидрологии ҷаҳонӣ андешаҳои хоси худро дошта бошад. Ин масоилро олимони намоёни соҳаҳои мухталифи илм ба ду омили ба ҳам алоқаманд - тағйирёбии иқлим ва ифлосшавии муҳити зист тақсим намудаанд.

Дар маҷмуъ, барои расидан ба ҳадафҳои меҳварии сиёсати умумибашарӣ оид ба ҳифзи захираҳои обӣ зарур аст, ки тамоми давлатҳо, созмонҳои байналмилалӣ новобаста аз эҳтиёҷмандиашон оид ба ин захираҳои табиӣ ташаббускорӣ ва ҳамбастагии муштаракро тақвият бахшанд.

***Суҳроб ШАРИФОВ,***
***ассистенти кафедраи менеҷмент ва маркетинг***

# ХУСУСИЯТҲОИ ШИФОБАХШӢ ВА ДОРУВОРИИ АСАЛИ ТАБИӢ

Шароит ва иқлими Тоҷикистон бисёр гуногун мебошад ва вобаста ба ҷойгиршавии кӯҳу пуштаҳо, баландию хамиҳо дар як ҷое гармии сахт, дар дигар ҷой хунукии қаҳратун мебошад. Ин шароит соҳаи занбӯриасалпарвариро метавонад бо роҳи кӯчонидани боғчаи занбӯрон оилаҳоро пурқудрат гардонида, маҳсулнокиро якчанд маротиба афзун намояд.

Бояд тазаккур дод, ки асал барои беморони дилу рагҳои хунгард ва гурда доруи беҳамто ба ҳисоб меравад. Онро агар бо дигар рустаниҳои шифоӣ истеъмол намоед, боз беҳтар таъсири худро мерасонад. Ҳангоми сустшавии фаъолияти мӯшакҳои дил обҷӯши настаранро бо асалу чойкаҳ ва бемориҳои асаб бо обҷӯши дулонаи сурхак ва нозбӯ (ин ҷо аксар нозбӯро райҳон ҳисоб мекунанд, аммо ин тавр нест, зеро ки нозбӯ бӯйи лиму мекунад ва бархе онро лимукаҳ мепидоранд ва барои он, ки хато нашавад номи руссии он «мелисса лекарственная" мебошад) истеъмол кунед аз фоида дур нест.

Асал барои муолиҷаи беморони камхун, хусусан камхунӣ аз норасоии оҳан ниҳоят маводи зарурӣ аст. Аз ҷумла, асали марчумакӣ, ки таркибаш аз маводи фаъоли ҳаётӣ бой аст ва истеъмоли он 2 қошуқчагӣ дар ним стакан об 2-3 бор дар як рӯз муддати 1-1,5 моҳ ба зиёд шудани миқдори гемоглабин ва эритроситҳои таркиби хун оварда мерасонад.

Истеъмоли асал ба беморони мубталои сили шуш ҳамчун баландкунандаи муқовимати буния аз фоида дур нест.

Асалро боз барои муолиҷаи гурдаю маҷрои пешоб, илтиҳоби ғадуди ҷинсӣ (простатит) ва ғайра васеъ истифода мебаранд. Ғайр аз ин, барои муолиҷаи простатит 70-100 грамм асали тоза ва 2 қошуқча garди гулро омехта, онро ба 3 ҳисса тақсим намуда, дар як рӯз 3 бор дар муддати 1,5 моҳ истеъмол мекунанд. Асал натанҳо барои мардон хубу муфид аст, балки барои занон низ шифодоруи беҳамтост.

Асалро барои муолиҷаи кӯдакҳои мезакин истифода мебаранд. Онро боз барои муолиҷаи бемориҳои чашм, конюктивит, кератит ва ғайра истифода мешавад. Асал захмҳо, ҷароҳатҳои тоза ва чирки фасоднокро шифо мебахшад. Онро дар шакли облата, оббозӣ, шустушӯ истифода мебаранд. Асал захмҳои сироятӣ, сӯхтагӣ, сармозада, абсессҳоро дар шакли марҳам фоида мебахшад. Таъсираш дучанд дар омехтагӣ бо равғани моҳӣ мешавад. Асалро бо равғани гов, гӯсфанд омехта марҳам барои муолиҷаи захмҳои мушкил шифоёбанда, сироятнокшуда ё фасоднок истифода бурдан мумкин аст.

Асал барои муолиҷаи бемориҳои узвҳои нафас, бронхит, илтиҳоби шуш, зуком, шамолхӯрӣ, варами пардаи луобии ҷафъи пешона (фронтит), гайморит ва ғайра васеъ истифода бурда мешавад. Онро дар шакли ғар-ғара, ингалятсия истифода мебаранд.

Асалро дар тибби ороиши рӯй аз қадимулайём то имрӯз истифода мебаранд. Онро дар шакли ниқоби рӯй (маска) аз асали тоза, зардии тухм, қаймок (сметана), орд, об ва спирт аз ҳисоби дар 100 грам асал 25 грам спирт, 25 грам об ва маводҳои дигари дар боло овардашуда то марҳам шудан омехта мекунанд ва истифода мебаранд.

Асал барои кӯдакон, ҷавонон, пиронсолон, марду зан фоидаи беҳамто дорад. Ҳар касе, ки хоҳад саломат бошад, ҳар саҳар 1 қошуқча асал истеъмол кунад.

Дар баробари хусусиятҳои хуби асал бояд дар хотир дошт, ки истеъмоли асал ва маводи таркиби он барои баъзе одамон қобили қабул нест.

***Сулаймон МИРЗОЕВ,***
***асисстенти кафедраи биология ва методикаи таълими он***

## АЙ МОДАРОН, АЙ МОДАРОН!

*Ай модарон, ай модарон,*
*Ай модарони меҳрубон.*
*Табрик созам бар шумо,*
*Ин ҷашни пирӯзиатон.*
*Бошед доим сарбаланд,*
*Бо чеҳраҳои дилписанд.*
*Меҳру садоқат бар шумо,*
*Дорем мо охир дучанд.*
*Ай модарони меҳрубон,*
*Ай модарони дилу ҷон.*
*Ин шеър ҳаст аз Хокироҳ.*
*Як туҳфае баҳри шумо.*

*Нишоти зиндагонӣ бо ғами мурдан намеарзад,*
*Ҳаёти Хизр гар ёбӣ, ба ҷон кандан намеарзад.*
*Агар дар тахти шоҳӣ ту ба рӯзи марг биншинӣ,*
*Ба хишти зери паҳлӯ дар лаҳад хуфтан намеарзад.*

***Раҳматулло ФАЙЗУЛЛОЕВ,***
***корманди хоҷагии Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ***

## ДОНИШГОҲ СОХТЕМ

*Мо марди бурду тохтем,*
*Донишгоҳро бисохтем.*
*Гул дар миёна дорад,*
*Нӯҳошиёна дорад.*
*Дар донишгоҳи моён,*
*Олим шавад фаровон.*
*Мисли гулоб шавад ӯ,*
*Зеби Кӯлоб шавад ӯ.*
*Шуд аз мо ёдугорӣ,*
*Аз мардумони корӣ.*
*Садҳо шаванд аълохон,*
*Дар сохтмони моён.*
*Хурсанд шаванд зи моён,*
*Тамоми донишҷӯён.*
*Умрат дароз бодо!*
*Эмомалии Раҳмон.*
*Ифтихор аз ту дорад,*
*Тамоми Тоҷикистон.*

***Мирзо ҚОСИМ, сохтмончӣ,***
***сокини деҳаи Чашмаи Ҷӯшони ноҳияи Мӯъминобод***

## ХАБАР НЕСТ

*Гузашт имрӯз аз фардо*
*хабар нест,*
*Зи ёрон баҳри мо*
*ёду асар нест.*
*Дар ин фурсат*
*дар ин дурӯза муҳлат,*
*Барои мард номардӣ*
*ҳунар нест.*
*Миёни чашму абрӯи ману ёр,*
*Ишоратҳост*
*миҷгонро хабар нест.*
*Ҷаҳон боғест*
*сабзу ботароват,*
*Миёни боғ дигар*
*шуру шарар нест.*
*Низомо, ҳарчи мебинӣ*
*ба олам,*
*Ба ҷуз некӣ бидон*
*кори дигар нест.*

***Низом Барот***

# НАВРӮЗ ПАЁМЕ АЗ ЗИНДА ШУДАНИ ТАБИАТ

Наврӯз яке аз қадимтарин идҳои тоҷикон ба шумор меравад. Тавре ки дар сарчашмаҳои таърихӣ омадааст, аввалин касе ки ин идро ҷашн гирифт, подшоҳи форс бо номи Ҷамшед буд. Мутобиқи тақвими аҷдодиамон ва низоми ҳаракати сайёраҳо 21-уми март шабу рӯз баробар шуда, рӯзи аввали баҳор, рӯзи киштукори деҳқон ба шумор меравад.

Наврӯз бо қарори Маҷмааи умумии Созмони Миллали Муттаҳид ба як иди ҷаҳонӣ табдил ёфтааст. Тоҷикистон шояд тамоми ҳақро дорад, ки соли нави худро аз Наврӯз сар кунад. Наврӯз ба унвони иди баҳор ва эҳёи табиат дар кулли кишварҳои Осиёи Марказӣ ҷашн гирифта мешавад.

Наврӯз дар Тоҷикистон ба таври расмӣ ҳар сол 21 март ҷашн гирифта мешавад. Аммо бархе аз муҳаққиқони ойинҳои Наврӯзӣ бар ин назаранд, ки маҳомоти кишварҳои туркзабони Осиёи Марказӣ Наврӯзро танҳо ба хотири таъмини бақои таърихии мардуми худ ҷашн мегиранд. Бо таваҷҷӯҳ ба ин ки мардумони Осиёи Марказӣ равобити хуби таърихӣ доштанд, ҷашни Наврӯз дар миёни кишварҳои туркзабони минтақаи Осиёи Миёна, бавижа ӯзбекҳо, қирғизҳо, қазоқҳо ва туркманҳо низ дар натиҷаи равобити фарҳангӣ, иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва мавқеи ҷуғрофӣ густариш ёфтааст. Ҳоло, ки дар шаҳрҳои марказии Ӯзбекистон - Самарқанд, Бухоро, Насаф, Тирмиз, Деҳнав, ки мардуми тоҷик аз қадимулайём сукунат доранд ва мардуми таҳҷоии ин манотиқ тоҷик ҳастанд, суннат ва анъаноти Наврӯз ҳифз шуда, мардуми ӯзбек низ бо чунин расм Наврӯзро таҷлил мекунанд. Дар манотиқи мухталифи Ӯзбекистон гизои наврӯзӣ - суманак омода карда мешавад, ки мардуми ин кишвар сумалак мегӯянд.



Калимаи "Наврӯз" маънои "Рӯзи нав"-ро дорад. Ин иди баҳор, якум рӯзи соли нав, рӯзи баробарии баҳор, рӯзҳои асосии ид аз 21 то 22-юми март мебошад. Дар ҳар як шаҳр ин идро одамон бо расму русуми гуногун ҷашн мегиранд. Ҳоло дар Тоҷикистон асосан Наврӯзро аз 21 то 24-уми март ҷашн мегиранд ва ин давра рӯзҳои истироҳатӣ мебошад.

Орзуву омоли мардум на танҳо шифоҳӣ бо хондани суруду таронаҳо ва рубоиҳо, балки тавассути иҷрои амалҳои суннатӣ, расму ойинҳо ва инчунин дар сурати ашё, ҷонварон, меваю ғизоҳо, рангҳо, аносири табиат ва амсоли инҳо дар шакли рамз ё самбулҳо низ баён мегарданд. Ҳар як ҷашну маросими тоҷикон моломоли рамзу маъниҳои нуҳуфта, розҳои таърихию асотирии бостонӣ ва мазмунҳои печидаи ҳаётӣ мебошанд. Рамз як навъ баёни иҷтимоӣ мебошад, ки дар шаклҳои лафзӣ, хаттӣ, тасвирӣ, иҷроӣ ва моддӣ унсурҳои асотирию мазҳабӣ, адабӣ ва иҷтимоию фарҳангиро дар бар гирифта, аз як фард ба фарди дигар ва аз як насл ба насли баъдӣ интиқол ёфтаанд.

Мардуми тоҷик дар гузашта ранги сафедро ҳамчун рамзи покиву беолоишӣ, сулҳу осоиштагӣ, осмони соф ва кушоиши кор шумурда, дар интихоби ғизову ашё ва либосу ороиши хона ба он афзалият медоданд. Ниёгони тоҷикон кӯшиш менамуданд, ки ҳарчи бештар ин ранг дар айёми Наврӯз ба назарҳо расад. Масалан, ҳангоми таҳвили сол либосҳои сафед ба бар мекарданд. Дар руйи суфраи наврӯзӣ шакар, шир ва хӯрокҳои аз ширу биринҷ таҳияшуда мегузоштанд. Аз гӯшти ҷонварон, асосан, мурғ ва моҳӣ рӯи дастархон мениҳоданд, ки сафед ҳастанд.

Рӯзи Наврӯз дар бисёр манотиқи тоҷикнишин дегҳоро пур карда, оши палов ва гандумкӯча мепӯхтанд ва бо ин амал онҳо орзу мекарданд, ки тамоми сол серию пурӣ ва пурфайзу баракат бошад. Аз омадани Наврӯз, пеш аз ҳама бачагон бо иҷрои маросими шодии гулгардонӣ ба дигарон хабар медиҳанд. Онҳо як-ду ҳафта қабл аз Наврӯз гурӯҳ шуда, ба кӯҳу пуштаҳо рафта, гулҳои баҳорӣ: сиёҳгӯш ва гули зардакро чида ба деҳа меоранд ва хона ба хона гашта, ба мардум сурудхонон муждаи омадани Наврӯзро мерасонанд. Соҳибхонаҳо гулҳоро бӯй кашидаву ба чашм мемоланд ва ба бачаҳо кулчаю қанду мавиз, дар баъзе ҷойҳо гандуму нахуд медиҳанд.

***Саида ШОЕВА, Муборак ВАЛИЕВА, омӯзгорони кафедраи биология ва методикаи таълим***

# ПАТРИОТИЗМ - ОСНОВНОЙ ФАКТОР РАЗВИТИЯ ГОСУДАРСТВА И ОБЩЕСТВА



"Мы должны быть патриотами и никогда не забывать, что патриотизм и высокие национальные чувства являются основным фактором и важнейшим средством развития государства и общества.

То есть, каждый из нас и в дальнейшем в своей каждодневной деятельности должен сделать своим девизом и лозунгом понятия "патриотизм" и "прогресс"", - подчеркнул Президент Республики Таджикистан уважаемый Эмомали Рахмон в своем очередном Послании 23 декабря 2022г. Это действительно так. То, как человек относится к своей родине, характеризует его как личность.

Родина - светлое слово. Любовь к родине входит в наше сердце с детства не заметно. Человек рождается на свет и вместе с жизнью получает в наследство Родину. Её не выбирают точно так же, как не выбирают отца и мать. Мы любим вначале свою родину, любим то место, где родились, любим свой город или село, свой дом. Сердце никогда не забудет дорогу в школу, родную улицу, близких друзей. Но, взрослея, мы начинаем понимать, что это только небольшая часть страны. Ощущение Родины приходит тогда, когда начинаешь чувствовать себя гражданином страны, начинаешь задумываться о своем отношении к родине.

Родина - это твоя судьба на все испытания, на каждодневный труд. Принимать Родину надо без ропота, без зависти к другим народам, родившимся в иной, возможно, более богатой и благодатной земле. Раздели с Родиной её судьбу и люби её по - сыновьему, храни ей верность, оберегай и цени, не кляни в злую минуту жизни, а делай все для неё, что в твоих силах. Это и будет главным мерилом твоей порядочности и благородства. Не жди и не требуй награды за верность.

Президент Республики Таджикистан уважаемый Эмомали Рахмон сказал: "Уверен, что наш славный и гордый, патриотически-настроенный, трудолюбивый и волевой народ всегда способен на добрые деяния и устранения всех проблем и трудности, будет благоустраивать и развивать наш любимый Таджикистан и создать необходимые условия для большего улучшения условий жизни.

Только самоотверженные стремления, высокое чувство ответственности перед народом и Родиной и созидательные начинания и инициативы приблизят нас к нашим высшим целям".

Патриотизм проявляется в желании и стремлении знать историю своей страны, ее национальное и культурное богатство, активно участвовать в общественной жизни, добросовестно и творчески трудиться на благо Родины.

"Защита независимости и свободы нашего любимого Таджикистана и его величайшие достижения - мир и спокойствия, политическая стабильность, национальное единство должны быть человеческим долгом, гражданской обязанностью и духовной миссией каждого патриотически-настроенного и наделенного чувством национальной гордости каждого члена общества", - подчеркивает Президент Республики Таджикистан уважаемый Эмомали Рахмон.

Нет для нас края милее и дороже нашей Родины. Родина - это всё, что окружает нас с детства. Наша Родина - это высокие горы, красные тюльпаны на зелёном бархате склонов. Это прохлада родных арыков и быстрое течение горных рек. Это большие города и маленькие кишлаки. Это люди, руками которых построены дороги, дома и школы, посажены сады и виноградники, вспаханы земли и собран хлопок. Мы должны все свои знания и опыт, способности и усилия направлять на развитие нашего суверенного государства и Родины, сделать нашу любимую страну передовой и оставить в наследство будущим потомкам благоустроенный край.

На свете, наверное, есть много интересных и красивых мест, но для нас нет роднее и лучше нашей страны - Таджикистан!

***Фируза ФАЙЗУЛОЕВА, к.п.н., доцент, зав. общеуниверситетской кафедрой русского языка КГУ им. А. Рудаки***

# ТАРБИЯ АЗ ОИЛА ШУРУЪ МЕШАВАД

Таълиму тарбия равандест, ки бояд дар ҳамбастагии оила, ҷомеа ва мактаб ба роҳ монда шуда, зина ба зина амалӣ гардад. Агар каме таъхир намоем, таълиму тарбияи мо самараи хуб ба бор намеорад. Воқеаҳои замони муосир бори дигар исботи он аст, ки сари вақт таълиму тарбияи дуруст надодан ба фарзандон, инкишоф надодани тафаккур ва ҷаҳонбинии онҳо оқибати ногуворро ба бор меорад. Дар натиҷаи бемасъулиятиву беназоратии падару модар фарзандон тарбияи нодуруст гирифта, ҳамчун шахси бадкирдору зараррасони ҷомеа ба воя мерасанд. Барҳақ аст, ки бидуни таълиму тарбия, тартиботи ҷомеаро наметавон пойдору устувор кард ва баояндаи дурахшони давлату миллат боэътимод умед баст.

Асосгузори сулҳу Ваҳдати миллӣ- Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон тарбияи кӯдакону наврасон ва ҷавононро дар рӯҳияи арзишҳои суннатию башарӣ яке аз вазифаҳои муҳими имрӯзу ояндаи давлат ва ҷомеа дониста, масъалаҳои демографӣ ва танзими оиларо ҳамчун омили асосии ҷомеаи солим ба миён гузоштаанд, ки роҳу усули самараноки амалӣ намудани онҳо дар Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон №94 аз 3-юми марти соли 2006 дар "Консепсияи миллии тарбия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон" мавриди баррасӣ қарор гирифтааст. Тарбияи насли наврас, махсусан ҷавонон яке аз масъалаҳои мубрами ҳаёти мардуми тоҷик ва ҷаҳони муосир буда, аз ҳалли дурусти он пешрафти тамоми соҳаҳои ҳаёти иҷтимоӣ, иқтисодӣ, сиёсӣ ва фарҳангии мардуми давлатҳои дунё вобастагии калон дорад. Тарбияи ҷавонон ба муҳит ва шароити ҷамъият вобастагии зич дорад, агар муҳит созанда бошад, ҷавон солимфикр ба воя мерасад, агар ҷавон дар муҳити сӯзанда ба воя расад, пас аз ӯ умеди созандагӣ намудан душвор аст.

Пешвои миллат қайд мекунанд: "Ҷавонон бояд сабақҳои истиқлолро ҳамаҷониба омӯзанд, аз равандҳои сиёсати имрӯзаи кишвар огаҳ бошанд, таърихи гузаштаву ҳозираи халқи худро амиқ донанд, ба Ватан, миллат, забон ва фарҳанги худ ифтихор намоянд".

Вазифаҳои асосии оила дар он мебошад, ки дар кӯдакон аломатҳо ва нишонаҳои муҳимтарини шахси ҷомеаи навинро ташаккул диҳад, онҳоро бахри рушди ҷомеаи демократӣ омода намояд. Қисми зиёди оилаҳо дар мамлакати мо масъулияти худро бениҳоят хуб медонанд ва ба раванди таълиму тарбияи кӯдакон диққати ҷиддӣ медиҳанд.

***Мунира ХОЛМАТОВА, омӯзгори кафедраи забони англисии Коллеҷи тиббии шаҳри Кӯлоб ба номи Раҳмонзода Раҳматулло Азиз***

# НАВРӮЗ - ЯКЕ АЗ ҶАШНҲОИ МИЛЛИИ НИЁГОНИ МО

Наврӯз яке аз ҷашнҳои миллии мардуми ниёгони мо ба ҳисоб рафта, дорои таърихи ҳазорсолаҳо мебошад. Дар таърихи фарҳанги мардуми эронитабор ҳеҷ як анъана ва расму ойине чун ҷашни хуҷастапай ва фархундаи Наврӯз азизу арҷманд ва кӯҳантар нест. Наврӯз ҷашни соли нави мардумони эронинажод аст, ки ҳангоми баробар шудани шабу рӯз дар нахустин рӯзи баҳор ва солшумории хуршедӣ 1-уми фарвардин ё ҳамал ё 21-уми марти солшумории милодӣ фаро мерасад. Аз ин рӯ, Наврӯзро "Ҷашни сари сол" низ меноманд. Наврӯз "Рӯзи навъ" маънӣ дошта, дар аввали соли нави хуршедӣ ба истиқболи соли нав барпо мешавад. Наврӯз ҷашни фарорасии баҳори нозанин, зиндашавии табиат, оғози корҳои кишоварзӣ ва боғдорӣ, айёми баробаршавии шабу рӯз дар баҳор мебошад.

Аз ин китобҳои таърихӣ, яъне "Наврӯзнома"-и Умари Хайём, "Осор-ул-боқия", "Ал-тафҳим"-и Абурайҳони Берунӣ ва дигар асарҳо маълум мешавад, ки Наврӯз дар даврони қадим ба шаклҳои гуногун қайд карда мешудааст. Рӯзҳои ҷашнгирии ид низ фарқ доштааст. Баргузории ҷашни Наврӯз дар замони Сосониён чанд рӯз (на кам аз шаш рӯз) тӯл мекашид ва ба ду давра тақсим мешуд: Наврӯзи кӯчак ё Наврӯзи омма, ки панҷ рӯз буд ва аз якум то панҷуми моҳи фарвардин гиромидошт мешуд ва рӯзи шашуми Фарвардин (Хурдодрӯз), ҷашни Наврӯзи бузург ё Наврӯзи хосса барпо мегашт. Аз таърихи ҷашни Наврӯз роҷеъ ба таърихи пайдоишу баргузории ин ҷашни кӯҳанбунёд дар сарчашмаҳои тахрихию адабӣ ва бадеӣ маълумоти зиёд зикр гаштааст, ки донишмандони тоҷику эронӣ ва хориҷӣ дар асоси онҳо мақолаҳову рисолаҳои арзишманд таълиф намуданд. Аксари сарчашмаҳои таърихӣ ба он далолат мекунанд, ки Наврӯз дар давраи салтанати Пешдодиён дар замони ҳукмронии Шоҳ Ҷамшед пайдо шудааст. Агар ба тахрих назар афканем, мебинем, ки давраи салтанати Шоҳ Ҷамшед давраи адлу инсоф ва пайдоиши якчанд ҷашнҳои суннатӣ ва ойинҳое, ки аз замони Зардушт боқӣ монда буданд, ба пурраги қайд мешуданд. Дар баробари пайдоиши ҷашни Наврӯз дар байни олимон ва таърихшиносони қадиму муосир фикрҳои зиёд ба чашм мерасад. Наврӯз ҷашнест тамоми оламӣ табииро зинда менамояд ва деҳқонон дар ин моҳ ба кишт кардан оғоз мекунанд.

Аз ин лиҳоз, ҷашни Наврӯзро ба мардуми тоҷик ва ба тоҷикистониён табрику таҳният мегӯям.

***Ҳанифа ШАРИФОВА, ассистенти кафедраи химия ва методикаи таълим***

# БАРГУЗОРИИ ДАВРИ ДОНИШГОҲИИ ОЗМУНИ ҶУМҲУРИЯВИИ "ФУРӮҒИ СУБҲИ ДОНОӢ КИТОБ АСТ"



Боиси шодмонӣ ва шукргузорист, ки Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои рушду нумӯи тамоми соҳаҳои ҳаёти ҷомеа шароити мусоид фароҳам овард. Бо ташаббусу дастгириҳои бевоситаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар радифи самтҳои гуногуни илму маърифат ба соҳаи китобдорӣ низ таваҷҷуҳи хоса зоҳир карда шуд. Воқеан, дар ташаккули андешаи миллӣ ва таҳкими истиқлол нақши китоб хеле бузург аст. Маҳз ҳамин дастгириҳои маърифатпарваронаи Пешвои муаззами миллат аст, ки солҳои охир соҳаи китобдорӣ, илму ирфон рӯз ба рӯз рушд карда истодааст.

Дар такя ба ин андеша, месазад зикр намуд, ки Ҳукумати мамлакат барои рушди соҳаи китобдорӣ ва баланд бардоштани сатҳи маърифати аҳолии кишвар пайваста тадбирҳои муассир меандешад.

Хушбахтона соли 5-ум аст, ки озмуни ҷумҳуриявии "Фурӯғи субҳи доноӣ китоб аст" дар сартосари кишвари маҳбубамон гузаронида мешавад.

Ҳадафи асосии баргузории чунин озмунҳо ин пеш аз ҳама баланд бардоштани завқи китобхонӣ, дарёфти чеҳраҳои нави суханвариву сухандонӣ, арҷ гузоштан ба арзишҳои миллию фарҳангӣ ва инкишофи қобилияти эҷодӣ, таҳкими эҳсоси худшиносӣ, ғанӣ гардонидани захираи луғавӣ, тақвияти ҷаҳони маънавӣ ва баландгардонии доираи забондонӣ миёни қишрҳои мухталифи ҷомеа, аз ҷумла хонандагону донишҷӯёни ҳамаи зинаҳои таҳсилот ва шаҳрвандони кишвар мебошад.

Аз ин рӯ, рӯзи 28-уми март дар Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ даври донишгоҳии озмуни мазкур бо иштироки ноибони ректор ва деканону мудирони кафедраҳо баргузор гардид.

Ҳайати комиссияи озмун инҳо буданд:

Номинатсияи адабиёти муосири тоҷик

1. Холиқова Зайналбӣ, номзади илмҳои филологӣ, дотсент;

2. Шамшоди Ҷамшед, номзади илмҳои филологӣ.

Номинатсияи адабиёти классикии тоҷик

1. Ашурова Нодира, доктори илмҳои филологӣ, дотсент;

2. Зулфиев Гадомад, номзади илмҳои филологӣ.

Номинатсияи адабиёти ҷаҳон

1. Худойдодова Шарофат, номзади илмҳои филологӣ, дотсент;

2. Бобоқулов Ҷумъахон, номзади илмҳои филологӣ, дотсент.

Номинатсияҳои эҷоди назм ва наср

1. Сафаров Файз, роҳбари маҳфили "Адибони ҷавон"-и донишгоҳ;

2. Баротов Низом, муаллими калони кафедраи таҳсилоти томактабӣ ва кори иҷтимоӣ.

Нахуст ноиби ректор оид ба илм ва инноватсия Рафиев Сафархон суханронӣ намуда, ба кори озмун барору комёбиҳо таманно намуданд.

Қобили қайд аст, ки донишҷӯён бо низомномаи нави озмуни ҷумҳуриявии "Фурӯғи субҳи доноӣ китоб аст" шинос шуданд ва аз рӯи он бо кӯмаку дастгириҳои роҳбарону омӯзгорони худ ба озмун тайёрии ҷиддӣ дида истодаанд.

Дар озмун зиёда аз 41 нафар омӯзгорону донишҷӯён аз ҳамаи факултаҳои донишгоҳ аз рӯи чор номинатсия: адабиёти классикии тоҷик, адабиёти муосири тоҷик, адабиёти ҷаҳон ва эҷоди назму наср ширкат намуда, 26 нафар ба даври шаҳрӣ роҳ ёфтанд.

Лозим ба ёдоварист, ки дар соли 2022 ду нафар донишҷӯёни донишгоҳ аз рӯи номинатсияҳои адабиёти классикии тоҷик ва адабиёти ҷаҳон сазовори ҷойҳои 3-юм гардида буданд.

# КОНФРОНС: "ЭНЕРГИЯИ САБЗ ВА ҲИФЗИ ЭКОСИСТЕМАҲОИ ТАБИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН"



Чунон ки Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар яке аз суханрониҳояшон қайд намудаанд: "Тоҷикистон дорои сарвати азими истифоданашудаи гидроэнергетикӣ буда, аз рӯи фоизи истеҳсоли "энергияи сабз" аз манбаъҳои таҷдидшаванда дар қатори шаш кишвари пешсафи сайёра ҷойгир аст. Истифодаи чунин захираҳо яке аз заминаҳои асосии ташаккул ёфтани "иқтисоди сабз" ба ҳисоб рафта, идоракунии самаранокки унсурҳои дигари он, аз ҷумла захираҳои обӣ, экология ва рушди устуворро таъмин менамояд".

Ба ин муносибат 31-уми март дар Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ конфронси ҷумҳуриявии илмӣ-амалӣ дар мавзуи "Энергияи сабз ва ҳифзи экосистемаҳои табиии Ҷумҳурии Тоҷикистон" бахшида ба эълон гардидани соли 2025 ҳамчун Соли байналмилалии ҳифзи пиряххо бо иштироки васеи олимону муҳаққиқон аз донишгоҳҳои мухталифи кишвар баргузор гардид.

Дар конфронс муовини ректор оид ба таълим, номзади илмҳои филологӣ, дотсент Холиқзода Айниддин, муовини ректор оид ба илм ва инноватсия, номзади илмҳои педагогӣ, дотсент Рафиев Сафархон, муовини ректор оид ба муносибатҳои байналмилалӣ, дотсент Худойдодова Шарофат ва ҳайати профессорон, омӯзгорон ва донишҷӯён ширкат варзиданд.

Конфронсро дотсент Холиқзода Айниддин ҳусни оғоз бахшида, ҷиҳати ташаббусҳои беназири Роҳбари давлат дар самти масъалаҳои об, тағйирёбии иқлим ва ҳифзи пиряххо ибрози андеша намуд. Номбурда қайд кард, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Пешвои миллат имрӯз дар сатҳи байналмилалӣ ҳамчун кишвар ва роҳбари ташаббускор оид ба масъалаҳои ҷаҳонӣ вобаста ба масъалаҳои об ва ҳифзи захираҳои об эътироф гардидааст, ки ин боиси ифтихор ва сарбаландии ҳар як тоҷику тоҷикистонӣ мебошад. Зимни баромад қабул ва дастгирии ташаббуси панҷуми Пешвои миллат оид ба эълон намудани соли 2025 ҳамчун "Соли байналмилалии ҳифзи пиряххо" аз ҷониби 154 кишвари узви СММ-ро ёдовар шуда, ин ташаббусро ҳамчун иқдоми беназир ва нодир арзёбӣ намуд.

Сипас Қаюмов Абдулҳамид, академики Академияи муҳандисии Ҷумҳурии Тоҷикистон, профессор, директори Муассисаи давлатии илмии "Маркази омӯзиши пиряххои Академияи миллии Тоҷикистон" дар мавзуи "Ҷумҳурии Тоҷикистон пешоҳанги омӯзиши пиряххо дар ҷаҳон", Ғаниев Таваралӣ, доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори кафедраи идоракунии Тоҷикистон дар мавзуи "Давраҳо ва равандҳои глобалии экологии рушди босуботи иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон", Муртазоев Ӯктам, доктори илмҳои география, профессори кафедраи географияи табиии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон дар мавзуи "Преобразование речных систем Таджикистана с помощю водохранилищ и их последствие", Муҳаббатов Холназар, профессори кафедраи методикаи таълили туризми Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон дар мавзуи "Последствия изменение климата в Таджикистане", Гадоев Шералӣ, мудири кафедраи география ва сайёҳии Донишгоҳи давлатии Кӯлоб дар мавзуи "Пиряххо танзимкунандаи оби ширин дар сайёраи Замин" маърӯзаҳои худро ироа намуда, доир ба ташаббусҳои беназири Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар самти масъалаҳои об, тағйирёбии иқлим ва ҳифзи пиряххо ибрози андеша карданд.

Зикр гардид, ки дар ҳақиқат тағйирёбии иқлим яке аз умдатарин мушкилоти ҷаҳонӣ боқӣ мемонад. Дар раванди тараққиёт ва пешрафти худ давлатҳои дунё бераҳмона ба табиат зиён расонидаанд, ки дар натиҷа ба мувозинати системаи табиат халалҳо ворид шудааст. Беларвоёна қонеъ гардонидани талаботи худ, инсонро ба муаммои умумиҷаҳонӣ дучор намудааст, ки "Тағйирёбии ҷаҳонии иқлим" ном гирифтааст. Рушди истеҳсолот вобаста ба талаботи инсон аз меъёр зиёд ба атмосфера гази карбон хориҷ карда мешавад, ки натиҷаи он гармшавии ҳарорати ҳаво гардидааст.

Пас аз ҷамъбасти ҷаласаи ифтитоҳӣ кори конфронс дар ду бахш: "Географияи табиӣ" ва "Географияи иқтисодӣ" идома ёфт.

Мавриди зикр аст, ки дар ҷаласаи ифтитоҳӣ ва бахшҳои конфронс 83 мақолаи профессорон ва омӯзгорон бобати бахшҳои гуногуни пиряххо ва роҳҳои ҳифзи онҳо шунида шуд. Маҷмуаи илмии конфронс аз ҷониби Раёсати донишгоҳ ба нашр расонида шуд.

# СЕМИНАРИ ИЛМӢ-НАЗАРИЯВӢ

Санаи 25-уми феврали соли равон дар бинои маъмурии Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ аз ҷониби Маркази рушди касбият ва инноватсия семинари илмӣ-назариявӣ дар мавзуи "Пайваст шудан ба махзани миллии библиографии иқтибосҳои илмӣ (РИНЦ)" баргузор гардид.



Дар семинар Рафиев Сафархон, муовини ректор оид ба илм ва инноватсия, номзади илмҳои педагогӣ, дотсент, Шарипов Анвар, сардори Маркази рушди касбият ва инноватсия, номзади илмҳои педагогӣ, дотсент, Изатов Умедҷон, мутахассиси пешбари марказ ва омӯзгорони донишгоҳ иштирок намуданд.

Саравввал Рафиев Сафархон, муовини ректор оид ба илм ва инноватсия ва ҳамзамон сардори Маркази рушди касбият ва инноватсия Шарипов Анвар суханронӣ намуда, зимни баромадашон қайд карданд: "Махзани миллии библиографии иқтибосҳои илмӣ зиёда аз 12 миллион нашрияҳои муаллифони рус, инчунин маълумот дар бораи истинод ба ин нашрияҳо беш аз 6000 маҷаллаҳои Русияро дар бар мегирад. Он на танҳо барои сари вақт таъмин намудани тадқиқоти илмӣ бо маълумоти муосири маълумотнома ва библиографӣ пешбинӣ шудааст, балки як воситаи пурқуввати таҳлилӣ мебошад, ки ба шумо имкон медиҳад, ки самаранокии ташкилотҳои тадқиқотӣ, олимон, сатҳи маҷаллаҳои илмӣ ва ғайра".

Сипас мутахассиси пешбари Марказ Изатов Умедҷон дар мавзуи "Пайваст шудан ба махзани миллии библиографии иқтибосҳои илмӣ (РИНЦ)" суханронӣ намуда, оид ба тарзи ворид шудан ба ин махзани илмӣ ва ҷой додани мақолаҳоро ба омӯзгорон фаҳмониданд. Ҳамзамон иштирокдорон тарзи дурусти пайваст шудан ба ин махзани илмиро омӯхтанд ва дар амал нишон доданд.

Дар охир атрофи мавзуи зикргардида саволу ҷавоб доир гардид.

# БАРГУЗОРИИ СЕМИНАРИ ИЛМӢ - НАЗАРИЯВӢ

Санаи 1-уми апрел дар Маркази рушди касбият ва инноватсияи Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ семинари илмӣ-назариявӣ дар мавзуи "Тартиби барасмиятдарорӣ ва таҳияи рисолаи илмӣ" бо иштироки муовини ректор оид ба илм ва инноватсия, дотсент Рафиев Сафархон, сардори Маркази рушди касбият ва инноватсия, дотсент Шарипов Анвар, магистрантон, докторантон ва унвонҷӯён баргузор гардид.



Саравввал дотсент Шарипов Анвар баромад намуда, семинаро оғоз кард.

Сипас дотсент Рафиев Сафархон дар мавзуи "Тартиби барасмиятдарорӣ ва таҳияи рисолаи илмӣ" баромад намуда, оид ба ҳуҷҷатнигорӣ ва тартиби додани корҳои илмӣ-тадқиқотӣ маълумоти бештар дода, чанд намунаи ҳуҷҷатҳоро пешкаши иштирокчиён намуданд.

Дар охир миёни баромадкунанда ба нишастагон оид ба мавзуи баррасишуда саволу ҷавоб доир гардид.

# ТАҶЛИЛИ РӮЗИ МАТБУОТИ ТОҶИК



Санаи 9-уми март дар бинои маъмурии Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ чорабинии илмӣ-назариявии донишгоҳӣ дар мавзуи "Матбуоти тоҷик-оинаи худшиносии миллӣ" бахшида ба Рӯзи матбуоти тоҷик баргузор гардид.

Дар чорабинӣ ноиби ректор оид ба таълим, номзади илмҳои филологӣ, дотсент Холиқзода Айниддин, раиси Иттифоқи журналистони Тоҷикистон Исмоилзода Зиннатулло, ноиби ректор оид ба муносибатҳои байналмилалӣ, номзади илмҳои филологӣ, дотсент Шарофат Худойдодова, директори Муассисаи давлатии Телевизиони Кӯлоб Сафаралӣ Бозорзода, профессори фахрии донишгоҳ Зафар Мирзоён, собиқадорони матбуот ва инчунин рӯзноманигороне, ки дар минтақаи Кӯлоб фаъолият мекунанд, иштирок доштанд.

Сараввал, дотсент Холиқзода Айниддин суханронӣ намуда, таъкид доштанд, ки ҳамасола дар сартосари кишвари азизамон 11-уми март ҳамчун Рӯзи матбуоти тоҷик қайд карда мешавад. 111 сол муқаддам дар ин рӯз нахустин шумораи рӯзномаи тоҷикӣ - "Бухорои Шариф" ба табъ расидааст, ки рӯйдоди муҳим ва таъсиргузор дар таърихи миллати мо маҳсуб мегардад. Матбуот яке аз рукнҳои асосӣ, пураҳамият ва пешбарандаи ҷомеа ба шумор рафта, имрӯз ҳаётро бидуни воситаҳои ахбори омма тасаввур кардан имконнопазир аст.

Дар идома устод зикр карданд, ки имрӯз саҳми арзандаи рӯзноманигорон дар пешбурди ҳаёти ҷомеа калон аст ва онҳо дар ҳама давру замон ҳамдаму ҳамнафаси халқ буданд, ҳастанд ва дар оянда низ манфиатҳои ҷомеаро дар мадди аввал мегузоранд.

Дар шароити муосири ҷаҳонишавӣ матбуоти тоҷик, аз он ҷумла рӯзноманигорони вилояти Хатлон дар набардҳои иттилоотӣ бахри ҳифзи арзишу манфиатҳои миллӣ, алалхусус амнияти фазои иттилоотии кишвар собитқадамона ширкат варзида, дар ташаккули афкори созандаи ҷомеа, бахри рушду шукуфоии давлати соҳибистиқлоли Тоҷикистон саҳми бориз мегузоранд.

- Матбуоти тоҷик дар тӯли таърихи мавҷудияташ ҳамеша бозгӯкунандаи вазъи воқеии сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии кишварамон буда, сарчашмаи муътамади иттилоъ буду боқӣ мондааст. Матбуот ҳамчун яке аз рукнҳои асосӣ, муҳимтарин ва пешбарандаи ҷомеа, бахусус дар даврони Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба шарофати фароҳам омадани шароиту имкониятҳои озодандешию ошкорбаёнӣ мавқеи устувор ишғол намуд. Аз ин ҷост, ки Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон матбуотро чашму гӯши халқ ва муҳимтарин рукни ҷомеаи мардумсолорӣ номидаанд, зикр доштанд, раиси Иттифоқи журналистони Тоҷикистон Исмоилзода Зиннатулло.

Инчунин, дар чорабинӣ ховаршинос Зафар Мирзоён ва директори Муассисаи давлатии Телевизиони Кӯлоб Бозорзода Сафаралӣ доир ба роҳҳои тайнамудаи матбуоти тоҷик маърӯза намуданд.

Дар фарҷоми чорабинӣ аз ҷониби Раёсати донишгоҳ ва раиси Иттифоқи журналистони Тоҷикистон ба як қатор собиқадорони матбуот, рӯзноманигорони фаъол барои масъулияти баланди касбӣ, хизмати созанда дар инъикоси дастовардҳои халқу давлат ва ҳимояи манфиатҳои миллӣ бахшида ба Рӯзи матбуоти тоҷик бо Сипоснома сарфароз гардонида шуданд.

Дар чорабинӣ мазкур ба дотсент Шарофат Худойдодова нишони сарисинагии "Аълочии матбуоти тоҷик" дар вазъияти тантанавӣ супорида шуд ва 3 нафари дигар узви нави Иттифоқи журналистони Тоҷикистон гардиданд.

# БАРГУЗОРИИ КОНФЕРЕНСИЯИ ИЛМӢ-АМАЛӢ



Санаи 7-уми март дар факултети филологияи тоҷик ва журналистикаи Донишгоҳи Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ конференсияи илмӣ-амалӣ дар мавзуи "Занон дар меҳвари сиёсати Пешвои миллат" дар доираи амалишавии "Консепсияи миллии тарбия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 03,03,2006, № 94 барои солҳои 2022-2023" баргузор гардид.

Дар конференсия мудири кафедраи забони тоҷикии умумидонишгоҳӣ номзади илмҳои филологӣ Қувватова Муҳаббат, муаллимаи калони кафедраи забоншиносӣ ва таърихи забон Сайдалиева Сарварбӣ ва дигар омӯзгорону донишҷӯён иштирок доштанд.

Нахуст Қувватова Муҳаббат баромад намуда қайд намуданд: "Агар нури офтоб ҷаҳонро файзу хуррамӣ бахшад, пас Зан - Модар бо меҳру муҳаббат ва раҳму шафқати хеш сарчашмаи зиндагӣ ва гармии ҳар як хонавода аст. Мо ҷашни бонувонро махсус Рӯзи Модар ном ниҳодем, то ки эҳтироми амиқу арҷгузории хосаи худро ба бузургиву зебоӣ ва азамату олиҳимматии модарони покиришту офарандагони ҳаёти инсонӣ собит созем, зеро аслу ҷавҳари Рӯзи Модарро муҳаббату самимият, покиву садоқат ва ҳурмату эҳтироми беандоза нисбат ба Зан - Модар ташкил медиҳанд".

Сипас магистранти курси якуми ихтисоси забон ва адабиёти тоҷик Розияи Саидзода дар мавзуи "Нақши занону бонувон дар таҳкими Истиқлоли давлатӣ", донишҷӯи курси сеюми факултет Давронова Савсан дар мавзуи "Занон ҳамчун нерӯи бузурги ҷомеа" маърӯзаҳои худро ироа намуданд.

Дар охир аз ҷониби гурӯҳи донишҷӯён суруди алла, порчаҳои шеърӣ дар васфи Зан-Модар ва суруду таронаҳо шунида шуд. Ҳамчунин, аз тарафи чанде аз гурӯҳи донишҷӯёни факултет саҳначаи тарбиявӣ дар мавзуи "Қадру манзалати модар" пешниҳод гардид.

**ЭЪТИБОР НАДОРАД**

Билети донишҷӯие, ки соли 2022 Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ ба донишҷӯи соли 1-уми факултети тарбияи ҷисмонӣ ва омодагии дифои ҳарбӣ ба Муҳаммадшарифи Рустам додааст, бинобар сабаби гум шуданаш аз эътибор соқит дониста шавад.

XXXX

Дафтарчаи имтиҳонотие, ки соли 2019 Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ ба донишҷӯи соли 5-уми факултети химия ва биология (таҳсилоти фосилавӣ) Ҷонфарӯзи Хурсандзод додааст, бинобар сабаби гум шуданаш аз эътибор соқит дониста шавад.

# БАРГУЗОРИИ МАҲФИЛИ "МАЪРИФАТИ МОЛИЯВӢ"



Дар таърихи 28-уми феврал дар толори Шӯрои олимони факултети молиявию иқтисодии Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ маҳфили навбатии "Маърифати молиявӣ" бо иштироки васеъ омӯзгорону донишҷӯён баргузор гардид.

Нахуст Комилов Низомуддин, номзади илмҳои иқтисодӣ суханронӣ намуда, қайд карданд: "Тағйироти иқтисодӣ дар Тоҷикистон дар шароити муосир ҳамзамон маънои куллан дигаргуншавии арзёбӣ ҷойгоҳ ва нақши низоми бонкӣ дар иқтисодиёти миллиро дорад, ки вобаста ба табиати худ ҷузъи муҳиму таркибии муносибатҳои такрористеҳсолӣ дар хоҷагии халқ маҳсуб меёбад. Рушди бомароми иқтисодиёти миллӣ, ташкили мақсадноки муносибатҳои байналмилалӣ, баланд бардоштани сатҳи некӯаҳволии мардум ва ҳалли мушкилиҳои иҷтимоӣ дар ҷомеа аз фаъолияти босамару устувори низоми бонкии кишвар вобастагӣ дорад".

Сипас Султонҷони Муҳиддин, донишҷӯи курси 4-уми ихтисоси молия ва қарз дар мавзуи "Хусусиятҳои рушди низоми хизматрасониҳои қарздиҳии бонкӣ дар шароити иқтисоди бозорӣ" зери роҳбарии ассистенти кафедраи молия ва қарз Ҳаёев Қиёмуддин маърӯзаи худро ироа намуд. Зимни баромади хеш маърӯзачӣ қайд кард, ки дар давоми солҳои охир низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти таъсири ногувори тағйиротҳои куллӣ қарор гирифт, ки дар натиҷаи он шумораи ташкилотҳои қарзӣ, ҳаҷми маблағҳои пасандозӣ ва сармояи худии бонкҳо коҳиш ёфта, ҳиссаи қарзҳои мушкилситон дар ҳаҷми умумии қарзҳои додашуда зиёд гардид.

Дар охир маҳфил бо саволу ҷавоб ва баҳсу мунозира миёни омӯзгорону донишҷӯён ба анҷом расид.

# МУҲОКИМАИ РИСОЛАИ НОМЗАДӢ



Санаи 15-уми март дар факултети иқтисод ва идораи Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ муҳокимаи рисолаи номзадии докторанти PhD-и кафедраи иқтисодиёти корхонаҳо ва соҳибкорӣ Акимов Саидҷон Муродмадович дар мавзуи "Мукаммалгардонии механизми ташкилию иқтисодии баланд бардоштани рақобатпазирии корхонаҳои КАС-и минтақа (дар мисоли корхонаҳои КАС-и вилояти Хатлон)" бо роҳбарии доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Мирсаидов Саидакмал Аврорович баргузор гардид.

Дар муҳокима декани факултет, номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент Расулова Лутфия, декани факултети молиявию иқтисодӣ, номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент Фатҳуллозода Абдухолиқ, мудири кафедраи менеҷмент ва маркетинг, номзади илмҳои педагогӣ, дотсент Сафарзода Мунир ва дигар омӯзгорон иштирок намуданд.

Дар рафти муҳокима ҳамчун муқарризони холис, номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент Фатҳуллозода Абдухолиқ ва номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент Наврӯз Носирӣ баромад намуда, ҳусну қубҳи рисолаи илмиро арзёбӣ намуда, пешниҳоду тавсияҳои худро ироа карданд.

Ҳамин тариқ, рисолаи номзадии докторанти PhD бо дар назардошти тавсияҳо анҷомёфта ҳисоб шуда, барои муҳокимаи давраи навбатӣ тавсия карда шуд.

# ТАҚСИМОТИ ПЕШАКИИ ХАТМКУНАНДАГОНИ РАВИЯИ ОМӮЗГОРӢ



Санаи 1-уми апрел дар факултети филологияи тоҷик ва журналистикаи Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ корҳои фаҳмондадиҳии Комиссияи донишгоҳӣ оид ба тақсимоти пешакии хатмкунандагони соли таҳсили 2022-2023 мутобиқи фармоиши ректори донишгоҳ аз 16-уми марти соли 2023 таҳти рақами №49 баргузор гардид.

Дар ҷаласа Амиров Файзуллохуҷа, сардори Раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси донишгоҳ, Назарзода Бахтиёр, мудири шӯъбаи таъминоти ҳуқуқӣ, Бобоев Бахтовар, мудири бахши таҷрибаомӯзӣ ва кор бо мутахассисони ҷавони донишгоҳ, Абдусамадзода Эраҷ, декани факултет, Муҳаммадҷони Абдувоҳид, сармутахассиси бахши таҷрибаомӯзӣ ва кор бо мутахассисони ҷавон ва хатмкунандагони факултети мазкур иштирок доштанд.

Дар кори ҷаласа Комиссияи донишгоҳӣ оид ба тақсимоти пешакии хатмкунандагони донишгоҳ ба ҳар як хатмкунанда суҳбатҳои инфиродӣ намуда, онҳоро бо талаботи қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи "Тартиби тақсимот ва ба ҷойи кор таъмин намудани мутахассисони ҷавон" (аз 27.05.2017, №262) ва "Дар бораи тартиби баргардонидани маблағҳое, ки аз ҳисоби буҷети давлатӣ барои тайёр кардани мутахассисон харҷ шудаанд" (аз 29.11.2022, №563) шинос намуда, ҳуқуқ, уҳдадорӣ ва оқибатҳои риоя накардани санадҳои зикргардидаро ба онҳо фаҳмониданд.

**ЭЪТИБОР НАДОРАД**

Дафтарчаи имтиҳонотие, ки соли 2019 Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ ба донишҷӯи соли 5-уми факултети химия ва биология (таҳсилоти фосилавӣ) Маҳмадалиев Некрӯз додааст, бинобар сабаби гум шуданаш аз эътибор соқит дониста шавад.

# ФАЪОЛГАРДОНИИ РАВАНДИ ҶАЛБИ ПАСАНДОЗҲОИ АҲОЛӢ



Дар шароити муносибатҳои иқтисоди бозорӣ ва қарор гирифтани ҳар яке аз кишварҳои ҷаҳон дар вазъи осебпазирии молиявӣ, ҷалби босуръати пасандозҳои аҳолӣ ҳамчун механизми асосию саривақтии фаъолияти бонкҳои тиҷоратӣ ҷиҳати устувор гардонидани ҳолати молиявӣ ва канор гирифтани худ аз таъсири манфии бӯҳронҳои молиявӣ-иқтисодии ҷаҳонӣ ба ҳисоб рафта, дар таъмини соҳаҳои хоҷагии халқ бо захираҳои молиявӣ ва ҳамзамон тақвият бахшидани иқтидори истеҳсолию содиротии кишвар нақши калидиро мебозад.

Агар ба таркиби санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқии бахши бонкии кишвар назар афканда бошем, барои таъсис ва ба роҳ мондани фаъолияти бонкҳои тиҷоратии навтаъсис меъёрҳои муайяни сармояи оиномавӣ муқаррар карда шудааст, ки аз ҷониби ҳар яке аз онҳо риоя шудани онро тақозо менамояд. Таҷрибаи бонкдории ҷаҳонӣ исбот намудааст, ки ҷиҳати рушди захираҳои молиявӣ ва дар ин асос баланд бардоштани сатҳи пардохтпазирӣ ва таъмини фаъолияти бардавоми устувор мебояд, ки бонкҳои тиҷоратӣ ҷалби пасандозҳои худро боз ҳам фаъолтар гардонида бошанд.

Аз ин рӯ, ҷалби пасандоз яке аз амалиётҳои марказии бонкҳои тиҷоратӣ ба ҳисоб рафта, бо хусусиятҳои хос ва афзалиятноки худ нисбат ба дигар амалиётҳои бонкӣ тафовут дошта, дар худ шумораи зиёди муштариёнро ҷалб намудааст. Ин аст, ки ҳамасола дар бонкҳои тиҷоратии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳаҷми муайяни пасандозҳо ҷалб намуда мешаванд.

Ба мо маълум мегардад, ки дар ин солҳо тамоюли афзоишёбии ҷалби пасандозҳои аҳолӣ дар ташкилотҳои қарзии молиявӣ ба назар расида, аз 5 521 млн. сомонии соли 2015 ба 10 159 млн. сомонӣ дар соли 2021 расидааст, ки 4 638 млн. сомонӣ зиёд мебошад.

Бояд зикр намуд, ки вобаста ба афзоишёбии рушди сармояи инсонӣ, бештаршавии талаботи аҳолӣ ба хизматрасониҳои гуногуни муосири бонкӣ ва бо тадриҷ мураккаб гаштани вазъи иқтисодиёти кишвар ва ҷаҳон, ташкилотҳои қарзии фаъолияткунандаро мебояд, ки назар аз пештара дар имрӯз дида, тамоми имкониятҳои худро бахри ба даст овардани диққати бештари аҳолӣ ва дар ин замина ҷалб намудани маблағҳои аз муомилот бозмондаи онҳо ҷиҳати афзоиш додани ҳаҷми маблағгузориҳои қарзӣ роҳҳои қатъиро андеша карда бошанд.

***Эмомалӣ УМАРОВ,***
***донишҷӯи соли 4-уми факултети молиявию иқтисодӣ***

# ТАҲЛИЛИ ВАЗЪИ МАБЛАҒГУЗОРИҲОИ ҚАРЗИИ ФАЪОЛИЯТИ БОНКҲОИ ТИҶОРАТӢ




Низоми қарздиҳии фаъолияти бонкҳои тиҷоратӣ яке аз омилҳои асосии таъмин намудани аҳолии кишвар ба воситаҳои молиявӣ ба шумор рафта, дар фаъолгардонии бахши истеҳсолӣ ва дар ин замина баланд бардоштани сатҳи некуаҳволии мардум ва ҳамзамон зиёд намудани иқтидори содиротии кишвар нақши меҳвариро мебозад. Аз ин рӯ, низоми бонкӣ дар таҷрибаи бонкдории ҷаҳонӣ ҳамчун самти афзалиятнок ҷиҳати ноил гаштан ба ҳадафҳои стратегӣ эътироф гаштааст.

Бояд қайд намуд, ки баъд аз ба даст овардани истиқлоли давлатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон тамоми бахшҳои низоми молиявӣ, бахусус низоми бонкӣ дар марҳилаи рушдёбӣ қарор дорад.

Дар ин замон агар ба сохтори низоми бонкии кишвар назар афканем, шумораи зиёди бонкҳои тиҷоратӣ ба пешниҳод намудани хизматрасониҳои гуногуни молиявӣ машғул буда, маҳз фаъолияти самарабахши ин ниҳодҳои молиявист, ки диққати бештари аҳолӣ назар ба дигар бахшҳои низоми молиявӣ ба онҳо равона гаштааст.

Тамоюли камшавии шумораи ташкилотҳои қарзӣ ба назар расида, аз 84 адади соли 2017 ба 63 адад дар соли 2021 расидааст, ки 21 адад кам ба мушоҳида мерасад. Бояд зикр намуд, ки дар шароити мураккаб ва осебпазири вазъи ҷаҳони муосир танҳо бонкҳои устувору навъовар метавонанд дар бозори бонкӣ бардавом фаъолият намуда бошанд.

Дар доираи он санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқие, ки дар онҳо амалиётҳои гуногуни бонкӣ дарҷ шудааст, яке аз амалиётҳои марказӣ ва таъминкунандаи ҳаҷми бештари даромади умумии бонкҳои тиҷоратӣ ин амалиёти қарзӣ ба шумор меравад. Аз ин рӯ, бо дарназардошти таъсири мусбати низоми қарздиҳӣ, ҳамасола аз ҷониби бонкҳои тиҷоратӣ ҳаҷми пешниҳоди он васеъ гашта истодааст.

Тамоюли пешниҳоди қарзии бонкҳои тиҷоратӣ ботадриҷ афзоиш ёфта, аз 8,5 млрд. сомонии соли 2017 ба 11,9 млрд. сомонӣ дар соли 2021 расидааст, ки афзоиш ба 3,4 млрд. сомонӣ баробар гаштааст.

Мебояд гуфт, ки тибқи таҳлилҳои дар боло қайдкардашуда ва бо дарназардошти таъсири мусбати пешниҳоди қарз дар самаранокии раванди фаъолияти соҳибкорӣ, имрӯз дар Ҷумҳурии Тоҷикистон стратегия ва барномаҳои зиёде қабул шудааст, ки саҳми онҳо дар баланд бардоштани нишондиҳандаҳои молиявии низоми бонкии кишвар ва дар ин замина таъмини рушди устувори бахшҳои воқеии иқтисодӣ назаррас арзёбӣ мегардад.

Аз ин рӯ, ҷиҳати афзоиш додани сатҳи сармоя ва пардохтпазир эътироф гаштан дар доираи бозори бонкӣ аз ҳар як бонки тиҷоратӣ ба роҳ мондани сиёсати дурусти қарзиро тақозо менамояд.

***Фаридун ОҚИЛОВ,***
***донишҷӯи соли 4-уми факултети молиявию иқтисодӣ***

# НАҚШИ ВОЛИДАЙН ДАР ТАРБИЯИ АХЛОҚӢ-ПСИХОЛОГИИ КӮДАК

Оила дар меҳвари ҷомеа қарор дошта, солимии ҷомеа аз солимии оила маншаъ мегирад. Бо ҳамин мақсад, ба тарбияи ахлоқӣ-психологии кӯдак бояд таваҷҷӯҳи зиёд дода шавад. Асоси оиларо ҳамдигарфаҳмӣ, меҳру муҳаббат, дӯстдорӣ ва ҳурмату эҳтироми якдигар ташкил медиҳад. Оилае, ки дар он сифатҳои хуби инсонӣ вуҷуд надорад, он оила мустаҳкам шуда наметавонад.

Оила дар таълиму тарбияи кӯдак нақши муҳимро мебозад. Дар таълиму тарбияи кӯдак луқмаи ҳалол ба даст овардаи волидайн асос дониста мешавад. Агар хоҳем, ки фарзанди солим, боилм ва бофарҳанг ба тарбия намоем, ӯро аз батни модар будан тарбия намоем. Агар волидайн боилму бофарҳанг ва намунаи ибрат бошанд, фарзандони онҳо низ дар оянда инсони комил дар ҷомеа мегарданд. Бетарафӣ нисбат ба тарбияи кӯдак ба ояндаи дурахшони ӯ зарбаи сахти равонӣ-иҷтимоӣ мерасонад. Пеш аз ҳама, волидайн ба кӯдак меҳру муҳаббати падару модариро диҳад, чунки меҳри падару модариро на амак, тағо ва на бобою бибӣ дода метавонад. Дар оила рафтори калонсолон нақши муҳимро дорад. Чи рафтору амале, ки бузургтарон иҷро мекунанд, дар оянда барои инкишофи психологӣ-ахлокии кӯдак ҳамон хел таъсир мерасонад.

Агар волидайн бо ҳамдигар рафтори хуб, дар кору фаъолияти худ самимона анҷом диҳанд, дар рушду тарбияи кӯдак таъсири мусбат мерасонад. Ба волидайн зарур аст, ки аз овони хурдсолӣ ба кӯдак шаклҳои одоби муошират, тозаю озода нигоҳ доштани сару либос, муносибати эҳтиёткорона зоҳир намудан ба муҳити зист, чизҳои шахсӣ ва ҷамъиятӣ тарбия намоянд. Асос баъди таваллуд ба фарзанд номи нек гузоштан зарур аст, то ки кӯдак дар оянда аз ин номи неки худ розӣ бошад. Бо кӯдак муомилаи хуби волидайн зарур аст. Вобаста ба синнусоли кӯдак падару модар рафтори худро тағйир диҳанд. Доир ба имконияти хоҳишдоштаи кӯдак ҷиҳати манфӣ ва мусбатро дида бароянд. Яъне, роҳи дурустро фаҳмонда диҳанд. Хуб қазоват кунанд бо муомилаи хуб ба фарзандашон фаҳмонида тавонанд. Агар аъзоёни оила калонсолон ба роҳ додани ҷангу ҷидол, моҷароҳҳои оилавӣ, худписандиву мағрурӣ, саҳлангорӣ, шиддатёбии тарзҳои муошират ва ба замми ин истеъмоли машруботи спиртӣ, сарфаю сариштакорӣ накардан, зоҳир намудани бемасъулиятӣ дар ҳаёти оилавӣ боиси аз ҷиҳати маънавию рӯҳӣ ва иқтисодӣ ба таназулёбии оила сабаб мешавад. Зеро оила аввалин тарбиятгар ва мураббии насли имрӯз аст. Асоси тарбия, феълу рафтор, ҷаҳонбинӣ ва чӣ тавр бояд роҳи зиндагиро интихоб намуд, маҳз аз оила сарчашма мегирад. Дар таълиму тарбияи фарзанд ғайр аз оила муҳит ва ҷомеа, махсусан коллектив таъсиррасон аст. Вақте ки оила фарзандро хуб тарбия кунад, дар фаъолият бо коллектив ва ҷомеа метавонад ба таълиму тарбияи кӯдак таъсири хуб расонад. Падару модар вазифадоранд, ки ба кӯдак чи тавр муносибат карданро дар ҷойҳои ҷамъиятӣ ва коллектив омӯзонад. Бе назорат набошанд нисбат ба тарбияи фарзанд.

Олимон ва файласуфони тоҷик доир ба ин масъала андешаҳо ва тавсияҳои худро баён намудаанд. Дар яке аз дастурҳои таълимии психологӣ дотсент Шарипов Анвар чунин зикр намудааст: "Масъалаи тарбияи сифатҳои психологии кӯдак дар зери таъсири муҳити оила, ҷамъият ва муошират коллективӣ рушд менамоянд". Барои ин, ҳангоми иҷтимоишавии кӯдак дар чунин муҳит аҳамияти ҷиддӣ дод, то ки ояндаи ахлоқии кӯдак зери хавф намонад. Падару модар худ бояд намунаи ибрат бошанд.

***Ойшамо ҚУРБОНОВА,***
***донишҷӯи соли 1-уми факултети омӯзгорӣ ва фарҳанг, ихтисоси таҳсилоти томактабӣ***

# АЗ ТАЪРИХИ ПАЙДОИШИ РӮЗИ 1-УМИ АПРЕЛ

1-уми апрел рӯзи ҳазлу шухӣ ё дурӯғҳои ҳазломез натанҳо дар Тоҷикистон, балки дар тамоми кишварҳои Ғарб медонанд. Дар ин рӯзро бо гуфтору шухиву дурӯғҳои ҳазломез одамон бо ёру бародару наздикони худ ҷашнаш мегиранд.

Ҳатто ин рӯз ба сайру саёҳат баромада, бо ин дили худро шод менамуданд. Махсусан, солҳои пеш ҳаҷвнигорони машҳури Тоҷикистон Қиёмиддин Чақалзода, Убайдуло Раҷаб ва дигарон маҳфилу саҳнаҳои шухиомез мекарданд, ки бо ин ҳазорон нафарро механдониданду дилҳояшонро лаҳзае бошад хурсанд менамуданд.

Ин раванд натанҳо дар Тоҷикистон, балки дар мамолики ғарб низ ҷойгоҳи худро дорад. Хело ҷолиб аст, ки 1-уми апрел кай пайдо шудааст ё чӣ гуна таърихро доро мебошад? Ҳаминро фикр карда, банда хостам, то дар бораи ин ҷашни қадима маълумоте пайдо кунаму онро ба қалам диҳам.

Дар кадом мамлакат пайдо шудани ҷашнро то ба ҳол муайн накардаанд. Аввалан пайдоиши ин ҷашнро ба Рими Қадим нисбат медиҳанд, ки дар нимаи дуюми моҳи феврал мардум рӯзи соддалавҳонро таҷлил менамуданд. Апулей фиреби нахустапрелиро ба худоихандаҳо марбут медонад. Назарияи дигаре аст, ки 1-уми апрел дар Ҳинди қадим пайдо шудааст. 31-уми март дар ин кишвар рӯзи шухӣ таҷлил мешавад. Ҷойи дигаре оварда шудааст, ки ирландиҳо дар замони қадим 1-уми апрелро ба муносибати Соли нав ҷашн мегирифтанд.

Пас аз ин, олимон дар бораи худи ҷашн тадқиқ намуда, муайан намудаанд, ки рӯзи ҳаҷв ба рӯзи гузариш ба тақвими григорианӣ рост меояд. Он аз тарафи поп Григорони 13 соли 1582 роҳандозӣ шудааст, ки дар асрҳои миёна соли нав дар охирҳои моҳи март таҷлил мегардид.

***Наврӯзшо ИСЛОМОВ, донишҷӯи соли 3-юми факултети филологияи тоҷик ва журналистика***

# ҶАВОНОН - ПУШТИБОНИ СИЁСАТИ ПЕШВОИ МИЛЛАТАНД

Ҳар як шахс дар айёми ҷавонӣ худро ба мисли паррандаи дар парвози баланди зиндагӣ хаёл карда, ҳамеша дар ҷӯстуҷӯ ва дар талош аст. Ҳаёти давраи ҷавонӣ ниҳоят давари ҳассос, ширин ва ҳалкунандаи давоми зиндагист. Маҳз дар синни ҷавонӣ инсон ояндаи дуру наздики худро муайян месозад. Ҳар як амале, ки имрӯз дар овони ҷавонӣ иҷро мешавад, натиҷа ва самараи худро дар оянда ба бор хоҳад овард.

Аз ин лиҳоз, дар ин айём тарбияи насли ҷавон дар рӯҳияи ватандӯстӣ, инсондӯстӣ ва эҳтироми фарҳангу тамаддуни миллӣ ниҳоят манфиатбахш мебошад, ки ин яъне аз ҳадафҳои асосии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳисоб меравад. Тавре Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар яке аз суханрониҳои худ таъкид кардаанд: "Шумо, ҷавонон умеду орзуҳои мо, татбиқкунандагони нақшаву ниятҳои неки насли калонсол ва ормонҳои ҳазорсолаи миллати қадимаи тоҷик мебошед ва вазифадоред, ки ин масъулияти бузургро содиқонаву сарбаландона иҷро намоед. Зеро ояндаи Тоҷикистон шумо ҳастед ва тараққиёти минбаъдаи кишвари маҳбубамон, ки асосҳои мустаҳками он имрӯзҳо гузашта мешаванд ва таҳкими мақоми он дар ҷомеаи мутамаддини башарӣ аз саҳми фаъолонаи шумо дар ҳаёти иқтисодӣ ва сиёсиву ҷамъиятӣ мамлакат вобаста мебошад. Ҳукумати Тоҷикистон ҷавононро неруи тавонои созанда ва пешбарандаи ҳамаи соҳаҳои ҳаёти мамлакат меҳисобад ва ба ҳалли мушкилоту масъалаҳои вобаста ба зиндагӣ ва таҳсилу фаъолияти онҳоро ҳамчун самти афзалиятноки сиёсати иҷтимоии худ эътироф менамоед."

***Робиямо ҚИЁМОВА, донишҷӯи соли 2-юми факултети химия ва биология***

# ХИЁНАТ АМАЛИ НОБАХШИДАНИСТ!




Имрӯз мо ҷавонони кишвар пайваста аз дастгириҳои сиёсати хирадмандонаи Асогузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон шукргузорӣ намуда, пайваста бар муқобили он нафароне ҳастем, ки мехоҳанд ҷомеаи моро дар арсаи ҷаҳонӣ паст зананд ва ҳамчун як кишвари нотавону заиф шинос намоянд. Мо низ намегузорем ба оромии кишвари азизамон аз тарафи ин шахсиятҳои манфур халале ворид шавад. Ба ҳамагон маълум аст, ки ин хоинони миллат ҷангҳои интернетиро оғоз карда, мехоҳанд ба ин роҳ идеяи мардумро самти худ равона созанд ва ҳадафҳои ноҷавонмардонаи худро амалӣ созанд.

Имрӯз кишвари мо бо 180 давлати ҷаҳон муносибатҳои дипломатӣ барқарор кардааст, ки ин барои пешрафти кишвар мусоидат мекунад. Мо, дар воқеъ бо кишвари азизи худ меболем менозем ва шукрона аз ин бахту саодат мекунем. Имрӯз дар ҷаҳон чандин миллатҳое вуҷуд доранд, ки соҳиби давлат, забон, марзу бум парчам ва ба нишони худ нестанду арзишҳои миллиашон ба боди фаромӯшӣ рафтааст. Дар баробари ин, давлатҳои ҷангзада низ ҳастанд ба мисли Афғонистон, Ироқ, Сурия, ки ба сулҳу субот, истиқлол ва осоиштагии миллати тоҷик ҳавас доранд. Сурия, Фаластин, Ироқ ва монанди инҳо, ки имрӯз шаҳрвандони онҳо дар шароити ғайриинсонӣ, бо азобу машаққатҳои зиёд ва пур аз хатару таҳлука умр ба сар мебаранд, фарзандонашон аз илму маърифат дур монда, бо яъсу ноумедӣ ба воя мерасанд. Мардуми азиятдидаи тоҷик, ки як маротиба ин рӯзҳои пуртаҳлукаро аз сар гузаронидааст, ҳаргиз намехоҳад, ки кишвари азизашон бори дигар гирифтори ин гуна нобасомониҳо шавад.

Душманону нотавонбинони миллати мо дар қолабҳои шахсиву гурӯҳӣ ҳар лаҳзаву ҳар дақиқа мисли "хамелеон" рӯ зада, аз ритми азалии худ зери нотаи нотавонбинӣ, фитнаангезӣ, бухтон ва дурӯғафканӣ бо мақсади ғасби ҳокимияти қонунӣ истифода карда, мехоҳанд ба шуури созандаи мардум, хусусан ҷавонони саодатманди ин миллати кӯҳанбунёд латма ва доғ ворид кунанд ва бехабар аз онанд, ки тирашон ба нишон нахоҳад расид.

Аз ин рӯ, фазои имрӯзаи сиёсии минтақа ва ҷаҳон моро водор месозад, ки тамоми неруи созандаи ҷомеаро бахри ҳифз ва ҳимояи манфиаҳои давлату миллат равона созем. Мо, ҷавонон бояд канори якдигар камари ҳиммат баста, дар ҳифзу ҳимояи ватан омода бошем.

*Маҳмадсаид МИРВАЛӢ,*
*ассистенти кафедраи ҳуқуқ ва муносибатҳои байналмилалӣ*

# МАФҲУМ, МОҲИЯТ ВА МАҚСАДҲОИ ҒАРАЗНОКИ ТАШКИЛОТҲОИ ТЕРРОРИСТӢ-ЭКСТРЕМИСТӢ

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар яке аз Паёмҳои худ иброз намудаанд, ки "Диққати асосӣ бояд ба пешгирӣ намудани терроризму экстермизм, шомилшавии шаҳрвандони мамлакат ба созмону ҳаракатҳои террористиву экстремистӣ ва ба Ватан баргардонидани шахсони гумроҳшуда равона карда шавад".

Пешвои миллат, ҳамчунин таъкид намудаанд, ки "Мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва сохторҳои низомиро зарур аст, ки бо ҳушёриву зиракии сиёсӣ ва баланд бардоштани донишу малакаи касбӣ, инчунин, бо истифода аз шаклу усулҳои муосир мубориазро бар зидди терроризм ва экстремизм, зуҳуроти ҷиноятҳои муташаккили фаромиллӣ, қочоқу муомилоти ғайриқонунии маводи мухаддир ва дигар қонуншиканиҳо тақвият диҳанд".

Бояд қайд кард, ки пеш аз ҳама бо мақсади бархурдор шудан аз ташкилотҳои террористӣ-экстремистӣ мо худ бояд аз қонунҳои амалкунанда, хусусан аз Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи муқовимат ба экстермизм бархурдор бошем.

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи муқовимат ба экстермизм аз 2 январи соли 2020, № 1665 қабул карда шуда, аз 6 боб ва 30 модда иборат мебошад.

Қонуни мазкур асосҳои ташкилӣ ва муқовимат ба экстремизмро бо мақсади ҳимояи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, асосҳои сохтори конститутсионӣ, таъмини соҳибихтиёрӣ, тамомияти арзӣ ва амнияти Ҷумҳурии Тоҷикистонро муайян менамояд.

Пеш аз он, ки мо масъалаи доғи рӯзро баррасӣ намоем, бояд мафҳум ва маъноҳои истилоҳи як қатор вожаҳоро фаҳмем:

Дар моддаи 1 Қонуни мазкур мафҳуми экстремизм чунин омадааст:

Экстремизм - ифодаи мафкура ва фаъолияти экстремистие, ки барои бо роҳи зӯроварӣ ва амалҳои дигари зиддиқонунӣ ҳал намудани масъалаҳои сиёсӣ, ҷамъиятӣ, иҷтимоӣ, миллӣ, нажодӣ, маҳалгароӣ ва динӣ (мазҳабӣ) равона карда шудааст.

Қайд кардан зарур аст, ки «экстремизм» аз калимаи франсузии «extremizme» гирифта шуда, маъноаш «тундравӣ», «фикру андешаҳои тундравона» ва маънои дигараш «аз ҳад гузаштан» аст.

Дар моддаи 1-и Қонун боз мафҳуми асосии фаъолияти эустремистӣ, - маблағгузории экстремизм, - ташкилоти экстремистӣ; - маводи экстремистӣ, ҳуҷҷат, - муқовимат ба экстремизм, - ҷиноятҳои хусусияти экстремистидошта низ дарҷ гардидааст.

Экстремист шахсест, ки дар фаъолияти худ ҷонибдори амалҳои якравияву тундравӣ аст. Ин амалу зуҳурот метавонад дар тамоми соҳаҳои фаъолияти инсон - дар дин, сиёсат, идеология, илм ва ҳатто дар варзиш низ ба миён ояд. Қобили қайд аст, ки "экстремизм" ва "терроризм" ин ду мафҳум ба ҳам пайваст мебошанд.



Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи муқовимат ба терроризм бошад, аз 23 декабри соли 2021, № 1808 қабул карда шуда, аз 12 боб ва 46 модда иборат мебошад.

Қонуни мазкур принсипҳои асосии муқовимат ба терроризм, асосҳои ҳуқуқӣ ва ташкилии пешгирии терроризм ва мубориза бо он, роҳу усулҳои бартараф намудани оқибатҳои амали террористиро бо мақсади таъмини бехатарии шахс, ҷамъият ва давлат, ҳифзи соҳибихтиёрӣ, тамомияти арзӣ ва амнияти Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян менамояд.

Дар моддаи 1 Қонуни мазкур мафҳуми терроризм чунин омадааст: "Терроризм - мафкураи зӯроварӣ ва таъсиррасонӣ ба қабули қарори мақомоти ҳокимияти давлатӣ, мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот ё созмонҳои байналмилалӣ, ки бо тарсонидани аҳолӣ ва ё дигар шаклҳои зӯроварии ғайриқонунӣ алоқаманд мебошад".

Калимаи "терроризм" аз калимаи лотинии "terror" гирифта шуда, маъноаш "тарсу ҳарос ваҳм ва даҳшатафканӣ" мебошад.

Дар моддаи 1-и Қонун боз мафҳуми асосии амали террористӣ; - амалиёти зиддитеррористӣ; - гурӯҳи террористӣ; - гаравгон; - муқовимат ба терроризм; - мубориза ба терроризм; - минтақаи гузаронидани амалиёти зиддитеррористӣ; - терроризми байналмилалӣ; - ташкилоти террористӣ; - фаъолияти террористӣ; - фаъолияти терроризми байналмилалӣ; - ҷиноятҳои дорои хусусияти террористӣ низ дарҷ гардидааст.

Ҷиноятҳое, ки дар моддаҳои 179, 179 иловаи 1,179 иловаи 2, 179 иловаи 3,181,182,184 иловаи 1,184 иловаи 2, 184 иловаи 3, 184 иловаи 4, 185,193,194,194 иловаи 1, 194 иловаи 2, 194 иловаи 3, 194 иловаи 4, 194 иловаи 5, 310 ва 402 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ шудаанд.

Айни замон дар дунё зиёда аз 200 мафҳуми терроризм мавҷуд мебошад, ки аз ҷониби олимон ва терологҳо мафҳуми ягонаи терроризм вуҷуд надорад. Аз ҷумла, дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон низ ин ҳолат ба мушоҳида мерасад (мисол, фарқияти мафҳуми "терроризм" дар моддаи 179 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва моддаи 1-и Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи мубориза бар зидди терроризм ифода мегардад).

Дар моддаи 179 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон бошад, мафҳуми терроризм бо чунин мазмун дарҷ шудааст.

Терроризм, яъне содир намудани таркиш, сӯхтор, тирпаронӣ аз силоҳи оташфишон ё дигар кирдоре, ки боиси хавфи марги одамон, расонидани зарари ҷиддӣ ба молу мулк ё ба миён омадани оқибатҳои дигари барои ҷамъият хавфнок мегардад, агар ин кирдор бо мақсади халалдор сохтани амнияти ҷамъиятӣ, тарсонидани аҳолӣ ё расонидани таъсири ҷиҳати аз ҷониби мақомоти ҳокимият қабул намудани қарор, инчунин таҳдиди анҷом додани кирдорҳои зикршуда бо ҳамин мақсадҳо. Соли 2002 дар Дубровкаи шаҳри Москва 960 нафар гарав гирифта шуда буд. Набояд фаромӯш кард, ки истилоҳоти "террор" ва "терроризм" нахустин маротиба дар Инқилоби кабири Фаронса солҳои 1793-1797 ба вуҷуд омадааст.

Масалан, аксари аъзоёни ҷараёни экстремистии Салафия хатмкардагони мадрасаҳои Арабистони Саудӣ ва Ҷумҳурии Исломии Покистон мебошанд. Қароргоҳи маркази равияи экстремистии Салафия дар шаҳри Лондони Британияи Кабир ҷойгир мебошад.

Аъзоёни ташкилоти террористӣ - экстремистии ҲНИ бошад, аз идеологияи шиаи аҳли ташаюъ дар қароргоҳҳои диверсионии шаҳри Қум, Мозандарон, Шаҳрисабз, Ироқ мебошанд, ки ин далелҳо шаҳодати гуфтаҳои боло мебошанд.

Дар фарҷом қайд карданӣ ҳастем, ки мову шуморо зарур аст дар самти мубориза бар зидди экстремизм ва терроризм зиракӣ, ҳушёрӣ, далерӣ, чусту чолокӣ, шуҷоатмандӣ ва аз ҳама муҳим - сипоҳиро аз даст надиҳем.

*Исуф ФАРХУДДИНОВ, номзади илмҳои педагогӣ, дотсенти кафедраи фанҳои гуманитарӣ*

# ОМӮЗИШИ ЗАБОНҲОИ ХОРИҶӢ - ОМИЛИ МУҲИМИ РУШДИ КИШВАР

**(дар ҳошияи Паёмҳои ҳамасолаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ")**

***Агар сесад забон донӣ, фузун нест,***
***Ҳама рӯзе ба кор ояд, забун нест.***

Дар Паёмҳои ҳамасолаи худ ба Маҷлиси Олӣ Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон омӯзиши забонҳои хориҷӣ, аз ҷумла забони англисӣ ва русиро барои имрӯз - замони ҷаҳонишавӣ ва пешрафти бесобиқаи илму технология муҳим арзёбӣ менамоянд.

Хусусан забони англисӣ аз бузургтарин забонҳои дунё ва яке аз шаш забони кории Созмони Милали Муттаҳид мебошад. Имрӯз аксари маҳсулоти истеҳсолкардаи мамолики олам, ки дар бозорҳои ҷаҳон ба фурӯш бароварда мешаванд, албатта бо забони англисӣ нишондоду дастурамал доранд. Шахс агар ин забонро ба таври даркорӣ надонад, ашёи харидорӣ намудаашро ба таври лозимӣ истифода бурда наметавонад. Бинобар ин, забони англисиро забони илму техникаи ҷаҳонӣ низ меноманд.

Пас аз интишори Фармоиши Президенти мамлакат "Дар бораи такмили таълими забонҳои англисӣ ва русӣ" (соли 2003) ва "Барномаи давлатии такмили таълим ва омӯзиши забонҳои русӣ ва англисӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2014-2020" таълим ва омӯзиши ин забонҳо ҷараёни нав пайдо намуд.

Пешвои муаззами миллат вобаста ба ин бо камоли дилсузӣ мефармоянд: "Донистани забонҳои дигар, махсусан забонҳои русӣ ва англисӣ барои наврасону ҷавонони мо зарурати воқеии рӯз аст. Аммо ин тамоюл набояд сабаби ба забони шевои тоҷикӣ роҳ ёфтани унсурҳои нозарури бегона гардад".

Дар шароити имрӯза Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бахри рушди соҳаи сайёҳӣ, ки самти афзалиятноки сиёсати давлатамон ба ҳисоб меравад, тадбирҳои созгорро рӯи кор оварда, шумораи сайёҳони хориҷӣ сол то сол дар тамоми гӯшаву канори Тоҷикистони маҳбубамон зиёд гардида истодааст ва барои муоширати хуб карда тавонистану ба саволҳояшон посух додан, додани маълумоти зарурӣ ба корафтодагон ва расонидани кӯмак ба сайёҳони ниёзманд, донистани забонҳои муоширати байналмилалӣ барои кормандони осорхонаҳо ва агентиҳои сайёҳӣ хеле муҳим аст.

***Парвина ЗАРДАКОВА, омӯзгори кафедраи забони англисии Коллеҷи тиббии шаҳри Кӯлоб ба номи Раҳмонзода Раҳматулло Азиз***

**ЭЪТИБОР НАДОРАД**

Дипломи ДТО №0084283, ки соли 2009 Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ ба Раҳимова Манзура (таҳсилоти рӯзона) додааст, бинобар сабаби гум шуданаш аз эътибор соқит дониста шавад.

ХХХХ

Дафтарчаи имтиҳонотие, ки соли 2008 Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ ба донишҷӯи соли 2-уми факултети омӯзгорӣ ва фарҳанг (таҳсилоти фосилавӣ) Тағаймуродова Фарида додааст, бинобар сабаби гум шуданаш аз эътибор соқит дониста шавад.

ХХХХ

Дафтарчаи имтиҳонотие, ки соли 2018 Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ ба донишҷӯи соли 5-уми факултети омӯзгорӣ ва фарҳанг (таҳсилоти рӯзона) Ҳадисаи Ҷамаи Сулаймонзода додааст, бинобар сабаби гум шуданаш аз эътибор соқит дониста шавад.

*Ба ширинзабониву лутфу хушӣ,*
*Тавонӣ, ки пиле ба мӯе кашӣ.*
*Саъдӣ Шерозӣ*





Бовар дорам, ки таҷрибаву зарфиятҳои ЮНЕСКО ва Ташкилоти ҷаҳонии обуҳавошиносӣ, ки тибқи қатънома барои анҷоми тадорукоти Соли ҳифзи пиряххо мувazзаф гаштаанд, ба татбиқи самараноки ҳадафҳои он мусоидати ҳамаҷониба хоҳанд кард. Аз нигоҳи мо, Бонки ҷаҳонӣ, Агентии байналмилалӣ оид ба энергияи атомӣ (МАГАТЭ), Иттиҳоди байналмилалӣ оид ба ҳифзи табиат, Эътилофи обу иқлим ва дигар шарикон, ҳамчунин, метавонанд дар муваффақ гаштани ин ташаббус саҳми муносиб гузоранд. Албатта, платформаи "Раванди оби Душанбе" барои пешбурди муколамаву мубоҳисаҳо дар ин самт замина ва шароити мусоидро фароҳам хоҳад овард.

Итминони комил дорам, ки талошҳои якҷояи мо дар ин самт самараи дилхоҳ хоҳанд дод ва мо соли 2025 дар Тоҷикистон дар ҳошияи Конфронси байналмилалии бахшида ба ҳифзи пиряхҳо дар ҳаллу фасли ин масъалаи муҳим метавонем таҳаввулоти ҷиддиро амалӣ намоем.

# СОЛРӮЗ ХУҶАСТА БОД!

***Маъмурият, ҳайати профессорону устодон, кормандон ва донишҷӯёни Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ, инчунин ҳайати эҷодии рӯзномаи "Анвори дониш" омӯзгорон ва кормандони зерини донишгоҳро, ки моҳи апрели солиёни гуногун таваллуд шудаанд, табрику таҳният гуфта, аз даргоҳи Яздони пок барояшон тансиҳатӣ, умри бардавом, сари баланд, тани неруманд ва дар кору фаъолияташон комёбиҳои беназирро таманно доранд. Бигузор ҳамеша чун кӯҳҳои Помир сарбаланд, чун Рӯдакӣ хушбаён, чун Саъдӣ дарозумр, чун Ҳофиз шуҳратманд ва чун Ҷомӣ хоксор бошед! Ҳеҷ гоҳ БАХТ ва ХИЗР кошонаи шуморо тарк насозанд! Мисли гулҳои баҳорӣ, ки ҳама саросар зебо ҳастанд, зебо бимонед. Хушиву хурсандӣ, ки беҳтарин ҳамсафари инсонанд, доим ҳамсафаратон бод!***

***Бигузор дар умратон баракат ва дар касбатон муваффқият пайваста амалӣ гардад.***

1. НАЗАРЗОДА ПИРАЛӢ, 01.04.1957, доктори илмҳои сиёсӣ, дотсент, мудири кафедраи таърих ва методикаи таълимии таърих;
2. БОЗОРОВ САЛИМ, 01.04.1972, ассистенти кафедраи таърихи халқи тоҷик;
3. ГИЁЕВ АБДУНАЗАР, 01.04.1968, номзади илмҳои педагогӣ, дотсенти кафедраи адабиёти муосири рус;
4. ГАДОЕВ ШЕРАЛӢ, 01.04.1988, номзади илмҳои география, мудири кафедраи география ва сайёҳӣ;
5. ҲАЛИМОВА МАВҶУДА,01.04.1960, саромӯзгори кафедраи адабиёти хориҷӣ бо МТЗАР;
6. БОБОХОНОВ ҶАМШЕД, 01.04.1988, ассистенти кафедраи методикаи таълими информатика;
7. ПИРМАДОВА ЗЕБОНИСО, 01.04.1978, фарош;
8. АШУРОВ СОДИРХОН, 02.04.1968, ассистенти кафедари мудофияи гражданӣ ва ОДҲ;
9. ФИРӮЗИ ИЛҲОМ, 02.04.1991, ассистенти кафедраи фалсафа;
10. ДАВЛАТОВ ХУДОЁР, 02.04.1994, ассистенти кафедраи тарбияи ҷисмонӣ ва методикаи таълими он;
11. ДИЛАФРӮЗИ РАҶАБЗОДА, 02.04.1989, номзади илмҳои педагогӣ, саромӯзгори кафедраи таҳсилоти ибтидоӣ;
12. СУЛТОНОВА ҚУРБОНБӢ, 02.04.1966, асисстенти кафедраи математика ва методикаи таълими он;
13. АКБАРОВА МАҲРАМБӢ, 03.04.1980, номзади илмҳои педагогӣ, дотсенти кафедраи таҳсилоти ибтидоӣ;
14. НАЗАРОВ ҲОТАМШО, 03.04.1985, номзади илмҳои педагогӣ, дотсент, мудири кафедраи педагогика;
15. ОДИНАЕВ ДУРАНДЕШ, 04.04.1994, ассистенти кафедраи тарбияи ҷисмонӣ ва методикаи таълими он;
16. ШАФИЕВ БАХТИЁР, 04.04.1986, саромӯзгори кафедраи молия ва қарз;
17. ИСМОНОВ МАҲМАДУЛЛО, 05.04.1995, ассистенти кафедари мудофияи гражданӣ ва ОДҲ;
18. ХУДОЙДОДОВА ОБИДАМО, 07.04.1976, саромӯзгори кафедраи педагогикаи умумидонишгоҳӣ;
19. БОҚИЕВ РУЗИБЕК, 08.04.1958, номзади илмҳои таърих, мудири кафедраи таърихи халқи тоҷик;
20. АБДУЛЛОЕВ ДОНИЁР, 08.04.1954, ассистенти кафедари мудофияи гражданӣ ва ОДҲ;
21. АБДУЛЛОҶОНИ ҲОТАМ, 10.04.1994, ассистенти кафедраи педагогикаи умумидонишгоҳӣ;
22. ЗУБАЙДОВА МИҶГОНА, 10.04.1984, ассистенти кафедраи фалсафа;
23. НУРМАТОВ ЁҚУБХОН, 10.04 1975, саромӯзгори кафедраи забони русии умумидонишгоҳӣ;
24. ҲАФИЗОВ САИДҶОН, 10.04.1948, ассистенти кафедраи биология ва методикаи таълими он;
25. ЯТИМОВ ҲОМИД, 10.04.1989, саромӯзгори кафедраи илмҳои компютерӣ;
26. САФАРЗОДА ШИРИНҶОН, 11.04.1972, ассистенти кафедраи журналистика;
27. РАҲМОНОВ ШАРБАТАЛӢ, 12.04.1950, саромӯзгори кафедраи таҳлили математикӣ ва назарияи функсияҳо;
28. НАИМОВА ТАМАННО, 12.04.1995, лобаранти кафедраи методикаи таълими информатика;
29. САФИЕВ АБДУСАТОР, 13.04.1995, ассистенти кафедраи ҳуқуқ ва муносибатҳои байналмилалӣ;
30. ҚУРБОНОВ МАҲМАДӢ, 13.04.1980, саромӯзгори кафедраи равоншиносӣ;
31. САФАРОВ ПАРВИЗ,13.04.1981, ассистенти кафедраи баҳисобгирии муҳосибӣ ва аудит;
32. ТОШМАТОВ АБДУНАБӢ ,13.04.1957, номзади илмҳои физика ва математика, дотсенти физикаи умумӣ ва назариявӣ;
33. ГИЁЕВА ЭРКАМО, 13.04.1988, китобдор, корманди китобхона;
34. ҲИСАЙНОВ ТЕШАХОН ,16.04.1969, ассистент кафедраи химия ва методикаи таълими он;
35. НУРОВА НИГИНА, 17.04.1989, ассистенти кафедраи забони русии умумидонишгоҳӣ;
36. МУЪМИНОВ ФИРДАВС, 17.04.1978, ассистенти кафедраи таърих ва методикаи таълимии таърих;
37. РАЪНОИ НУРАЛӢ, 17.04.1992 , ассистенти кафедраи менеҷмент ва маркетинг;
38. ҒУЛОМОВ ЗИКРУЛЛО, 17.05.1993, номзади илмҳои иқтисодӣ, саромӯзгори кафедраи менаҷмент ва макетинг;
39. БОБОЕВ САМАНДАР, 18.04.1996, асисстенти кафедраи назарияи иқтисодӣ;
40. ДАВЛАТОВ МИРАЛӢ, 19.04.1980, номзади илмҳои педагогӣ, декани факултети омӯзгорӣ ва фарҳанг;
41. САИДЗОДА ҚУВВАТАЛӢ, 20.04.1995, ассистенти кафедраи фалсафа;
42. НУРАЛИЕВА ФАЗИЛАТМО, 20.04.1972, ассистенти кафедраи муосири рус;
43. НАЗАРОВА РУҚИЯМО, 21.04.1971, мутахассиси шуъбаи умумӣ;
44. ИСУФОВ ШЕРДИЛ , 21.04.1993, саромӯзгори кафедраи таърих ва ҳуқуқ;
45. ОЯХМАДОВ ТОҶИДДИН, 22.04.1982, камендант;
46. НАЗАРОВ БАХТИЁР, 22.04.1988, саромӯзгори кафедраи ҳуқуқ ва муносибатҳои байналмилалӣ;
47. ДАВЛАТОВ ТОЛҚУН, 22.04.1956, саромӯзгори кафедраи таҳсилоти ибтидоӣ;
48. ҚУРБОНОВА ЗАРИНА, 22.04.1988, ассистенти кафедраи ҳуқуқ ва муносибатҳои байналмилалӣ;
49. НУРМАТОВ ҲИСОМУДДИН, 23.04.1977, ассистенти кафедраи тарбияи ҷисмонӣ ва методикаи таълими он;
50. НАСИБАИ САЙҲОМИД, 23.04.1994, ассистенти кафедраи таҳсилоти ибтидоӣ;
51. КАМОЛОВ ФАРРУХРӮЗ, 23.04.1993, ҷонишини декан оид ба тарбияи факултети филологияи хориҷӣ;
52. ФАЙЗАЛИЕВА ФАРХУНДА, 23.04.1993, ассистенти кафедраи забонҳои хориҷӣ;
53. ШАРИФОВ БЕДИЛ, 24.04.1999, ассистенти кафедраи баҳисобгирии муҳосибӣ ва аудит;
54. АТОЕВ НЕКРӮЗ, 24.04.1991, ассистенти кафедраи таҳсилоти ибтидоӣ;
55. ОДИНАЕВ ИЗАТУЛЛО, 24.04.1994, ассистенти кафедраи иқтисодиёти корхонаҳо ва соҳибкорӣ;
56. МУРОДОВ САТТОР, 25.04.1980, лаборанти физикаи умумӣ ва назариявӣ;
57. НИЁЗОВ ҶОНМАҲМАД, 25.04.1985, номзади илмҳои педагогӣ, дотсенти кафедраи математика ва методикаи таълими он;
58. НАЗАРОВ ЭМОМАЛӢ, 26.04.1959, саромӯзгори кафедраи менеҷмент ва маркетинг;
59. ИБРОИМОВА РӮХШОНА, 26.04.1979, ассистенти кафедраи география ва сайёҳӣ;
60. ХУДОЙДОДОВА ШАРОФАТ, 26.04.1967, номзади илмҳои филологӣ, дотсенти кафедраи журналистика, ноиби ректор оид ба муносибаҳои байналмилалӣ;
61. САИДОВ АБДУЛЛО, 27.04.1981, ассистенти кафедраи методикаи таълими забонҳои хориҷӣ;
62. ҶАЛИЛОВА АНВАРБӢ, 27.04.1981, саромӯзгори кафедраи умумидонишгоҳии забони тоҷикӣ;
63. ҶАЛИЛОВА МУШКӢ, 27.04.1981, ассистенти кафедраи биология ва методикаи таълими он;
64. МИРСАИДОВ МУҲАММАДНАИМ, 28.04.1986, номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсенти кафедраи назарияи иқтисодӣ;
65. ЁРМАТОВА НИЛУФАР, 28.04. 1997, ассистенти кафедраи адабиёти хориҷӣ бо МТЗАР;
66. БАРОТОВ НИЗОМ, 28.04.1950, омӯзгори кафедраи таҳсилоти томактабӣ ва кори иҷтимоӣ;
67. ҚУРБОНОВ АНИС, 29.04.1996, ассистенти кафедраи иқтисодиёти корхонаҳо ва соҳибкорӣ;
68. АБДУЛОВ ДИЛШОД, 30.04.1986, саромӯзгори кафедраи менеҷмент ва маркетинг;
69. МОҲШАРИФИ ЁҚУБӢ, 30.04.1987, саромӯзгори кафедраи методикаи таълими забонҳои хориҷӣ;
70. МУҲАММАДҶОНИ АЗИЗУЛЛО, 30.04.1991, асисстенти кафедраи молия ва қарз;

АНВОРИ ДОНИШ

**МУАССИС:**
ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ КӮЛОБ БА НОМИ АБУАБДУЛЛОҲИ РӮДАКӢ

**ҲАЙАТИ МУШОВАРА:**

**РАҲМОН ДИЛШОД САФАРБЕК,**
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор, ректори Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ

**ИБОДОВ МАҲМАДУЛЛО,**
доктори илмҳои фалсафа, профессор

**ХОЛИҚЗОДА АЙНИДДИН,**
номзади илмҳои филологӣ, дотсент

**ХУДОЙДОДОВА ШАРОФАТ,**
номзади илмҳои филологӣ, дотсент

**ҒУЛОМОВ ИСЛОМ,**
доктори илмҳои педагогӣ, профессор

**АБДУЛЛОЕВ МАҲМУД,**
доктори илмҳои таърих, профессор

**МИРЗОЕВ САЛИМ,**
доктори илмҳои педагогӣ, профессор

**ИЗЗАТУЛЛОЕВ КУГАН,**
номзади илмҳои педагогӣ, дотсент

**ЗАФАР МИРЗОЁН,**
ховаршинос, профессори фахрии донишгоҳ

**РАФИЕВ САФАРХОН,**
номзади илмҳои педагогӣ, дотсент

**НАЗАРОВ ҲОТАМ,**
номзади илмҳои педагогӣ, дотсент

**АБДУСАМАДЗОДА ЭРАҶ,**
номзади илмҳои филологӣ, дотсент

**САРМУҲАРРИР:**
**ҶАҲОНГИР РУСТАМШО,**
номзади илмҳои филологӣ, дотсент

Андеша ва ақидаҳои нашршудаи шахсии муаллифон дар мақолоту гузоришҳо ақидаи расмии ҳайати эҷодии рӯзнома маҳсуб намешавад. Дурустии асноду далели мақолаҳо ба уҳдаи муаллифон аст.

Рӯзнома дар ҶДДМ "Мега-принт" ба табъ расидааст. Адади нашр 5000

Нашрия дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти №364/РЗ-97, 31.03.2023 аз нав ба қайд гирифта шудааст.

Маводҳо бо забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ нашр мешаванд. Рӯзнома тариқи обуна дастрас мегардад.

**НИШОНӢ:**
735360. ш.Кӯлоб, кӯчаи С. Сафаров 16
E-mail: anvor.donish@kgu.tj
Телефон: корӣ: (83322) 3- 31- 15,
мобилӣ: 985-76-77-12; 981-00-02-19